Абӯҳафс Маҳмуди Исфаҳонӣ

# Туҳфат-ул-мулук

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ИЛМИИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ»**

**Абӯҳафс Маҳмуди Исфаҳонӣ**

# ТУҲФАТ-УЛ-МУЛУК

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд – 2015**

ББК 74. 200.53
Т – 99

**Абӯҳафс Маҳмуди Исфаҳонӣ. ТУҲФАТ-УЛ-МУЛУК.**
– Хуҷанд: Ношир, 2015. – 120 саҳ.

*Муҳаррири масъул*
*доктори илмҳои филологӣ*
*Фахриддин Насриддинов*

*Таҳия ва тавзеҳи*
*Мухлиса Нуруллоева ва Иззатбек Шехимов*

«Туҳфат-ул-мулук» аз арзишмандтарин мероси ахлоқии ниёгони мо буда, дар худ зубдаи андарзҳои ҳакимонро фароҳам овардааст.

Китоб барои дилбастагони адабиёт, ҳомиёни фарҳанги миллӣ ва тамоми арҷгузорони дониш хеле судманд мебошад.

ISBN 978-99975-41-73-4

**© МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ», 2015**

*Ҳамди пок аз ҷони пок он Покро,*
*К-ӯ хилофат дод муште хокро.*

# ҲИКМАТ САРМОЯИ МОСТ

*Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,*
*Ин ду қувват эътибори миллат аст.*
*Он футуҳоти ҷаҳони завқу шавқ,*
*Ин футуҳоти ҷаҳони таҳту фавқ.*
*Ҳарду инъоми Худои лоязол,*
*Муъминонро он ҷамол аст, ин ҷалол.*
*Дона он саҳронишинон коштанд,*
*Ҳосилаш афрангиён бардоштанд.*
*Ин пурӣ аз шишаи аслофи мост,*
*Боз сайдаш кун, ки ӯ аз Қофи мост.*

Ҳикмат – нафистарин гавҳарест, ки дар садафи синаи орифон ва кӯраи андешаи ҳакимон парварида мешавад.

Боиси саодатмандист, ки ниёгони мо он ҳикматҳо, ки аз чашмаи синаи орифон ҷӯшидаву аз забонҳои онон берун таловидааст ва он гавҳарҳои маънӣ, ки дар кӯраи андешаи ҳакимон пухтаву аз хомаҳои эшон фурӯ рехтааст, дар судуру сутур маҳфуз доштаанд.

Пас, бояд дар талаби чунин гавҳарҳои ҳикамӣ боби матлубонро кӯфт ва назди ганҷурони ҳикмат изҳори ниёз намуд.

Бешак, дар дастёбӣ бар ин ормон андарзномаҳо ва осори ахлоқӣ умедбахштарин ва пурбортарин манбаъҳое ҳастанд, ки метавон аз онҳо ба осонӣ матлуби худро ба даст овард ва ниёзи хешро бароварда сохт.

Яке аз ин навъ осор, китоби «Туҳфат-ул-мулук»-и Абӯҳафс Маҳмуди Исфаҳонист, ки инак дар даст доред.

Дар ҳеҷ ҷое аз китоб матлабе, ки марбут ба шахсият ва зиндагиномаи мусаннифи китоб бошад, ба назар намерасад. Сарчашмаҳо низ дар мавриди шарҳи ҳоли ӯ

хомӯшанд. Аммо аз зикри баъзе амирону шоирон, ки дар матни китоб омадааст, равшан мегардад, ки ӯ аз ҳакимону фозилони нимаи дувуми асри XII форсу тоҷик будааст. Сабки наср ва хусусиятҳои таълифии китоб низ ин андешаро таъйид менамояд.

«Туҳфат-ул-мулук» (Ҳадя бар подшоҳон) аз андарзномаву сиёсатномаҳои мондагори адабиёти мост ва дар байни осоре, ки дар ин замина ба қалам омадаанд, ба монанди «Насиҳат-ул-мулук»-и Абӯҳомид Ғаззолӣ, «Сияр-ул-мулук» («Сиёсатнома»)-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Сулук-ул-мулук»-и Фазли Рӯзбеҳон, «Ахлоқи носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ, «Ахлоқи мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Туҳфат-ул-мулук»-и Ҷаъфар ибни Абӯисҳоқи Доробӣ аз мақоми хосса бархурдор аст.

Аз муқаддимаи китоб бармеояд, ки ангезаи тасниф хоҳиши дӯстону дархости бузургон будааст.

Мусанниф муҳтавои китобро дар қолаби муқаддима ва понздаҳ боб рехтааст.

Дар муқаддима номи пурраи китоб «Туҳфат-ул-мулук ва насиҳат-ул-аҷоиб» сабт ёфтааст. Ин бар он ишора дорад, ки китоб хос дар насиҳати подшоҳон нест, балки чун дигар андарзномаву сиёсатномаҳо дар мисоли соҳибдавлатон тамоми ҷомеаро мухотаб қарор медиҳад.

Мусанниф дар ҳар боб марбут ба мавзуъ бо забони шевову насре зебо ба гуфтор мепардозад ва ақволи худро бо оёту аҳодис, ҳикматҳо ва ашъор таъйиди бештар мебахшад.

Ҳикматҳо бештар аз забони ҳакимони Юнон – Арасту, Афлотун, Батлимус, Фисоғурс, Буқрот, фарзонагони аҳди сосонӣ – Бузарҷмеҳр, Меҳронбеҳ, Мӯбад, Синдбод, хирадмандони араб – Кисоӣ, Шофеӣ, Ҳасани Басрӣ, Маъруфи Кархӣ ва ҳукамои Руму Ҳинду Чин баён гардидаанд.

Ҷой-ҷой ҳикоятҳои дилчасп аз рӯзгори подшоҳону хулафо, чун Ардашери Бобакон, Анӯшервон, Хусрав, Ҳорунаррашид, Муътасим, Ҳаҷҷоҷ, Абдулмалики Марвон, Хоқони Чин, Манучеҳр, Маликшоҳ ва орифону донишмандони номвар, ба мисли Зайнулобидин, Абӯҳозим, Абӯҳанифа, Аъмаш, Абулмаолӣ ва ғайра бамаврид нақл ёфта, матлабро хеле хонданиву муассир сохтаанд.

Яке аз хусусиятҳо, ки арзиши китобро хеле боло бурдааст, баҳрабарӣ аз ашъори шоирони давраи оғозини шеъри форсии тоҷикӣ ҳамчун Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Исҳоқи Ҷӯйборӣ ва муосирони эшон мебошад.

Дар китоб ба бештар аз дусаду панҷоҳ байт, ки аксар шеъри рӯдакивор ва сурудашуда дар сабки хуросонианд, истишҳод сурат гирифтааст.

Китоб дар мавриди қисме аз абёт сарчашмаи мунҳасир ба фард ва ягона дар зоти хеш ба ҳисоб меояд ва ин ашъор танҳо ба василаи ҳамин тасниф то замони мо боқӣ мондаанд.

Арзишҳои баланди илмӣ ва ахлоқӣ-тарбиявии «Туҳфат-ул-мулук» сабаб гардидаанд, то ин асар дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз муҳимтарин сарчашмаҳо муаррифӣ ёбад ва барӯмандтарин муҳаққиқони ғарбиву шарқӣ ба мисли Жилбер Лазар, Эдвард Денисон Росс, Чорлз Ҳенрӣ, Саид Нафисӣ, Муҳаммадхон Қазвинӣ, Муҷтабо Минавӣ, Эраҷ Афшор ва иддае дигар ба тасҳеҳу таҳқиқи он ҳиммат баргуморанд.

Аммо ин китоби мондагор бо ин ҳама арзиш ҳанӯз дар Тоҷикистон ба таври комил нашр наёфтааст ва ворисони он натавонистаанд ба ин мероси маънавии худ дастрасӣ пайдо намоянд.

Масъулияти муҳаққиқон ва марказҳои илмист, ки бо эҳёву нашри чунин мерос қарзи маънавии хешро дар баробари миллат ва ворисони маънавии ин навъ осор адо намоянд.

Мавриди сипосмандист, ки бо пуштибонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд марказҳои илмӣ бо ҳадафи рушд бахшидан бар таҳқиқу тарғиби адабиёту фарҳанги миллӣ ба фаъолият машғул ҳастанд.

Алҳол, китобе, ки дар пешорӯи шумо қарор дорад, намунае аз самараҳои ин навъ фаъолият мебошад.

Шоистаи ёдоварист, ки матни китоб аз рӯи тасҳеҳи Алиакбар Аҳмади Доронӣ бо кӯшиши Мухлиса Нуруллоева ва Иззатбек Шехимов бо шарҳу тавзеҳи луғату таъбир ва ҷумлаву матлабҳои душворфаҳм таҳия гардидааст.

Умедворем, ки нашри китоб моро дар дастёбӣ бар сармояи хеш – ҳикмат комёб ва дар рушди адабу фарҳанги миллӣ шарафёб хоҳад сохт.

**Фахриддин Насриддинов,**
*доктори илмҳои филологӣ*

**Абӯҳафс Маҳмуди Исфаҳонӣ**

# ТУҲФАТ-УЛ-МУЛУК

بسم الله الرحمن الرحيم

# МУҚАДДИМА

Шукру сипоси беқиёс ҳазрати он Худойро, ки мустаҳиққи ҳамду сано вуҷубу вуҷуди Ӯст ва вуҷуди ҷумла мумкинот мустафод аз файзи ҷуди Ӯ. Ва зоти Ӯ, азза шаънуҳу[1], аз тағайюру такассур[2] ва мушокилати макону муносибати замон муназзаҳ аст ва аз мушобиҳати аърозу ҷавоҳир ва муқобилаи аҳдоқу[3] навозир мубаррову муқаддас. Ҳастии ҳама мавҷудот ба қудрату иродати Ӯст ва ҳеч чиз аз идроку иҳотати илми Ӯ берун нест – *«Ло йаъзубу ъанҳу мисқолу зарратин фи-с-самовоти ва ло фи-л-арзи ва ҳува-л-латиф-ул-хабир»*[4]. Ва салавот бар Муҳаммади Мустафо, саллаллоҳу алайҳи, ки нухбаи мавҷудот ва ҳодии сабили наҷот аст ва бар олу асҳоби ӯ, ки муқтадои уммат ва пешвои аҳли дину миллатанд, бод!

Аммо баъд, бидон, ки мусаннифи ин китоб Алӣ ибни Абӯҳафс ибни Фақеҳ Маҳмуд ал-Исфаҳонӣ, раҳматуллоҳи алайҳи ва раҳматан восиъатан, чунон фармудааст, ки бузургони мозӣ ва умарои мотақаддам ва мулукони аср дар боби насоеҳ ва одоб ҳама чиз тартиб кардаанд. Ва чун арбоби фазоилу дониш ва бузургон аз салотину мулук ва умаро аз мани бечораи заифи наҳиф чунин рисолаи ғарибу аҷиб илтимос карданд, ин бечораи хотиву[5] ҷофӣ[6] аз ҳар китобе, ки аз кутубҳои мавъиза ва насоеҳ буд аз бузургони дин, ҷамъ кардам, сахт дар ғояти хубӣ, чунонки дар ин аср

---

[1] Яъне: Ҷалолату шукӯҳи Ӯ арҷманд бод.

[2] такассур – зиёд шудан

[3] аҳдоқ – дидаҳо, чашмҳо

[4] Яъне: Ҳамвазни заррае дар осмонҳову замин аз Ӯ пӯшида намемонад (сураи Сабаъ, ояти 3). Ва Ӯ Борикбини Огоҳ аст (сураи Мулк, ояти 14).

[5] хотӣ – хатокор

[6] ҷофӣ – (бар худ) ситамгар

касе надида буду нашунида ва дар таълиф овардам ва ӯро «Туҳфат-ул-мулук ва насиҳат-ул-аҷоиб» ном ниҳодам, то ҳар касе аз аҳли донишу фазл ин рисолаи ғарибу аҷибро мутолиа кунад, ӯро аз он насоеҳ баҳраи ухравӣ ва давлати дунявӣ ба ҳосил ояд.

## Оғози китоб ва ин муштамил аст бар понздаҳ боб

### Феҳрист-ул-абвоб:

Боби аввал: Дар хирад.
Боби дувум: Дар дониш.
Боби савум: Дар нодонӣ.
Боби чаҳорум: Дар сухан.
Боби панҷум: Дар ҳикмату амсол.
Боби шашум: Дар дӯст.
Боби ҳафтум: Дар душман.
Боби ҳаштум: Дар насиҳати фарзанд.
Боби нуҳум: Дар подшоҳиву кайфияти он.
Боби даҳум: Дар хидмати подшоҳ.
Боби ёздаҳум: Дар сабру шитоб.
Боби дувоздаҳум: Дар некиву бадӣ.
Боби сездаҳум: Дар хӯйи нек ва хӯйи бад.
Боби чаҳордаҳум: Нуҳуфт доштани роз.
Боби понздаҳум: Дар дунё ва ҳирсу оз.

# БОБИ АВВАЛ
# ДАР ХИРАД ВА ХАСОИЛИ ХИРАДМАНД

Ва ин боб мунҳасир аст бар ду қисм: қисми аввал дар ситоиши хирад ва қисми дувум дар хасоили аҳли хирад.

## Дар ситоиши хирад

Қисми аввал: Пӯшида нест, ки хирад ҷавҳаре шариф аст ва бар офариниш шарафи сабақи вуҷуди ӯ муҳаққақ[1] аст ва вуруди хитобу таклиф бар ҳусули ақл мавқуф аст ва Расулро, саллаллоҳу алайҳи, Эзад, азза шаънуҳу, ба аҳли хирад фиристод ва хитоб бо хирадмандон кард ва дар каломи маҷид фармуд: *«Инна фӣ халқи-с-самовоти ва-л-арзи вахтилофи-л-лайли ва-н-наҳори лаоётин лиули-л-албоб»*[2]*. Расул фармудааст: «Мо аъталлоҳу ъибодаҳу аҳсана мина-л-ъақли».* Яъне, Худой, азза ва ъало, надодааст бандагони худро чизе некӯтар аз хирад. Ва дар Таврот мактуб аст: *«Ло надима азяну мина-л-ъақли».* Яъне, ҳеч надиме нест ороядатар аз ақл.

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Чунонки қавоми ҷисм ба ҷон аст, қавоми ҷон ба ақл аст. Ва ҳар кас, ки аз хирад холист, агар мамолику амволи ҷаҳон ӯро муяссар шавад ҳам, зоеътарини мардум ӯ бошад».

Шеър:

---

[1] муҳаққақ – собит, ба исбот расида, мусаллам

[2] Яъне: Ба дурустӣ, ки дар офариниши осмонҳову замин ва омадурафти шабу рӯз нишонаҳоест барои соҳибхирадон (сураи Оли Имрон, ояти 190).

*Гар Худованди осмон додааст*
*Моли Қорун турову мулки Азиз.*
*Гар надорӣ ҳунар, надорӣ ҷоҳ,*
*В-ар надорӣ хирад, надорӣ чиз.*

Афлотун гуфтааст: «Бузургтарин гавҳар хирад аст ва гуфтори хубу забони ширин».

Шеър:

*Хирадманд донад, ки покиву шарм,*
*Дурустиву родиву гуфтори нарм.*
*Бувад хӯйи покону хӯйи малак,*
*Чи андар замину чи андар фалак.*

Меҳронбеҳ гуфтааст: «Ҳар касеро анбозе ҳаст ва анбози подшоҳон хирад аст, зеро ки хирад шоҳи тан аст ва тасарруф дар мамолики бадан хирадро расад ва мардумро аз торикӣ ба равшаноӣ хирад барад ва ҳаллу акди[1] умури олам аз хирад зоҳир мешавад.

Шеър:

*Хирадманд гӯяд: Хирад подшост,*
*Ки бар хосу бар ом фармонравост.*
*Хирадро тани одамӣ лашкар аст,*
*Ҳама шаҳвату орзу чокар аст.*

Ҳукамо гуфтаанд: «Хирад музоҳир[2] ва муовини мардум аст дар вақти сахтиву душворӣ ва ҳар кӣ истизҳори[3] худ хирадро донад, ба орзуву муроди худ бирасад ва ҳар кӣ ба машварати хирад кор кунад, ҳаргиз пушаймон нашавад».

Шеър:

*Хирад – чун надонӣ, биёмӯзадат,*
*Чу пажмурда гардӣ, барафрӯзадат.*
*Хирад бе миёнҷиву бе раҳнамой,*
*Бидонад, ки ҳаст ин ҷаҳонро Худой.*

---

[1] ҳаллу акд – кушодану бастан
[2] музоҳир – ёригар
[3] истизҳор – пуштибон

Баҳром ибни Меҳрони Исфаҳонӣ гӯяд, ки ҳунари мард аз некбахтиву ҳунари некбахтӣ аз хирад аст ва ҳунари хирад саломат ёфтан аст ва ҳунари саломат гузоштани ин ҷаҳон аст ба ризои Худой.

Шеър:

*Хирадманд гӯяд: Ман аз гурӯҳ,*
*Хирадмандро беш дидам шукӯҳ.*
*Хирад подшоҳе бувад меҳрубон,*
*Бувад орзу гургу ӯ чун шубон.*

Ҳукамои порс гуфтаанд, ки хирад раҳнамуне бузург асту пуште қавист ва калиди донишҳост ва донишу фарҳанг анбозони хираданд ва хӯйи нек корбанди хирад аст. Ва чун хирадмандро коре пеш ояд, худро ба хирад супорад, то аз балоҳои ҷаҳон эмин гардад ва чун сахтӣ рӯй намояд, хирадро муовини худ гардонад, то аз он машаққат бираҳад ва аз мазоиқ[1] халосу наҷот ёбад.

Шеър:

*Хирадманд гӯяд, ки марди хирад*
*Ба ҳангоми хеш андарун бингарад.*
*Кунад некӣ афзун чу афзун шавад*
*В-аз оҳуи бад пок берун шавад.*

Ҳакимон гуфтаанд: «Ҳар чизеро олате ҳаст ва олати доноён хирад аст ва ҳар касеро муовине ҳаст ва муовини ҷон хирад аст ва ҳар касеро оромише ҳаст ва оромиши парҳезгорон хирад аст ва ҳар касеро анбозе ҳаст ва анбози ҳакимон хирад аст ва хирадро бар биноии чашм бибояд гузидан, ки Худои таоло хирадро барои он ба мардум додааст, то ҳар чи ба чашми сар натавонад дидан, ба чашми хирад бозбинад».

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Бузургтарин гавҳаре хирад аст ва некӯтарин пирояе шарм аст ва меҳрубонтарин дӯсте дониш аст ва бузургтарин таматтуе рифқ[2] аст».

---

[1] мазоиқ – тангно

[2] рифқ – нармӣ, лутфу меҳрубонӣ

## Дар хасоили аҳли хирад

Қисми дувум. Дар хасоили аҳли хирад ва он даҳ хислат аст:

Хислати аввал – тарсидан аст аз Худои таоло дар сирру алония[1]. Ва Пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи, мефармояд: *«Махофатуллоҳи таъоло раъсу кулли ҳикматин».* Яъне, тарсидан аз Худой, азза исмуҳу[2], сари ҷумлаи ҳикматҳост. Ва бар ин маънӣ насси[3] набавӣ бисёр ворид шудааст ва аз фавоиди вай он аст, ки ҳар кӣ аз Худой, азза исмуҳу, битарсад, Худои таоло вақъ[4] ва ҳайбати ӯ дар дили халоиқ ниҳад ва ҳар кӣ аз Худой натарсад, Худои таоло ӯро дар чашми мардум хору ҳақир гардонад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, мефармояд: *«Ман хофаллоҳа таъоло хаввафаллоҳу минҳу кулла шайъин ва ман лам йахофиллоҳа хаввафаҳуллоҳу мин кулли шайъин».* Яъне, ҳар кӣ аз Худои таоло битарсад, Худои таоло ҷумла чизҳоро аз ӯ битарсонад ва ҳар кӣ аз Худои таоло натарсад, Худои таоло ӯро аз ҷумла чизҳо битарсонад.

Хислати дувум – ақлро бар ҳавои нафс чира доштан аст. Ва Худой, азза исмуҳу, мефармояд: *«Ва ло таттабиъи-л-ҳаво»*· Яъне, мутобиати[5] нафс макун. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, мефармояд: *«Офат-уд-дини ал-ҳаво»* Яъне, офати диндорӣ мутобиати ҳавост.

## Ҳикояти малики Рум ва малики Порс

Ҳикоят: Малики Рум аз расули малики Порс пурсид, ки мо фозилтарем ё малики шумо?

Расул ҷавоб доду гуфт: «Ӯ фозилтар, ки бар ҳавои нафс қодиртар». Ва ин маънӣ аз Зинуни Акбар, ки аз

[1] алония – ошкоро
[2] Яъне: Номи Ӯ баланд бод.
[3] нас(с)– сухани сареҳу возеҳ
[4] вақъ – ҳайбат, эътибор
[5] мутобиат – пайравӣ, фармонбарӣ

машоҳири ҳукамои Юнон аст, суол карданд, ӯ низ ҳамин ҷавоб дод. Ва аз фавоиди вай он аст, ки ҳар гоҳ, ки ақл бар ҳаво чира шавад, бештари корҳо, ки воқеъ гардад, бар вифқи[1] шариат ва фармони Кирдигор бувад ва он аз ҷумлаи амороти[2] суботу давоми давлат бувад ва ҳар гоҳ, ки ҳаворо бар хирад чира доранд, ба мутобиати ҳаво даст дар амволу ҳарими мусалмонон ба татовул дароз кунанд ва ба шумии он мулку давлат рӯй ба завол ниҳад.

Хислати савум – суханро рост ва ба андеша гуфтан аст. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, мефармояд: *«Афзал-ул-лисони лисонун садуқун».* Яъне, фозилтарин забонҳо забони ростгуфтор аст. Ва ҳукамо гуфтаанд, ки ростӣ сари ҳамаи ҳунарҳост ва аз он аст, ки бузургони дин гуфтаанд: «Ҳар кӣ ростиро шиору дисори[3] худ гардонад, Худой, азза шаънуҳу, дар сирру алония бар вай рост орад».

Хислати чаҳорум – тадбир кардан дар корҳост. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, мефармояд: *«ат-Тадбиру нисф-ул-маъишати».* Ва мефармояд: *«Ло ақла ка-т-тадбири».* Яъне, тадбир кардан як нимаи маишат аст. Ва ҳеч ақле беҳтар аз он нест, ки мудаббири корҳо бошад. Муҳаммад Ҷаҳм ал-Бармакӣ гӯяд: «Тадбир кардан дар корҳо ҳамчунон аст, ки зар ба оташ баранд, то аз ғаш пок гардад». Ва аз фавоиди ӯ он аст, ки ҳар коре, ки ба андеша оғоз кунанд, ғолибу зоҳир он бошад, ки ба муқтазои иродат ба итмом анҷомад ва ҳар коре, ки аз сари шитоб ва беандеша оғоз кунанд, ҳосили вай ҷуз надомат ва пушаймонӣ набувад.

Хислати панҷум – таҷрибат кардан ва бо худовандони таҷрибат машварат кардан. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, мефармояд: *«Ло ҳакима илло зу таҷрибатин».* Яъне, ҳақиқати кор надонад, илло он кас, ки таҷриба карда бошад ва кайфияти он дониста. Ва араб масал задааст: *«Ъалайка биули-т-таҷоруби».* Бар ту бод, ки бо худовандони таҷрибат

---

[1] вифқ – мувофиқ

[2] аморот – аломат ва нишонаҳо

[3] дисор – пӯшиш; худро комилан зери чизе қарор додан

машварат кунӣ. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ло музоҳирата авсақу мина-л-мушоварати».* Яъне, ҳеч истизҳоре беҳтар аз машварат нест. Ва Синдбоди ҳаким гӯяд: «Ҳар чизро ба хирад ҳоҷат аст ва хирадро ба озмоиш ҳоҷат аст ва аз фавоиди ӯ он аст, ки то касеро дар бештари афъол наёзмоянд, бар вай эътимод нашояд кардан ва эмин нашояд будан, ки эминӣ аз озмоиш тавон ёфтан».

Хислати шашум – гуфтори хуб ва забони ширин аст. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Калимату-т-тайибату садақатун».* Яъне, гуфтори некӯ гуфтан ба масобати[1] садақа додан аст. Ва аз фавоиди ӯ он аст, ки ҳар киро забон ширину гуфтор хуб бувад, дӯстии ӯ дар дили мардум зоҳир шавад ва мардум бо вай дӯстиву бародарӣ кунанд. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ман лонат калиматуҳу ваҷабат маҳаббатуҳу».* Яъне, ҳар киро гуфтори вай оҳиста ва хуб бувад, воҷиб шавад бо вай дӯстӣ кардан. Амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, гуфтааст: *«Ман ъазуба лисонуҳу касура ихвонуҳу».* Яъне, ҳар киро гуфтор хуб ва забон ширин бувад, бародарони ӯ бисёр шаванд.

Хислати ҳафтум – шарм доштан аст. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Ҳаёу мина-л-имони».* Ва фармудааст: *«ал-Ҳаёу хайрун куллуҳу».* Яъне, ҳаё аз имон аст. Ва ҳаё дар ҷумлаи аҳвол некӯст ва ҳамагии ҳаё некӯст. Ва аз фавоиди ӯ он аст, ки ҳар киро, ки ҳаё набувад, аз ӯ вафо таваққуъ нашояд дошт ва бар вай эътимод набояд кард. Аристатолис гуфтааст: «Бо касоне дӯстӣ бояд кардан, ки эшонро ҳаё бувад ва он касро, ки ҳаёву шарм набувад, аз вай дӯстӣ наёяд».

Хислати ҳаштум – рифқу мадоро кардан аст. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Раъс-ул-ъақли баъда-л-имони ал-мадороту».* Яъне, сари хирад баъд аз имон ба Худои таоло, мадоро кардан аст бо мардум. Ва аз фавоиди ӯ он аст, ки ҳар кӣ рифқу мадоро одат кунад ба

[1] масобат – монанд, андоза

василати сабру оҳистагӣ, баҳраи хеш аз дунё бо осудагӣ биёбад ва ба охират низ савоби бениҳоят ёбад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ман уътия ҳаззаҳу минар-рифқи фақад уътия хайра-д-дунё ва-л-охирати».* Яъне, ҳар киро баҳрае аз рифқ бидоданд, ӯро баҳраи некӣ аз дунё ва охират дода бошанд.

Хислати нуҳум – тавозуъ кардан аст уламо ва пиронро аз барои шарафи илм ва пирӣ. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ман тавозаъа лиллоҳи рафаъаҳуллоҳу».* Яъне, ҳар кӣ Худои таолоро тавозуъ кунад, Худой, азза ва ҷалла, вайро бузург гардонад ва рифъаташ зиёдат кунад. Ва аз фавоиди ӯ он аст, ки ҳар кӣ пиронро тавозуъ кунад, ба шарафи пирӣ бирасад ва дар вақти пирӣ бузург ва гиромӣ бувад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Мо акрама шоббун шайхан ликибариҳи, илло қаййазаллоҳу лаҳу ъинда кибари синниҳи ман йукримуҳу».* Яъне, гиромӣ надошт ҳеч ҷавоне пиреро аз барои шарафи пирии ӯ, илло, ки Худой, азза ва ҷалла, баргуморад касонеро, ки дар вақти пирӣ ӯро гиромӣ ва азиз доранд.

Ва дар ин ҳадис ҳам башорат аст, ки мутавозеон[1] ба пирӣ расанд ва ҳам башорат аст, ки дар вақти пирӣ гиромӣ бошанд.

Хислати даҳум – он ки ҳар коре, ки он кор дар нафси худ воҷиб набошад ва иқдом бад-он дар мутаорифи[2] халқ мустаҳаб[3] набошад ва ҳеч ғаразе ҳолӣ ё молӣ бар вай мавқуф набошад, тарки он кор бикунад, то ба ҳусни ислом мавсуф бошад.

Ҳикоят: Гӯянд, ки дар рӯзгори мотақаддам подшоҳзодае будааст дар билоди Порс ва чун подшоҳӣ ба вай расид, хост то дар мамолики худ назар кунад. Дар вақти муфорақат устоди худро гуфт: «Маро насиҳате кун, ки дар ин ҷаҳон ба рафоҳият ва осудагӣ зиндагонӣ кунам ва хотимати ман бар саодат бувад ва ба охират дастгири ман

[1] мутавозеон – хоксорон, фурӯтанон

[2] мутаориф – мувофиқ бо урф, маъмул

[3] мустаҳаб – некӯ, писандида

шавад». Устод вайро гуфт: «Худро аз андешаи он ҷаҳон холӣ мадор ва чун некӣ ёбӣ, шукр кун ва дил дар аъроз[1] ва амволи дунё мабанд ва бар он, ки аз ту фавт шавад, ҳасрат махӯр ва ба сипос шармгин бош ва ба иқдом дар маҳорим тарсанда шав ва сухане, ки туро дар он манфиат набувад ва мазаррати дигаре бувад, магӯй ва чун ғаразе муҳаққақ шавад, некӯӣ кун ва салоҳи худ ба фасоди кас маҷӯй ва чун коре расад, андар вай сабр кун ва хурсандӣ бар хости худ бигзин, ки ҳам дар ин ҷаҳон ба василати ин хасоил ҳаззу[2] насиби худ ба осонӣ биёбӣ ва дар охират дастгири ту бошад».

---

[1] аъроз – чизҳои беасл

[2] ҳаз(з) – баҳра, насиб, ҳисса

# БОБИ ДУВУМ
# ДАР СИТОИШИ ДОНИШУ АҲЛИ ДОНИШ ВА ХАСОИЛИ МАРДУМИ ДОНО

Оламиёнро маълуму мусаввар аст, ки беҳтарини чизҳо дониш аст. Ва Худои таоло дар ҳаққи аҳли дониш мефармояд: *«Ва-л-лазина уту-л-ъилма дараҷотин»*[1]. Ва мефармояд: *«Қул ҳал йастави-л-лазина йаъламуна ва-л-лазина ло йаъламуна»*[2]. Ва мефармояд: *«Ва ман йуъта-л-ҳикмата фақад утия хайран касиран ва мо йаззаккару илло улу-л-албоби»*[3].

Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Ъилму канзун ъазимун ло яфнӣ»*. Яъне, дониш ганҷе бузург аст, ки фонӣ нашавад. Ва фармудааст, ки: *«ал-Ъуламоу варасат-ул-анбиёи»*. Яъне, уламои аҳли дин ворисони анбиёанд.

Ва амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, гуфтааст: *«аш-Шарафу биҳусни-л-адаби ло бифазли-л-ҳасаби»*. Яъне, шарафу бузургӣ ба некӯии адаб аст, на ба бузургиву бешии ҳасабу насаб.

Ҳукамои порс гуфтаанд: «Беҳтарини ҳамаи чизҳо

---

[1] Яъне: (Худованд) ононеро, ки ба онҳо илм ато карда шудааст, (ба мартабаҳои баланд мерасонад) (сураи Муҷодала, ояти 11).

[2] Яъне: Бигӯ: «Оё онон, ки медонанд ва онон, ки намедонанд, баробаранд? Танҳо соҳибхирадон пандпазир мешаванд» (сураи Зумар, ояти 9).

[3] Яъне: Ва (Худо) бар касе, ки ҳикмат додааст, ҳаққо, ки ба ӯ хайри бисёре бахшидааст; ва танҳо хирадмандон панд мепазиранд (сураи Бақара, ояти 269).

дониш аст ва он касро, ки нафси ӯ ба ҳиляи[1] улум ороста нест, ӯ аз доираи инсоният берун бошад ва натиҷаи он нафс, ҷаҳл бошад».

Шеър:

*Шараф аз дониш аст, к-аз олим*
*Ҳеч нодон шараф наёвардааст.*

* * *

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон,*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Нӯшервони одил гуфтааст: «Сари ҳама некиҳо дониш аст ва шарафи бузург аз дониш аст ва некбахт бувад он кас, ки ёри ӯ доно бувад».

Шеър:

*Хирадманд гӯяд, ки таъйиду фар,*
*Ба дониш ба мардум расад, не ба зар.*
*Чу доно шавад марди бахшандакаф,*
*Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф.*

Манучеҳр гуфтааст, ки дониш чун чароғи равшан аст, ки агарчи бисёр чароғҳо аз ӯ барафрӯзанд, аз вай ҳеч кам нашавад.

Чиниён гуфтаанд, ки дониш ороиши дину дунёст. Ва ҳама чун бисёр шавад, хору арзон гардад, магар дониш, ки ҳарчи бештар, азизтар.

## Ҳикояти Сулаймон пайғамбар

Ҳикоят: Сулаймон пайғамбар, алайҳиссалом, бодро фармон дода буд, то тахти ӯро бар ҳаво барад. Бод тахти ӯро бар ҳаво бурду бар шаҳристоне фуруд овард, ки бар

[1] ҳиля – ороиш, зебу зиннат

дари он шаҳр навишта буд, ки: «Кӯшиши якрӯзаро уҷрат як дирам асту некӯии вақтро мукофот сад дирам ва дониши яксоатаро баҳо падид нест».

Батлимус гуфтааст, ки дониш сари ҳама ройҳову тадбирҳост. Ва гуфтаанд, ки агар донишро фазлу шараф зиёд набудӣ, фармони уламо бар хосу ом ва димоъву[1] амвол чунин нофиз набудӣ ва номи уламо чунин бузургвор дар ҷаҳон намондӣ ва подшоҳон мутобиат аз рою тадбирҳои аҳли дониш накардандӣ.

Абӯшакур гӯяд:

*Гуҳар гарчи боло, на беш аз ҳунар,*
*Зи баҳри ҳунар шуд гиромӣ гуҳар.*

Ҳукамо гуфтаанд: «Дониш ба ҳангоми сахтӣ дастгири мард аст ва ба ҳангоми дармондагӣ ёру рафиқ аст ва муовину музоҳир аст».

### Ҳикояти Муътасими халифа ва аҳли Басра

Ҳикоят: Сухани бадониш чунон муфид бувад, ки Муътасими халифа бар аҳли шаҳри Басра хашм гирифту лашкар кашид ва аз Бағдод бар дари Басра омаду хост, ки ғорат кунад. Машоихи Басра берун шуданду ба сесад ҳазор динор Басраро бозхариданд ва халифа ризо надод. Ва дар Басра олиме буд, номи ӯ «Абдурраззоқи Санъонӣ», аз машоҳири уламои он аср буд ва надимии Ҳорунаррашид карда буд. Пеши Муътасими халифа рафту шафоат кард, иҷобат наяфтод ва ӯро гуфт: «Ту бо мардуми худ аз Басра берун шаву ба муаскари[2] мо пайванд, то саломат ёбӣ!» Олим гуфт: «Ё амиралмуъминин! Муддати бист сол аст, ки дар ин шаҳрам ва ба гоҳи осудагӣ бо эшон баҳам будам, акнун ба гоҳи меҳнат натавонам ҷудо шудан. Ва бархост, ки бозгардад, аз ҷумлаи муридони вай ҷавоне буд пурдониш ва номи ӯ «Ҳарис» буд, бархосту гуфт: «Ё амиралмуъминин! Афв кун, ки агар пушаймон шавӣ, ки

[1] димоъ – ҷонҳо

[2] муаскар – лашкаргоҳ

чаро уқубат накардам, тавонӣ уқубат кардану талофии он кардан ва агар уқубат куниву пушаймон шавӣ, ки чаро афв накардам, тадоруки он даст надиҳад, ки гуфтаанд: «Чаҳор чиз боз натвон овардан: сухани гуфта, тири андохта, умри гузашта, қазои рафта». Ин сухан дар дили Муътасими халифа асар кард, ки гуфторе азим бадониш буд ва он ҷавонро хилъат фармуд ва аҳли Басраро афв кард. Пас, фавоиди сухани бадониш инчунин бувад.

Шеър:

*Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,*
*На ӯ ёфта монд, на омӯзгор.*
*Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,*
*Ба дониш тавон риштану бофтан.*

Буқрот гӯяд, ки самараи дониш он аст, ки ҳар кӣ ӯро ҳосил кунад, аз пояи камтар ба дараҷаи бузургтар расад.

Ҳиндувон гуфтаанд: «Касеро, ки шиору дисори ӯ фазлу дониш набошад, ӯ дар мартабаи авом бувад».

Шеър:

*Агар илмро нестӣ фазл пур,*
*Ба сахтӣ наҷустӣ хирадманди ҳур(р).*

* * *

*Ҳар кӣ ёри хешро ёвар шавад,*
*Ёр бояд буд, агар кофар шавад.*
*Вақти нокомӣ тавон донист ёр,*
*Чун бувад дар комронӣ сад ҳазор.*

Ва араб масал задааст: *«ал-Ъавому ка-л-анъоми».* Яъне, авом чун чаҳорпоён бошанд.

Шаҳриёр гуфтааст, ки дониш чун борони боранда бувад ва чун дар талаби борон бошӣ, лобуд(д) рӯзе бар ту борад.

Шеър:

*Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,*
*Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.*
*На донотар он кас, ки волотар аст,*
*Ки волотар он кас, ки донотар аст.*

*Набинӣ зи шоҳон абар тахту гоҳ,*
*Зи донандагон бозҷӯянд роҳ.*
*Агарчи бимонанд деру дароз,*
*Ба доно бувадшон ҳамеша ниёз.*

### Ҳикояти Маликшоҳ ва Абулмаолӣ

Ҳикоят: Султон Маликшоҳ, раҳимаҳуллоҳу, ба Нишопур расид ва бисту нӯҳ рӯз аз моҳи рамазон гузашта буд. Касоне, ки аркону шурути гувоҳӣ дар руъяти[1] ҳилол[2] риоят бояд кардан, ғофил буданд. Ба хидмати баъзе аз бузургон намуданд, ки моҳ дидем. Ва ҷамоате, ки дар хидмати хос буданд, султонро бар он доштанд, ки фардо ид бояд кардан. Чун аз султон дастуре ҳосил шуд, дар шаҳри Нишопур мунодӣ карданд, ки султон мефармояд, ки фардо ид кунед ва Хоҷа Имом Абулмаолиро, ки муқтадои он аср буд, хабар доданд. Ҳолӣ дар шаҳр мунодӣ дод кардан, ки Абулмаолӣ мегӯяд, ки фардо рӯза хоҳам доштан, ҳар кӣ ба фатвои ман кор мекунад, бояд, ки фардо рӯза дорад. Асҳоби ағроз ин суханро ба ваҷҳе зишттар пеши тахти султон инҳо карданд[3]. Ва гуфтанд, ки Абулмаолӣ сари мухолифати ту дорад ва шакке нест, ки мардум ба фатвои вай кор бештар кунанд, ки ба мунодии ту ва ин маънӣ номуси Маликро зиён дорад. Султон Маликшоҳ, азим мусташъир[4] шуд, вале некэътиқоду худотарс буд ва ҳурмати аҳли илм пеши вай бузург буд, бо он ҳама, хотири вай мутағайир шуда буд. Чанд касро аз хавосси худ фармуд, ки бираведу Абулмаолиро ба лутфу адаб ин ҷо хонед. Гуфтанд: «Эй шоҳ! Ӯ ба фармони ту чунин беҳурматӣ кард ва ту ӯро ҳурмат медорӣ?» Султон гуфт: «То сухани вайро нашунавам, ба қавли дигарон ҳурмати аҳли илм натавон бурдан». Ва чун Абулмаолиро хонданд,

---

[1] руъят – дидан
[2] ҳилол – моҳи нав
[3] инҳо карданд – хабар доданд
[4] мусташъир – нигарон, парешон

бархосту бо он тахфифа[1], ки дар хона доштӣ, кафш дар пой кард ва ба сарои султон омад. Чун вайро диданд, ки ба дастори кӯчак аст ва мӯзаи напӯшида, дар пеши подшоҳ арза карданд, ки Абулмаолӣ бад-он қаноат накард, ки бо ту ба фармон баробарӣ мекунад ва акнун беҳурматӣ зиёдат кард, ки бад-ин шева пеши мулук рафтан, тарки адаб аст. Султон аз он мутағайиртар шуд ва Амир Ҳоҷибро пеши ӯ ба итоб фиристод, ки чаро бояд, ки ту бо ин ҷомаву кафш пеши ман ойӣ?

Абулмаолӣ овоз баланд карду гуфт: «Ин сухан мебояд, ки султон аз ман бишнавад, ки Амир Ҳоҷиб нек боз натавонад гуфтан». Пас, чун дастурӣ ёфт, гуфт: «Бидон, эй султони ислом, ки ман бад-ин ҷома намоз кунам ва ҷомае, ки дар хидмати Худои таоло шояд будан, дар хидмати султон низ шояд будан. Аммо абнои дунёву подшоҳони рӯзгор ин одат ниҳоданд ва ин қоида сохта, ки бад-ин сифат пеши мулуку салотин наравад ва хостам, ки ин адабу одат нигоҳ доштаме ва аммо дар он соат, ки фармони султон бар ман расид, бо ин ҷома нишаста будам, тарсидам, ки агар ба тағйири ҷомае дигар машғул шавам, дер шаваду номи ман бад-ин қадар таъхир дар ҷаридаи онҳо нависанд, ки дар султон осӣ бошанд». Ва гуфт: «Агар ба як мизар[2] нишаста будаме, ҳамчунон биёмадаме, то фариштагон нанавиштандӣ, ки Абулмаолӣ дар тоати султон тақсиру таъхир кард». Султон Маликшоҳро он сухан хуш омад. Вайро гуфт: «Чун бад-ин сифат тоати султон воҷиб аст, чаро бар хилофи мунодии ман мунодӣ кардӣ?» Абулмаолӣ гуфт: «Ҳар чи таъаллуқ ба фармони султон дорад, моро воҷиб аст, ки тоат кунем, аммо ҳар чи ба фатво таъаллуқ дорад, бар салотин воҷиб аст, ки аз мо пурсанд, ки ба ҳукми шаръ ҳамчунон ки фармон султонрост, фатво уламорост. Ва аммо рӯза доштану ид кардан ба фатво таъаллуқ дорад,

[1] тахфифа – аммомаи кӯчак, ки одатан дар ҳангоми хоб бар сар мегузоштанд.

[2] мизар – шалвор

на ба фармон».

Ва чун қисса ин ҷо анҷомид, султон Маликшоҳ, раҳимаҳуллоҳу, Абулмаолиро ба эҳтироми тамом ба хона бозфиристод.

Шеър:

*Чу пухта шавад, талх ширин шавад,*
*Ба дониш сухан гавҳарогин шавад.*

Доноён гуфтаанд: «Бузургтар чиз аз саодат, дониш аст ва аз барои шарафи дониш аст, ки подшоҳон воҷиб шиносанд муроoти эшон кардану фарзандро, ки аз ҷони худ дӯсттар доранд, ба хидмати эшон фармоянд кардан».

## Ҳикояти Ҳорунаррашид ва Кисоӣ

Ҳикоят: Гӯянд, ки Ҳорунаррашид аз манзаре[1] менигарид. Кисоиро дид, ки фарзандони ӯро – Муҳаммадуламин ва Маъмунро таълим медод. Ва Кисоӣ ба шуғле бархост аз ҷой. Маъмун ва Муҳаммадуламин бархостанд ва наълайн пеши ӯ ниҳоданд. Ҳорунаррашидро аз он ҳол аҷаб омад. Ходиме истода буд дар хидмати вай, Ҳорунаррашид аз он ходим пурсид: «Кист он ки бузургтарин мардумон ӯро хидмат кунанд?» Ходим гуфт: «Туӣ, ё амиралмуъминин!» Ҳорунаррашид гуфт: «Ғалатӣ, ки он Кисоӣ аст, ки Маъмун ва Муҳаммадуламинро илму ҳунар таълим медиҳад ва эшон аз барои шарафи илм хидмат мекунанд». Ва Кисоӣ мешунид. Кисоӣ гуфт: «Ё амиралмуъминин! Лав кунта маъаҳумо, лакона қалилан». Яъне, агар ту низ бо эшон будӣ, ҳанӯз андак будӣ. «Лианнӣ ураббӣ арвоҳаҳумо ва анта тураббӣ абдонаҳумо». Зеро ки ман ҷони эшон мепарварам ва ту тани эшон мепарварӣ.

Шеър:

*Чун туро донише падид ояд,*
*Пеши ту сар фурӯ баранд аҳрор.*
*Адаб омӯз, ҳар чӣ хоҳӣ бош,*
*Ки адаб аз насаб беҳ аст, эй ёр.*

[1] манзар – айвон

Доноён гуфтаанд: «Ҳар кӣ ба дониш мавсуф бошад, бояд, ки ин даҳ хислатро шиору дисори худ созад: Аввал: он ки ба қусуру айби худ бино бошад, ки он кас, ки айби худ надонад, ҳамеша маъюб бувад. Дувум: суҳбати доноён дӯст дорад ва ба суҳбати эшон рағбат кунад. Савум: бар қуввату тадбири хештан эътимод накунад, балки то тавонад аз аҳли дониш истизҳор намояд ва бо эшон машварат барад. Чаҳорум: суханро дар вақте ки фоида надорад, нагӯяд ва чун манфиати вай зоҳир бошад, иқдом намояду бигӯяд. Панҷум: касеро, ки наёзмуда бошад, бар вай эътимоду таъвил накунад, илло магар хасоили хуби ӯ ба шуҳрату истифоза[1] ӯро маълум шуда бошад. Шашум: бар дӯстиву муовинати нодон эътимод нанамояд, зеро шояд, ки чун нодон дар ҳаққи вай некӣ хоҳад кардан, ба василати нодонӣ ба ваҷҳе тақдим кунад, ки мазаррати вай беш аз манфиат бувад. Ҳафтум: аз мардуми нодон эҳтироз кунад то тавонад, ки аз мардуми нодон буридан қаробат аст ба Худои таоло. Ҳаштум: бар касе бе сабабе хашм нагирад, ки амсоли ин изҳори хӯи бад бошад. Нӯҳум: мукофоти некии дӯстонро некӣ кунад ва агар тавонад дар муҷозоти бадӣ ҳам некӣ кунад, ки амсоли ин сират тақарруб аст ба хӯи пайғамбарон. Даҳум: хӯи нек аз хӯи бад бозшиносад ва бад-он кӯшад, ки он чи ба некӣ гарояд, он кунад ва аз он чи муфсидоти[2] ӯ зоҳир бувад, эҳтироз намояд».

Доноён гуфтаанд, ки агарчи амволу захорифи дунё маҳбуби дилхост ва ба василати базли мол дар ваҷҳи хайрот захираи охират тавон андохтан ва ҳам дар дунё осоишу рафоҳият тавон ёфтан. Аммо бад-ин ҳама, илмро бар мол панҷ фазилат аст: Аввал – он ки аз барои шарафи илм подшоҳон аҳли донишро бузург доранд ва ҷониби уламоро мурооту кунанд ва аммо ҳоли асҳоби амвол ба акси ин аст, ки эшон аз барои сиёнати мол хидмати подшоҳону хадамаи ӯ кунанд. Дувум – он ки ба василати илм аҳли

[1] истифоза – файз бардоштан

[2] муфсидот – фасод ва харобиҳо

дониш аз бештари балоҳо эмин бошанд ва аммо ҳоли худовандони мол ба акси ин аст ва балки нуфуси эшон аз ҷиҳати амвол дар маърази офат ояд ва амсоли ин дар олам бисёр аст. Савум – он ки агар дар мол исрофу табзир[1] роҳ ёбад, ба фано адо кунад ва аммо аҳволи илм ба акси ин аст, ки ҳарчанд бештар диҳад, ҳеч кам нашавад, балки зиёдат гардад. Чаҳорум – он ки агар ҳодисае аз вақоеи рӯзгор ба мол роҳ ёбад, соҳиби ӯ муфлису дарвеш гардад ва он машаққат, ки дар иктисоби[2] мол бурда бошад, бакуллӣ зоеъ шавад ва ҳоли илм ба акси ин аст, ки ҳаргиз аз олим мунфак[3] нашавад ва агар ҷумлаи олам ҷамъ шаванд, ки як масъала аз хотири олим маҳв кунанд, натавонанд. Панҷум – он ки илм дар охират сабаби наҷот бувад ва мол сабаби азоб. Ва шояд, ки фоидаи дигар бошад, агар олим бошад ва ӯро аз амволи дунё ҳеч набошад, ба василати илм, мол тавонад ҳосил кардан ва агар ҷоҳил бувад, ба акси ин аст.

Шеър:

*Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ рав ҳавозӣ[4] ганҷ неҳ.*

* * *

*Нигаҳбони ганҷӣ ту аз душманон*
*Ва дониш нигаҳбони ту ҷовидон.*
*Ба дониш шавад мард парҳезгор,*
*Чунин гуфт, он бихради ҳушёр,*
*Ки дониш зи тангӣ бурун оварад,*
*Чу бероҳ гардӣ, ба роҳат барад.*

---

[1] табзир – беҳудахарҷӣ
[2] иктисоб – касб кардан, ҳосил кардан, ба даст овардан
[3] мунфак – дур, ҷудо
[4] ҳавозӣ - ҳамакнун, бидуни таъхир

# БОБИ САВУМ
# ДАР НОДОНИВУ АЛОМАТИ НОДОНӢ ВА МУҶТАНИБ[1] БУДАН АЗ НОДОН

Ва ин боб мунҳасир аст ба се навъ: Аввал: дар мазаммати нодон; дувум: дар аломати нодонӣ; савум: дар иҷтиноб намудан аз нодон.

**Мазаммати нодон**

Қисми аввал: дар мазаммати нодон. Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ло фақра ашадду мина-л-ҷаҳли ва ло мола аъваду мина-л-ъақли».* Яъне, ҳеч дарвешӣ сахттар аз ҷаҳл нест ва ҳеч моле судмандтар аз хирад нест. Ва араб гуфтааст: *«Ло доа аъйану мина-л-ҷаҳли».* Яъне, ҳеч дарде дардноктар аз нодонӣ нест.

Ҳошими Исфаҳонӣ гӯяд, ки се гурӯҳи мардумон бошанд, ки модом бар пушаймонӣ бошанд: Яке – нодон, ки бо доно ба нафси дониш мухосимат кунад. Дувум – мардуми заиф, ки бо душмани қавӣ ба қувват кӯшиш кунад. Савум – марди дарвеш, ки бо ҳамсояи тавонгар паҳлӯ занад. Ва ин ҳар се аз ғояти нодонӣ бувад.

Баъзе аз ҳукамои Юнон гуфтаанд, ки ҷаҳл мардумро бадтар аз нобиноӣ аст, зеро ки саъбтар[2] чизе бар нобино он бувад, ки аз он ҷиҳат, ки роҳ надонад, ба таҳаввур[3] дар чоҳ афтад ва аз он хавфи ҳалоки ҷасади вай бошад ва аммо ҷаҳлро таваққуи ҳалоки абад аст, ки ба нодонӣ дунёву охират ба бод диҳад.

[1] муҷтаниб – парҳезгар, худдорикунанда

[2] саъб – душвор

[3] таҳаввур – бепарвоӣ, бебокӣ

Ҳакимон гуфтаанд, ки нодонӣ ба дарёи жарф монад, ки аз ҳар сӯ дар вай тавон рафтан, аммо хатари ҳалок аст ва халос номумкин.

Шеър:

*То набошӣ ба дониш арзонӣ,*
*Доди худ аз замона настонӣ.*
*Нест андар ҷаҳон зи ман бишнав,*
*Ҳеч дарде чу дарди нодонӣ.*

Нодон пайваста душмани доно бувад ва душмани он чиз бошад, ки надонад. Амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, гуфтааст: «*ал-Маръу ъадуввун лимо ҷаҳалаҳу*». Яъне, мард душмани он чиз бувад, ки надонад. Ва Абӯшакур гӯяд:

Шеър:

*Абодонишон[1] бори ту кай кашанд,*
*Абодонишон душмани донишанд.*

Ва таваққуъ нашояд дошт, ки аз ҷаҳл як феъли хуб ояд ва агар мумкин будӣ, ҳукамову пирон як хислати хуб аз ҷаҳл бисутуданди.

Шеър:

*Гар аз ҷаҳл як феъли хуб омадӣ,*
*Мар ӯро ситоянда бистоядӣ.*

Батлимус гуфтааст, ки агар нодонро саодат мусоидат кунад ва иқбол мувофиқат намояд, дил дар он набояд бастан, ки амсоли ин нодир афтад ва ғолиби зан(н) он аст, ки ба итмом наянҷомад.

### Дар аломати нодонӣ

Навъи дувум: дар аломати нодонӣ. Батлимус гуфтааст, ки се чиз аз лавозими нодонӣ аст: Аввал: худро беайб донистан. Ва ин ғояти ҷаҳл аст, ки доноро маълум аст, ки камол Худоросту исмат анбиёро ва боқӣ одамиён аз айб холӣ нестанд. Дувум: беҳтари худро ба бадтари худ доштан. Яъне миёни нафъу зар(р) тафовут наниҳад. Савум:

[1] абодонишон – бедонишон

бар қуввату дониши худ эмин будан. Мӯбад гуфтааст, ки ҳар кӣ бар қуввату дониши хеш эътимод намояд, аз макру гардиши рӯзгор ва таъйиди дониш ҳеч огоҳӣ надорад».

Фиқровуси ҳаким гӯяд: «Панҷ чиз аломати нодонӣ аст: Аввал – он ки бар мардум хашм гирад, бе сабабеву мӯҷибе ва ин маънӣ сахт қабеҳ аст ва изҳори хӯи бад аст. Дувум – дар вақте, ки фоидае нахоҳад будан, сухан гуфтан. Савум – рози худ гушудан, хосса бо касе, ки ӯро наёзмуда бошад. Чаҳорум – ивази дӯстӣ душманӣ кардан. Ва ин ғояти ҷаҳл асту беинсофист. Панҷум – таъвилу эътимод намудан ба ҳар касе.

Расул, саллаллоҳу алайҳи, гуфтааст: *«ал-Ҳазму суъ-уз-занни».* Яъне, бедор будан дар ҳама корҳо он аст, ки ба кас ғарра нашавад, то наёзмояд.

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Бо нодон суҳбат доштан, аломати нодонист ва бо нодон ҳам нодон суҳбат кунад, ки сад кор ба тариқи нодонӣ ба фасод оварад ва зан(н) чунон дорад, ки ба салоҳ овардааст».

Доноён гуфтаанд: «Одат кардан, ки харҷро аз дахл бигузаронанд ва ин маъниро тавонгариву танаъум[1] шинохтан, ғояти аҳмақиву нодонист».

**Дар иҷтиноб намудан аз нодон**

Навъи савум: Иҷтиноб намудан аз нодон. Аристатолис гӯяд, ки аз дӯсти нодон эҳтироз бояд намудан, ки деви доно, ки дӯст бувад, беҳтар аз дӯсти нодони одамӣ.

Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармуд: *«ал-Ваҳдату хайрун мин ҷалиси-с-суъи».* Яъне, танҳоӣ беҳтар аз ҳамнишини бад аст. Ва ба ҳеч ҳол бо нодон дӯстӣ нашояд кардан, ки нодонро ҷаҳл табиӣ бувад. Ва гуфтанд: *«ат-Табаъу мина-т-табаъи йасруқу».* Яъне, табъ аз табъ бидуздад. Зеро, ки нафси инсониро Эзад, азза шаънуҳу, чунон офаридааст, ки қобили хубиҳост.

Шеър:

[1] танаъум – зиндагии бо нозу неъмат

*Бо бадон кам нишин, ки дармонӣ,*
*Хӯпазир аст нафси инсонӣ.*

Бузургони аҳли дин гуфтаанд: *«Муқотиъат-ул-аҳмақи қурбатун илаллоҳи таъоло»*. Яъне, буридан аз мардуми аҳмақ, наздикӣ ҷустан бувад ба Худои таоло. Ва гуфтаанд: *«ан-Назару ило ваҷҳи-л-аҳмақи маъсиятун»*. Яъне, назар кардан бар рӯи аҳмақ, маъсият аст. Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки назар кардан, бар рӯи оқил ва бо вай дӯстӣ кардан, тоат аст.

Мӯбад гӯяд: «Ҷоҳилро насиҳат кардан манфиат накунад, ки гуфтаанд: *«Носеҳ-ул-ҷоҳили кавоъизи-с-сакрони»*. Яъне, он ки ҷоҳилро панд диҳаду насиҳат кунад, чунон бошад, ки мастро дар ҳолати мастӣ мавъизат кунад».

Ҳаким гӯяд: «Сухани доноён ба нодон гуфтан чу пуле бошад, ки аз он сӯ равад, бино наниҳад». Яъне, ки нодон сухани некӯ шунудан душман дорад ва насиҳату мавъизати доноён нанйюшад[1]. Лоҷарам, доноён аз ноаҳлу нодон сухани хеш пӯшида доштанд ва аз асрори хеш эшонро хабар надоданд.

Шеър:

*Сухангӯй ҳар гуфтаниро бигуфт,*
*Ҳама гуфти доно зи нодон нуҳуфт.*

---

[1] нанйюшад – гӯш надиҳад

# БОБИ ЧАҲОРУМ
# ДАР СУХАН ГУФТАН

Бидон, ки Борӣ, азза шаънуҳу, забонро аз ҷумлаи аҷоиби сунъ[1] ва қудрат офаридааст, ки ба сурати порае гӯшт аст. Ва ба ҳақиқат ҳар чи мавҷуд аст, забон аз вай иборат кунад, балки вай бобати ақл аст ва ҳеч чиз аз иҳотати ақл берун нест ва ҳар чи ақл идроки он кунад, дар таҳти тасарруфи забон дароял ва бештари манфиату мазаррат, ки дар олам содир шавад, маншаъ ва мабдаи он аз забон хезад. Пас, бино бар ин, муқаддима[2] бар оқил воҷиб бошад, ки забони худ нигоҳ дорад ва ҳар чи аз он мазаррате оид шавад, нагӯяд. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Раҳималлоҳу имраан аслаҳа лисонаҳу».* Яъне, Худой, азза шаънуҳу, раҳмат кунод бар он касе, ки забони худ ба салоҳ орад ва ҳар чи набояд гуфтан, нагӯяд ва чун гӯяд, некӯ ва боманфиат гӯяд.

Шеър:

*Чу ёқут бояд сухан безиён,*
*Сабуксанг, лекин баҳояш гарон*
*Сухан гар нагӯӣ, тавонӣ-ш гуфт.*
*Ва мар гуфтаро боз натвон нуҳуфт.*
*Сухан то нагӯӣ, туро зердаст,*
*Забардаст шуд, к-аз даҳони ту ҷаст.*

Дар «Калила ва Димна» гӯяд:

*Баски бар гуфта пушаймон будаам,*
*Баски бар ногуфта шодон будаам.*

Ҳакимон гуфтаанд, ки сухани доноён раҳнамуне

---

[1] сунъ – офариниш

[2] муқаддима – аввал, оғози кор

бузург аст бар роҳи донишу савоб ва аҳли хирадро сармояи сухан аст ва шодии вай аз сухан.

Шеър:

*Касе, к-ӯ ба некӯсухан шод нест,*
*Бар ӯ неку бад, ҳар чи бошад, якест.*

Ва аз бузургвории сухан аст, ки Борӣ, субҳонаҳу ва таоло, аз осмон ба пайғомбарон сухан фиристод ва эшонро бад-он гиромӣ кард ва дараҷаи бузург ниҳод. Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ҷамол-ур-раҷули фасоҳату лисониҳи».* Яъне, некӯии мард фасоҳати забони ӯст. Ҷаъфари Содиқ гуфтааст: *«Мо анъамаллоҳу ъало ъабдин ниъматан аксара миммо аътоҳуллоҳу фи-л-лисони фасоҳатун ва фи-л-каломи ҳаловатун».* Яъне, Худой, азза шаънуҳу, бандаро неъмате надиҳад бузургтар аз он, ки ӯро фасоҳате бидиҳад андар забон ва ҳаловате андар сухан.

Бузарҷмеҳр гуфтааст: «Ҳар он сухан, ки мувофиқи хирад аст, наздики дӯсту душман писандида аст ва ҳамчун хурмое бошад расида, ки аз дарахт бистонанд ва аз он таъму ҳаловат гиранд. Ва чун мувофиқи хирад набошад, на дӯст писандад ва на душман ва монанди хурмое бувад норасида, ки аз дарахт чида бошанд ва ба ҳеч кор наёяд. Ва сухан чун бадониш гӯянд, истизҳоре бузург аст ва муовине қавӣ.

**Ҳикояти писари Фурак ва малики Рум**

Ҳикоят: Гӯянд, ки Азудуддавлаи шоҳаншоҳ писари Фураки имомро ба рисолат ба Рум фиристод ва писари Фураки имом аз ҷумҳурони он рӯзгор буд. Чун малики Рум он қудрати вай бидид ва сухангӯиву фазл, донишу хирад ва ширинзабонии ӯ бидонист, кашишро[1] бихонд ва гуфт: «Тавонӣ ин расулро ҷавоб додан ва хиҷил гардонидан, ки ба фасоҳату балоғат бар ҳамгинон чира гашт?» Кашиш гуфт: «Чун расул ҳозир шавад, маро эълом фармой, то ҷавобаш бидиҳам ва хиҷил гардонам». Дигар рӯз малики

[1] кашиш – пешвои динии масеҳиён

Рум бинишаст ва ҷумлаи бузургону акобири худро ҷамъ кард ва расулу кашиш ҳар ду ҳозир шуданд. Кашиш гуфт: «Эй шайх! Чӣ гӯӣ? Қиссаи зани пайғомбари шумо чун буд?» Писари Фураки имом забони фасоҳат бигушуд ва гуфт: «Ҳамчунон буд, ки қиссаи модари пайғомбари шумо, илло он буд, ки зани пайғомбари мо обистан нашуд ва бача наёвард ва модари пайғомбари шумо, ҳам обистан шуд ва ҳам бача овард». Малики Рум ва ҷумлаи румиён, ки ҳозир буданд, хиҷил шуданд.

Буқрот гӯяд, ки афкандадаст бархезад ва афкандасухан барнахезад ва мардумро ба сухани зишт бештар тавон озурдан, ки ба феъл ва ҳамаи озорҳоро чора тавон кардан, магар сухани сахтро. Ва араб масал задааст: *«аш-Шатму ҷурҳун ло йуъсо».* Яъне, дашном ҷароҳатест, ки дармон напазирад.

Шеър:

*Ҷароҳот-ус-синон лаҳо илтийом*
*Ва ло йалтому мо ҷараҳ-ал-лисон* [1]

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Сухани бадониш он бувад, ки судманд ва ба вақти хеш бувад». Ва аз ин сабаб порсоён гуфтаанд, ки ҳар касеро, ки андар вай рост гуфтан ва ба пояи хеш гуфтан ва судманд ва ба ҳангоми худ гуфтан набувад, ӯро нашояд, ки андар анҷуман сухан гӯяд, зеро агар гӯяд ба ғайри ин тариқ, пушаймон шавад ва шармсор гардад.

Шеър:

*Сухан, к-андар ӯ суд не ҷуз зиён,*
*Набояд, ки ронда шавад бар забон.*

Худои таоло дар Суҳуф ба Иброҳим пайғомбар фиристод: *«Ъало ал-ъоқили ан йакуна басиран бизамониҳи муқбилан ъало шаъниҳи ҳофизан лилисониҳи».* Яъне, ҳар кӣ хирадманд аст, бояд, ки замонаи хешро бидонад ва кори хеш кунад ва забонро нигоҳ дорад.

---

[1] Яъне: Метавон захмҳоеро, ки ба василаи найза расидааст, мудово кард, аммо захмҳои забон мудово намепазирад.

Ҳукамо гуфтаанд: «Сухан ба андоза гуфтан, нимаи дониш аст ва ба андоза харҷ кардан, нимаи кадхудоӣ аст ва хештаншиносӣ, нимаи осонист ва розиву басанда будан ба тақдири раббонӣ, нимаи эминӣ аст ва аз ҷоҳил дур будан, нимаи саломат аст».

Тозиён масал задаанд: *«Лисонӣ сабуъун ин арсалтуҳу акаланӣ».* Яъне, забони ман дад[1] аст, агар ӯро раҳо кунам, маро бихӯрад. Ва гуфтаанд: *«Роҳат-ул-инсони фӣ ҳифзи-л-лисони».* Яъне, роҳати мардум дар нигоҳдошти забон аст.

**Ҳикояти расули Муътасим дар назди Амр ибни Лайс**

Ҳикоят: Муътасими халифа расул ба Хуросон фиристод ба наздики Амр ибни Лайс. Ва расул пайғомҳо медод. Ва Амрро ходиме буд, ки дар хидмати вай мулозим буд, ба хидмат истода буд ва расул Амрро гоҳе таҳдид додӣ ва битарсонидӣ ва гоҳе талаттуф кардӣ ва умедворӣ додӣ. Ходим дар ҷавоби расул гуфт: «Он кас, ки на ба хондаи ту омадааст, аз рондани ту нагурезад. Пас, агар ба таҳдиди ту баргардад, талаттуфи[2] бисёр аз чӣ кунӣ?» Амр ҳоҷиби худро фармуд, ки ходимро берун барад ва сад чӯб бизананд ва ҳазор дирам ато диҳанд ва ҳоҷибро гуфт: «Сухани некӯ буд, валекин аз ходим беадабӣ буд, ки на ба пояи хеш гуфт».

Ва араб масал задааст: *«Рубба калиматин тақулу даънӣ».* Яъне, ки бисёр бувад, ки як калима сухан гӯяд: «Маро бигзор ба ҷой» – ва магӯй, ки туро зиён дорам.

Шеър:

*Сухан гарчи бошад гаронмоятар,*
*Фурӯмоя гардад зи камсоятар.*
*Сухан, к-аз даҳони бузургон равад,*
*Чу некӯ бувад, достоне шавад.*
*Нигини бадахшӣ бар ангуштарӣ,*
*Зи камтар ба камтар харад муштарӣ.*

---

[1] дад – ҷонвари дарранда

[2] талаттуф – меҳрубонӣ

*В-аз ангушти шоҳон сафолиннигин*
*Бадахшонӣ ояд ба чашми тагин*[1].

Доноён гуфтаанд: «Сухан чун на ба андозаи хеш гӯянд, аз поя бияфтад ва диҳиш, ки андархури қудрату иститоат набувад, ба ниёз афканад».

Мӯбад гӯяд: «Сухан чун бигӯянд, судманд бояд чунонки шояд ва забони гӯянда аз алмос тезтар ва аз шамшер буррандатар бувад ва мори бадниҳоду бадгавҳарро морафсой[2] ба сухани хуш аз сӯрох берун ҳамеорад ва корҳои мушкилро асҳоби тадбир ба сухани хуш тавонанд беҳтар гушудан».

Шеър:

*Шунидам, ки бошад забони сухан*
*Чу алмос буррону теғи куҳан.*
*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*

Аристатолис гуфтааст: «Сухан чун ба дониш гӯянд, гӯяндаро некномӣ ҳосил шавад ва шунавандаро фоида афзояд».

Шеър:

*Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,*
*Сухан талху ширину дармону дард,*
*Ки позаҳр заҳр аст, ки афзун шавад,*
*Зи андозаи хеш берун шавад.*

Синдбоди ҳаким гӯяд: «Забони хешро баста дор, то забонҳо бар ту нагушоянд, ки он чи як сухан дар як соат табоҳ гардонад, ба солҳо ба салоҳ наёяд».

Араб масал задааст**:** *«ал-Лисону сағир-ул-ҷирми ъазим-ул-ҷурми»***.** Яъне, забон кӯчакузв аст ва бузургзиён.

Букрот гӯяд, ки чун сухан гӯяд, аз ҷавоби он ки гӯяд, барандешад ва ба оҳистагӣ гӯяд, то ҷавобе нашунавад, ки аз он ғамнок шавад.

Шеър:

---

[1] тагин – паҳлавон, далер, ғулом. Лақаби шоҳони туркӣ низ ҳаст.
[2] морафсой – моргир

*Бари ҳар сухан бози гӯё расад,*
*Чунон, к-оби дарё ба дарё расад.*

## Ҳикояти нома навиштани Ҳишом ба малики Рум

Ҳикоят: Ҳишоми халифа ба малики Рум нома навишт ва бар унвони он фармуд навиштан: *«Мин Ҳишом амирулмуъминин ила-л-малики-т-тоғӣ»*[1]. Малики Рум ҷавоб фиристод ва гуфт: «Маликро дашном додан раво набувад. Валекин касе, ки бар забони хеш қодир ва подшоҳ набувад, бар халқи Худои таоло чӣ гуна подшоҳ бувад. Ва туро аз ҷавоби мо кӣ эмин кард, ки агар ба ҷавоби нома бинавиштаме – *«Мин малики-р-Рум ила Ҳишоми-л-мазмум»*[2] ту ба мо чӣ тавонистӣ кардан? Ҳишоми халифа аз он шарм дошт ва панд гирифт.

Бинямуси доно гӯяд, ки он кас, ки сухан ба андеша гӯяд, ҳаргиз пушаймон нашавад ва сухан чун некӯ ва ба ваҷд бошад ва дар вақти хеш гӯянд, азим коргар ояд.

## Ҳикояти Муътасими халифа ва хозинаш Абӯҳотам

Ҳикоят: Гӯянд, ки Муътасими халифаро хозине буд, номи ӯ Абӯҳотам. Ва дар он вақт шоире буд ва халифа вайро силат[3] фармуда буд ва хозин намерасонид. Дар он муддат хозин канизаке харида буд ба миқдори шаст ҳазор дирам ва шоир дар ҳаққи хозин ин ду байт гуфт ва ба ҳоҷиб арза дошт. Шеър:

*Тунсифунӣ айо Або Ҳотами*
*Ав ланасиранна ило ҳокими*
*Ситтуна алфан фӣ шаро Қосими*
*Мин моли ҳоза-л-малики-н-ноими*[4].

---

[1] Яъне: Аз амири муъминон ба малики саркаш.

[2] Яъне: Аз подшоҳи Рум ба Ҳишоми мазамматшуда.

[3] силат – инъом, ҷоиза, мукофот

[4] Яъне: Эй Абӯҳотам, инсофи маро бидеҳ, вагарна ҳатман назди ҳоким шикоят мебарам, ки (Абӯҳотам) дар хариди Қосим аз моли ин подшоҳи хуфтаву ғофил шаш ҳазор дирам рабудааст.

Пас, он ҳоҷиб дар хидмати халифа буд ва ин ду байт бар забони ӯ бирафт ва халифа гуфт: «Чӣ мегӯӣ?» Ҳоҷиб гуфт: «Ҳеч». Ва халифа гуфт: «Ман шунидам, боз гӯй!» Ҳоҷиб гуфт: «Амирулмуъминин шоиреро силате фармуда буд ва Абӯҳотам надодааст ва шоир ин ду байт гуфта бошад». Ва фурӯ хонд. Муътасими халифа гуфт: «Қосим кист?» Гуфт: «Номи он канизак, ки Абӯҳотам харида ба шаст ҳазор дирам». Ва гуфт: «Малики ноим кист?» Гуфт: «Надонам». Халифа андеша кард, ки ин хуфта манам, ки агар хуфта набудаме, Абӯҳотами хозин дар ду сол ба шаст ҳазор дирам канизак нахаридӣ. Ва сабаби азли Абӯҳотам ин шуд.

Гӯянд, ки Аббос ибни Абдулмутталиб аз Расул, саллаллоҳу алайҳи, пурсид, ки некӯӣ дар чист? Гуфт: «Дар забон ва забони он кас некӯтар, ки некӯ гӯяд».

Шеър:

*Сухан, к-аз лабе ноҳумоюн ҷаҳад,*
*Чу морест, к-аз хона берун ҷаҳад.*
*Нигаҳ дор аз ӯ хештан чун сазад,*
*Ки наздиктарро сабуктар газад.*

# БОБИ ПАНҶУМ
# ДАР ҲИКМАТУ АМСОЛ ВА НАСИҲАТ

### Фонӣ будани дунё

Пӯшида нест, ки халоиқи олам, агарчи дар атрофу амокин ба сурат мутамаккинанд, аммо ба ҳақиқат мусофиранд ва дунё манзилгоҳ аст, на қароргоҳ ва айёму соот мароҳил асту манозил. Алалҳақиқат, ҳар чи мардум дар вай тасарруфи моликона ҷорӣ доранд, ҳама маҷозист ва амволу захорифи мамолики дунё ҳама мустаор[1] аст. Чун ин қоида муқаррар шуд, бар мардуми оқил лозим бошад, ки ҳамагӣ рағбати худ бар чизе ноустувори ория наниҳад, ки он мӯҷиби андӯҳу ғусса бошад. Аз ин ҷост, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармуд: *«ар-Рағбату фи-д-дунйо таксур-ул-ҳамма ва-л-ҳузна»*. Яъне, рағбат кардан бар амволи дунё ғаму андӯҳ бисёр кунад. Ва чун ин асл собит гашт, лозим шавад, ки ҳар чи аз мардум фавт шавад, бар он ҳасрат набояд хӯрдан ва ҳар чи ҳосил аст, дил дар он набояд баст ва ҳар чи наёмадааст, аз ҷиҳати он андешаҳои мухталифро бар худ муставлӣ[2] накунад, то умри азиз, ки сармояи дунёву охират аст, бе ҳаззу мазза зоеъ нашавад.

Шеър:

*Аз ранҷи гузашта ҳеч темор мадор*
*В-аз н-омада ҷони хеш бемор мадор.*
*Осон гузарад умри ту, душвор мадор,*
*Яксоата умри хешро хор мадор.*

---

[1] мустаор – ориятӣ

[2] муставлӣ – мусаллат, ғолиб

Шеър:

*Чу бар кори нобуда андӯҳ барӣ,*
*Бувад талхтар, ҳар чи хуштар х(в)арӣ.*

Румиён гуфтаанд: «То тавонӣ хештанро азиз дор ва хор мадор ва роҳи бухл бар хештан баста дор ва рӯзии ҳар кас ба ӯ расида дон. Валекин аз мардумӣ ғофил мабош ва аз гардиши рӯзгор аҷаб мадор, ки ҳолҳои ҷаҳон гарданда аст». Доноён гуфтаанд: «Бояд, ки мардум бар шодӣ дил наниҳад ва ба ғам навмед нашавад, ки бисёр шодиҳост, ки сабаби балову меҳнат бувад ва бисёр ғам аст, ки он сабаби шодиҳо гардад». Ва Борӣ, азза шаънуҳу, дар Қуръони маҷид фармудааст: *«Ъасо ан такраҳу шайъан ва ҳува хайрун лакум ва ъасо ан туҳиббу шайъан ва ҳува шаррун лакум»*[1].

Бузарҷмеҳри ҳаким гуфтааст: «Харҷи худ ба андозаи дахл кунед ва ба чизи касон оҳанг макунед ва аз ноомада андӯҳ махӯред, ки аз он чи буданист, ҳазар кардан суд надорад».

Шеър:

*Аз марг ҳазар кардан ду рӯз раво нест,*
*Рӯзе, ки қазо бошад, рӯзе, ки қазо нест.*
*Рӯзе, ки қазо бошад, кӯшиш накунад суд,*
*Рӯзе, ки қазо нест, дар ӯ марг раво нест.*

Ҳар чи ба мардум расад, ҷуз сарнабишти ӯ набувад ва ба рӯзгор эътимод набояд кард, ки бар аҳди айём вусуқ[2] нест ва бад-он ғарра набояд буд. Шеър:

*Гар фарқи туро замона бар чарх гузошт,*
*Дар дил ҳама аҳду меҳру паймони ту кошт.*
*Ҳам душмани бевафо-ш бояд пиндошт,*
*Бар аҳди замона эминӣ натвон дошт.*

Байт:

---

[1] Яъне: Ва шояд чизеро нохуш доред ва ҳол он ки вай барои шумо беҳтар бошад ва шояд чизеро дӯст доред ва ҳол он ки вай барои шумо бад бошад (сураи Бақара, ояти 216).

[2] вусуқ – эътимод, бовар, итминон

*Кор аз лаби хушку дидаи тар бигузашт,*
*Тири ғамро зи ҷону дил пар бигузашт.*
*Васли ту маро чу тангобе бинамуд,*
*Чун пой дар ӯ ниҳодам, аз сар бигузашт.*

### Ҳикояти устоди Зулқарнайн ва андарзҳояш

Ҳикоят: Устоди Зулқарнайни Искандар бад-он вақт, ки бихост рафтан, чун вайро бидруд ҳамекард гуфт: «Агар хоҳӣ, ки ҳаргиз хор нагардӣ, бо Ҳақ таоло мухолифат макун ва агар хоҳӣ, ки амволи ту бе ҳаз(з) наравад, аз мустаҳиққон[1] дареғ мадор. Агар хоҳӣ, ки андар корҳои худ ба савоб бошӣ, муъҷибрей ва шитобзада мабош».

Порсиён гуфтаанд, ки хостаи[2] андакуботадбир, беҳ аз хостаи бисёри бетадбир ва хато афтодан ба машварат, беҳ аз савоб афтодан ба худройӣ. Шеър:

*Шикебоиву танг мондан ба дом,*
*Беҳ аз ношикебӣ расидан ба ком.*

### Ҳикояти малик Манучеҳр ва Афросиёб

Малик Манучеҳр он гаҳ, ки Афросиёб вайро ба ҳисор карда буд ба Табаристон, сипоҳро ҷамъ кард ва бар сари тахт барпой хост ва хутба кард ва дар миёни хутба гуфт: «Бидонед, ки ҳар чи буданист, чора нест, ки бибояд шуд. Ва мо агар хоҳем, ки аз қазои осмонӣ ҳазар кунем, суд надорад. Аммо вазифаи мардум он аст, ки чун коре пеш ояд, ба машварат аз аҳли хирад истионат[3] кунад. Ва чун сахтӣ рӯй намояд, сабр кунад, ки ҳолҳои ҷаҳон бар як насақу[4] низом намонад ва умед набояд буридан, ки оқибат бигушояд». Ва Худои таоло мефармояд: *«Сайаҷъалуллоҳу баъда ъусрин йусран»*[5]. Баъд аз он ба муддате наздик миёни

[1] мустаҳиққон – ниёзмандон

[2] хоста – мол, дороӣ

[3] истионат – мадад хостан, ёрӣ талабидан

[4] насақ – равиш, ҳолат

[5] Яъне: Худо баъд аз тангдастӣ осоишро падид хоҳад овард (сураи Талоқ, ояти 7).

Манучеҳр ва Афросиёб сулҳ афтод ва Манучеҳр аз он тангиву машаққат берун омад ва мутамаккин шуд.

Шеър:

*Гушода шавад кор чун сахт баст,*
*Кадомин баланд аст нобуда паст?!*
*Аз андӯҳ шодӣ диҳад осмон,*
*Фарохӣ зи тангӣ бувад бегумон.*

Нӯшервонро пурсиданд, ки кадом сипар аст, ки ҷонро нигоҳ дорад? Гуфт: «Дин». Гуфтанд: «Кадом сипоҳ қавитар аст?» Гуфт: «Дод». Фиқровус гӯяд: «Мард агарчи доно бувад, чун касе наёбад, ки бо вай неку бад андеша кунад, бад-он мурғи парканда монад, ки ҳарчанд ки кӯшиш кунад, то бипарад, натавонад».

Шеър:

*Туро гарчи дониш ба гардун расад,*
*Зи донои дигар шунудан сазад.*
*Чи гуфтанд дар достони дароз:*
*«Набошад кас аз раҳнамун бениёз».*

Ва тозиён масал задаанд: *«Ва кайфа йатиру мақсусу-л-ҷаноҳи»*. Яъне, мурғи парбурида чӣ гуна парад?

Мӯбад гӯяд, ки мард, ҳарчанд зери кусор[1] бувад, доно аз озмоиши рӯзгор бувад. Ардашер, ки аз машоҳири мулуки мутақаддам аст, гӯяд, ки чун касеро саодат мусоидат кунад ва иқбол ёрӣ диҳад, раъй ва дониши ӯ бияфзояд ва андак кифояти ӯ, дар чашми мардум бузург ояд. Чун рӯзгор мувофиқ наёяд, ҳар чи беҳтар андеша кунад, самараи он бадтар бувад ва ба чашми мардум хор шавад.

Шеър:

*Ҳунарҳо зи бадбахт оҳу[2] бувад,*
*Зи бахтоварон зишт некӯ бувад.*

Синдбоди ҳаким гӯяд: «Зиён чун бихоҳад расидан, пеши хасм бар ваҷҳи суд сурат бандад ва чун саодат рӯй дар пардаи завол кашад, ҳар чи некӯтар андешанд, зишттар

---

[1] кусор – резаву шикаста. Мурод тангрӯзӣ аст.

[2] оҳу – айб, нуқсон

гуфта шавад ва ҳар чи устувортар доранд, зудтар ба бод равад. Ва чун рӯзгор ёр бувад ва бахт мувофиқат кунад, ҳар чи ба забон ронанд, некву хуб намояд ва судманд бувад».

Шеър:

*Киро меҳнате сахт хоҳад расид,*
*Ба камтар сухан меҳнат ояд падид.*
*Киро рӯзи нек ояду бахти нек,*
*Агар бад кунад, оядаш сахт нек.*

Фанохусрав гӯяд: «Ҳар кӣ хештанро дӯст дорад, аз гуноҳ бипарҳезад ва ҳар кӣ фарзанди хешро дӯст дорад, бар фарзанди касон раҳмат барад ва ҳар кӣ ҳунар ҷӯяд, бо каримон суҳбат кунад».

Порсиён гуфтаанд: «Сирри ҳамаи ҳунарҳо бетамаъист ва сирри ҳамаи некиҳо парҳез аст ва сирри ҳамаи карамҳо он аст, ки мардумро бо забон наранҷонанд». Хусрав гӯяд: «Ҳар кӣ ба ботил майл кунад, хонаи бадиро ободон кунад ва ҳар кӣ ҳакро ёрӣ диҳад, озодро банда кунад. Ва ҳар кӣ айби хеш нашиносад, ҳамеша маъюб бувад». Ҳаким гӯяд: «Сазовортарини мардумон андар корҳо пиронанд, чӣ андар ҷавонон тезӣ ва сабукӣ аст ва ҳамаи хатоҳо аз шитобу сабукӣ ояд». Ва аз ин ҷост, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармуд: *«ал-Баракату маъа акобирикум».* Яъне, баракат бо бузургони шумост. Ва аз ин бузургони солро мехоҳад ва пиронро, ки аз шарафи пирист, ки пайғомбаронро, алайҳимуссалом, ваҳй ба ҷавонӣ наёмадӣ то чиҳил сол тамом нашудӣ.

Афлотун гӯяд: «Ҳар кӣ ба чашми худ бузург бувад, ба чашми мардум хурду ҳақир бувад. Ва ҳамчунон ки аз офтоб торикӣ наёяд, аз бешарм дӯстӣ наёяд ва ҳамчунон ки аз ангубин талхӣ наёяд, аз худовандони муруввату футувват бешармӣ наёяд». Доно гӯяд: «Ҳамчунон ки аз хор бору симор[1] таваққуъ нашояд дошт, аз мардуми бехирад аҳлияти кор наёяд».

[1] бору симор – ҳосилу меваҳо

**Ҳикояти омили Ҳаҷҷоҷ ва мазолим[1] кардани вай**

Ҳикоят: Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф якеро ба ноҳияти Ироқ ба амал фиристод ва он шахс аҳлияти он амал надошт. Рӯзе мазолим карда буданд ва мунодӣ мекарданд, ки худовандони ҳоҷат дароянд, масхарае андар шуд ва ба ҷои мутазаллимон биншаст ва хомӯш ҳамебуд. Ҳоҷиб гуфт: «Эй мард, чӣ ҳоҷат дорӣ? Бигӯ!» Масхара як пой дароз кард ва гуфт: «Ҳоҷати ман як пой мӯзаи адим[2] аст, ки як пои ман бараҳна аст». Ӯро гуфтанд, ки ин на ҷои ҳазл аст. Гуфт: «Ман донистам, ки шумо бигӯеду накунед». Бихандид ва бирафт. Пас ин қазияро ба Ҳаҷҷоҷ гуфтанд. Фармуд он омилро маъзул кунанд. Пас, чун кор ба ноаҳл супоранд, афсӯсиён[3] бар ӯ афсӯс доранд ва оқибати кор ба надомату пушаймонӣ анҷомад.

Шеър:

*Чӣ некӯ сухан гуфт донишфазой,*
*Бар он, к-ат на кор аст, камтар гарой.*

Батлимус гӯяд: «Он кас, ки ӯ бад кунад, ӯро аз бад эмин нашояд будан, ки ҳарчанд дар дил ниҳон дорад, асари он бар пешонии бадсигол зоҳир бувад».

Шеър:

*Бад андар дил, арчанд пинҳон бувад,*
*Зи пешонии мард тобон бувад.*

Ҳакими Ҳинд гӯяд: «Ҳар он кас, ки коре пеш гирад ва ғайри он дар дил андешад, ҳаргиз он кор тамом нашавад. Зеро ки муғаннӣ, агарчи сахт устод бувад, натавонад ба даст чизе дигар гуфтану задан».

Бинямуси доно гӯяд, ки коре, ки кардани он нокарда авлотар, дар он ранҷ набояд бурдан, ки агар ранҷ барад, надомат кишта бошад ва ҳасрат дуруда.

Ҳакимеро пурсиданд, ки кадом ҳақ аст, ки ба халқ зишт намояд? Гуфт: «Хештанро сутудан агарчи ба

---

[1] мазолим – ситамҳо
[2] адим – пӯстӣ, сохташуда аз пӯст
[3] афсӯсиён – истеҳзогарон

истиҳқоқ[1] ситояд». Гуфтанд: «Кадом дод аст, ки бедод орад?» Гуфт: «Ҷавоби дурушт додан».

Ардашер гӯяд: «Ситамзада бадтар аз чӯбзада ва марг хуштар аз бим, ки ҳар кӣ бим дорад, ҳаргиз бе ғаму андӯҳ набувад».

Шеър:

*Шигифтӣ набошад, ки гардад зи дард,*
*Сари сарв кӯжу гули сурх зард.*

Ҳакимон гуфтаанд, ки дин ҳисори давлат аст. Ҳуш дор, ки умр андак аст ва ният некӯ дор, ки оқибат душвор аст.

Бузарҷмеҳр гӯяд, ки ҳар кӣ пероҳани шарм андар пӯшад, айбҳои ӯ пинҳон шавад ва ҳар кӣ забон нигоҳ дорад, сар нигоҳ дошта бошад, ки забони бад сабаби ҳалоки мард аст. Исҳоқи Ҷӯйборӣ гӯяд:

Шеър:

*Замона панде озодвор дод маро,*
*Замона чунки накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.*
*Замона гуфт маро: Рав, забон дор нигоҳ,*
*Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.*

---

[1] истиҳқоқ – шоистагӣ

# БОБИ ШАШУМ
# ДАР ДӮСТӢ ВА ҲУҚУҚИ ДӮСТӢ

Бидон, ки дӯстӣ кардан ба истиҳқоқ[1] асле бузургу коре азим аст ва мардуми оқилро аз муҳаббати дӯстони мухлис чора набошад ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Раъс-ул-ъақли баъда-л-имони ат-таваддаду ила-н-носи»*. Яъне, сари хирад, баъд аз он ки имон оранд ба Худой, азза ва ъало ва ба китоби Вай ва малоикаву паёмбарони Вай ва ба рӯзи қиёмат, дӯстӣ кардан аст бо мардум ба истиҳқоқ. Ва Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст, ки: «Борӣ, азза шаънуҳу, дар ҳаққи он, ки чизе хоста буд, ӯро дӯсте мухлис рӯзӣ кунад».

Синбоди ҳаким гӯяд, ки ҳарчанд, ки мард ба ҳиляи дониш мутаҳаллӣ[2] бувад, вайро аз дӯсти мушфиқ чора набувад, ки андеша кардан андар корҳо бо дӯстон, ҳамчунон равшаноӣ диҳад корҳоро, ки равған чароғро. Ва бар қасри Афредун навиштааст, ки: «Беҳтарин судеву манфиате дӯстӣ кардану мусодиқат намудан бо мардуми доност ва бадтарин зиёне суҳбати мардуми нодон. Тасаввур кунад ва шарафи дӯстӣ муҳаққар нашиносад, ки марди бедӯст чун сари бечашм аст».

Шеър:

*Шавад дӯст аз дӯст ороста,*
*Чу бо эминӣ мардум аз хоста*[3].

---

[1] ба истиҳқоқ – ба шоистагӣ, ба ҳақиқат

[2] мутаҳаллӣ – зинатёфта, ороста

[3] хоста – дороӣ, амвол

*Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон!*
*Магар дӯстӣ, к-он бимонад ҷавон.*

Аристатолис гуфтааст, ки ду чиз андӯҳ аз дил бубарад: Яке – дидори дӯстон. Дувум – сухани доноён ва насиҳату мавъизати эшон.

Шеър:

*Ду чиз андӯҳ аз дил ба берун барад,*
*Рухи дӯст в-овози марди хирад.*

Афлотун гӯяд, ки аз дӯст ба андак чизе, ки воқеъ шавад, даст боздоштан на аз дониш бувад, чунонки шоир гӯяд ва дар қасри Афредун ба тартибе дигар навишта аст:

*Аз дӯст ба ҳар захме афгор набояд шуд*
*В-аз ёр ба ҳар ҷавре безор набояд шуд.*

Шеър:

*Бувад дӯст мар дӯстро чун сипар,*
*Беҳ аз дӯст мардум кӣ бошад дигар.*

Бузарҷмеҳр гуфтааст: «Мардумро (дар) шодиву меҳнат аз дӯст чора нест, ки рою тадбири дӯстон дар корҳо ҳамчунон рӯшноӣ диҳад, ки офтоб». Ва ҳукамо гуфтаанд, ки ҳазор дӯст як мардро бисёр нест ва як душман ҳазор мардро бисёр аст. Афлотун гӯяд: «Дӯстиву душманӣ ба андоза бояд кардан, ки он тамомии дониш аст».

Шеър:

*Ки мар дӯстро ҷовидон панди дӯст,*
*Беҳ аз гавҳар, арчанд гавҳар накӯст.*

Ва дӯстӣ набояд, ки аз барои суду зиён бувад ва аз барои ғаразе ҳоле, ки чун ғараз хезад, дӯстӣ ба фасод ояду кор ба душманӣ анҷомад.

Шеър:

*Ҳар он дӯст, к-аз баҳри суду зиён*
*Бувад дӯст, душман бувад бегумон.*

Манучеҳр гуфта, ки марди доно андар вақти он, ки дӯстро коре пеш ояд, ҳарчанд, ки аз он дӯст озурда бувад, озор аз дил берун кунад ва ҳарчанд, ки муставҷиби итоб

бувад, он итоб бардорад, ки шоистаи дӯстӣ он бувад, ки ба неку бад бар вай эътимод шояд кардан.

*Киро озмудишу ёри ту гашт,*
*Манол аз гуноҳе, ки бар вай гузашт.*
*Бар он к-ат гузин буд, магзин дигар,*
*В-агарна бимонӣ пиёда аз ду хар (?).*

Фиқровуси ҳаким гӯяд: «Аз дӯст ба як бадӣ, ки ба мардум расад, набояд буридан, балки дӯсти меҳрубон он бувад, ки агар тақсире аз дӯст содир шавад, узри хештан хоҳад». Ва бар қасри Офаредун навиштааст, ки аз дӯстони мухлис озори дил нагиранд, ки он сармояи нодонист. Ва бузургон гуфтаанд, ки агар дар мардум чаҳор хислат набошад, бо эшон дӯстӣ нашояд кардан: Аввал – ақл, ки дар суҳбати аҳмақ ҳеч фоида набувад ва ба охир ба ваҳшат анҷомад, ки аҳмақ чун хоҳад, ки некӯӣ кунад, шояд, ки бинобар нодонӣ ба ваҷҳе икдом намояд, ки мазаррати вай беш аз манфиат бувад. Дувум – хулқи некӯ, зеро ки аз мардуми бадхӯй саломат таваққуъ нашояд дошт ва чун мутағаййир шавад, ба хӯи бад ҷумла ҳуқукро ба як лаҳза тарк кунад ва ҳама собиқа ба инбисотро ба зиён орад. Савум – он ки бо сукунату рифқ бувад ва ниҳоди ӯ ба инсоф бувад, зеро ки аз мардуми шитобзадаву золимниҳод вафои дӯстӣ таваққуъ нашояд дошт. Чаҳорум – он ки ниҳоди вай чунон бошад, ки ба масолеҳи корҳо роғиб бошад ва бар маосӣ[1] агарчи исрор намояд, аммо ба нафси худ муътариф бошад ва аз Худои таоло тарсанда бошад, чи он кас, ки аз Худои таоло натарсад, бар вай эътимод набошад ва Худой, азза ва ҷалла, фармудааст: *«Ва ло тутиъ ман агфално қалбаҳу ъан зикрино ва-т-табаъа ҳавоҳу»*. Яъне, тоат мадор касеро, ки вайро аз зикри худ ғофил кардаам. Ва ҳамчунон дар ҳуқуқи дӯстон бар якдигар ва он ҳуқуқ аз даҳ навъ аст: Аввал – он аст, ки исори баъзе аз мол аз барои якдигар ба ҳадде, ки исрофу табзир набошад, дареғ надорад ва

[1] маосӣ – гуноҳон

ин дарачае бузург аст дар шароити дӯстӣ. Ва Худой, азза шаънуҳу, дар ҳаққи эшон сано мегӯяд: *«Ва йуъсируна ъало анфусиҳим».*[1] Дувум – ёрӣ додан аст дар муҳиммоту ҳоҷот, пеш аз он, ки истионат хоҳанд, аммо шарт он бошад, ки қиём ба диле хуш намояду пешонии кушода. Савум – он аст, ки дар ҳаққи дӯстон некӣ гӯяду уюби эшон пӯшида дорад ва шароити дӯстӣ дар ғайбат ҳамчунон муҳофизат кунад, ки дар ҳузур. Чаҳорум – ба забон низ шафқат кунад ва дӯстӣ изҳор кунад, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, васият кардаасту фармуда: *«Изо аҳабба аҳадукум ахоҳу фалйухбируҳу».* Яъне, чун касе аз шумо якеро аз бародари мусалмон дӯст дорад, ӯро аз он хабар диҳад. Панҷум – он ки ҳарчи дӯст ҳоҷатманд бувад аз масолеҳи диниву дунявӣ вайро биомӯзад, ки бародаронро аз оташи дӯзах нигоҳ доштан авлотар бошад, ки ранҷи дунё. Шашум – агар зиллатеву тақсире ҳодис шавад аз вай, авф кунад ва агар, чунонки бар маҳориму маҳзурот иқдом намояд ё аз авомиру воҷибот тарк кунад, мустаҳаббу мустаҳсан он аст, ки он дӯстӣ бар худ макрӯҳ нашиносад ва аз он дӯст набурад.

### Ҳикояти бузурге, ки дӯстиро аз дӯсташ бознамегирифт

Ҳикоят: Вақте бузургеро гуфтанд, ки аз фалон дӯст чаро дӯстиро қатъ накунӣ, ки бар маосӣ исрор менамояд ва дар манохӣ афтодааст? Он бузург фозил буд, ҷавоб чунин дод, ки вайро ба фазли дӯст имрӯз ҳоҷат аст, балки шарти муҳаббат иқтизои он кунад, ки ба василати дӯстӣ дасти вай гирам, то магар ба лутфу фазли Худои таоло вайро аз фузул боздорам, то аз оташи дӯзах раста шавад.

Ҳафтум – он ки дӯстро ба дуо ёд дорад ва ҳамчунон фарзандони вайро дар ғайбати вай, хосса, ки Расул,

[1] Яъне: Дигаронро бар хештан муқаддам медоранд (сураи Ҳашр, ояти 9).

саллаллоҳу алайҳи, фармудааст, ки: «Дуои ғоиб дар ҳаққи ғоиб масмуъ[1] бошад».

Ҳаштум – вафои дӯстӣ нигоҳ доштан. Ва вафои дӯстӣ баъд аз он, ки шарҳ дода шуд, он аст, ки дӯстӣ мустамир[2] доранд, чунонки он дӯстӣ ба фарзандон мерос монад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Ҳуббу йатаворасу».* Яъне, дӯстӣ он аст, ки ба фарзандон ба мерос монад.

Нуҳум – он ки ба қадри имкон ва андозаи иститоат[3] такаллуф аз миён баргиранд, чи такаллуфи зиёдатӣ дар мутаориф[4] мустаҳсан[5] нашиносанд.

Даҳум – он ки пайваста зан(н)[6] чунон барад, ки магар худ дар ҳуқуқи дӯстӣ қосир аст ва аз дӯст муроот таваққуъ доштан одат накунад, ки он шоистаи тамаъ дорад ва ба ҳама ҳаққҳо қиём намояд.

Шеър:

*Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯи дӯстон.*
*В-эч талхӣ нест бар дил талхтар,*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*

---

[1] масмуъ – шунидашуда, ба гӯш расанда, мақбулшаванда
[2] мустамир – бардавом
[3] иститоат – тавоноӣ
[4] мутаориф – замони шинохт, ошноӣ бо якдигар
[5] мустаҳсан – писандида, хуб, некӯ
[6] зан(н) – гумон

# БОБИ ҲАФТУМ
# ДАР ДУШМАНИВУ АСБОБИ ДУШМАНӢ ВА КАЙФИЯТИ ДУШМАНӢ КАРДАН

Бидон, ки душманӣ кардан, коре хатарнок аст, хосса, миёни подшоҳон аз ҷиҳати он, ки аз лавозими адоват он аст, ки нуфусу амволи аодиро[1] мутасаддӣ ва мутаарризи офату ғорат хоҳад ва то тавонад ба вусъи қудрат ва имкони иститоат хатароту бузургии эшонро дар маърази хатару бало афканад ва аодӣ низ ба қадри қуввати хеш, тариқи мухосамату сабили муқовамат сипарад. Пас, натиҷаи адоват он хоҳад, ки аз тарафи ҳар як амвол ва нуфус дар садади хатару офат бошад ва шакке нест, ки иқдом намудан бар амсоли ин афъол коре хатарнок аст. Пас, аз лавозими хирад он аст, ки то тавонад, аз мардумдушманӣ ҳазар кунад. Ва бузургон гуфтаанд, ки адоват карданро одат намудан, аломати хубу шавоҳиди маҳмуд нест, чи аз лавозими душманӣ он аст, ки ҳамеша душман ҳасад барад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Ҳасаду йаъкулу-л-ҳасаноти камо таъкулу-н-нору ал-ҳатаба»*. Яъне, ҳасад ҳасаноти мардумро ҳамчунон мехӯрад, ки оташ ҳезумро ва чун ин қоида муқаррар шуд, бар оқил воҷиб бошад, ки бидонад, ки душманӣ аз чӣ мутаваллид шавад ва бо эшон чӣ гуна зиндагонӣ бояд кардан.

Машоҳири ҳукамои Юнон гуфтаанд: «Панҷ чиз аст, ки аз он душманӣ хезад: Аввал – тамаъ кардан дар амволу нуфус на бар ваҷҳи истиҳқоқ. Дувум – ситадани моли дигарон,

[1] аодӣ – душманон, мухолифон

хосса, ки бар хилофи шиори шариат бувад. Савум – ҷавру тааддӣ кардан, хосса, ки аз мутаориф дур бувад. Чаҳорум – аз умеде, ки дода бошанд, навмед кардан. Панҷум – сухани сард гуфтан ва агарчи бар сабили дод бувад.

Ва аммо кайфияти маишат бо эшон аз ҷиҳати он, ки ҳамвора мардумро авқоту сооти қобили он набошад, ки дар вай адоват тавон такдим доштан ва ҳар замоне мубоширати адоват ва қаҳри аодиву мухолифон даст надиҳад, агар душмане мутаоҳид шуд, албатта ба ҳеч ҳол бар аъдо[1] эътимод накунад ва ба зарурат бидонад, ки доим аз эшон ҳазар бояд кардан ва ба гуфтори хубу забони ширини аодӣ ғарра нашояд гаштан, аз ҷиҳати он, ки мумкин аст, ки душманӣ дар амокини дили ӯ мутамаккин гашта бошад ва шояд, ки аз зуҳури душманӣ монеъе бошад ва дар ботини хеш ба кайду[2] ғадр машғул шавад. Ва ҳукамо гуфтаанд, ки ҳар душмане, ки ба ифтиолу[3] ҳилат ва макру хадиат[4] бувад, муассиртар аз он бошад, ки ошкоро бувад ва ба қуввату кӯшиш. Ва араб масал задааст ва гуфта: *«Шарр-ул-аъдои ихфоҳум макидатан».* Яъне, бадтарини душманон он бошад, ки макоиди ӯ махфитар бошад. Ва ба мубоширати некӣ аз аодӣ ғофил нашавад.

Шеър:

*Ҳар атое, ки душманат бахшад,*
*Гар набошад чунон ато, шояд.*
*Дӯст, к-ӯ бар ту зор навҳа кунад,*
*Беҳ, ки душман туро бубахшояд.*

Абӯшакур гӯяд:

*Ба душман барат устуворӣ мабод,*
*Ки душман дарахтест талх аз ниҳод.*

---

[1] аъдо – душманон

[2] кайд – макр, ҳила, фиреб

[3] ифтиол – бухтону дурӯғ бофтан дар ҳаққи касе; ҳилагарӣ ва сохтакорӣ

[4] хадиат – макр, ҳила

*Зи душман гар эдун, ки ёбӣ шакар,*
*Гумон бар, ки заҳр аст, ҳаргиз мах(в)ар.*

Суқрот гӯяд: «Дили душман ба ростӣ нагароядду вафову меҳрубонӣ дар дил надорад ва аз ӯ умеди некӣ, таваққуъ нашояд дошт». Шарвини Қоран гӯяд, ки душман ҳарчанд, ки мадоро кунад, аз ӯ ҳазар бояд кардан ва ба гуфтори вай ғарра нашояд будан, ки занги синаи душман аз кина нашояд зудудан, ки адоват дар дили эшон руста бошаду дар ниҳодашон мустаҳкам гашта.

Шеър:

*Ҳар он кина, к-аз дил бувад хоста,*
*Набинад-ш ҳаргиз касе коста.*
*Касеро, ки дорад нигаҳ кори хеш,*
*Бигӯ, кори душман нигаҳ дор пеш.*

Афлотун гӯяд: «Аз душман он гаҳ бояд тарсидан, ки гумон барӣ, ки аз вай набояд тарсидан ва бо ту сухани хуш гӯяд ва дӯстӣ намояду мадоро кунад».

Шеър:

*Душмани зиштфеълу хубсухан,*
*Пораи оҳан аст зарандуд.*[1]

*Ба ҷаҳон андарун зи душману дӯст,*
*Набувад ҳеч халқ аз ӯ хушнуд.*

Афлотун гуфтааст: «Ҳар гоҳ, ки мутаҳаққиқ шуд, ки ба ҷаҳду иститоат дасти душман натавон буридан, бар он даст бӯса бояд додан, то аз рӯзгор фурсат ёбанд».

Шеър:

*Нагуфтаст доной ин бар фусӯс,*
*Ки дасте, ки натвон буридан, бибӯс.*

* * *

*Дасти душман туро занад, донӣ?*
*Бӯса деҳ чун бурид натвонӣ.*

Бузургон гуфтаанд, ки макоиду ифтиол ба рифқу

[1] зарандуд – зарҳалкардашуда, зардавондашуда, зоҳиран зебо

мадоро пеш беҳтар шояд бурдан аз он, ки ба дуруштиву мухосамат, ки боди сахт, ки андар миёни дарахт афтад, ҷуз он накунад, ки ағсони[1] вай биҷунбонад ва авроқ бирезонад, валекин бад-он нармиву оҳистагӣ, ки об аст, андар зери дарахтон шавад ва аз бун биканад.

*Ба нармӣ басе чиз кардан тавон,*
*Ки ба ситам надонӣ бикардан, ту он.*
*Ба нармӣ барорад басе чиз мард,*
*Ки он барнаёяд ба нангу набард.*

Шарвини Қоран гӯяд, ки хашмро дар хештан роҳ мадеҳ, ки хашм роҳи хирад бар ту баста кунад ва агар туро аз душман озоре расад ва хоҳӣ, ки мукофот кунӣ, ҳам эътимод ба замона кун, ки кина беҳ замона битавонад хостан ва интиқоми абнои рӯзгор ҳам айём беҳ тавонад кашидан.

Шеър:

*Гар аз касет бадояд ба рӯзгор супор,*
*Ки рӯзгор туро чокар асту кинагузор.*
*Нигар, ки хашм нагириву тангдил нашавӣ,*
*Ки бахти хуфта замон то замон шавад бедор.*

Ва ҳукамо гуфтаанд, ки аз душман беш аз он эҳтироз бояд кардан, ки аз мори афъӣ, то он гоҳ, ки рӯзгор мусоидат кунад ва иқбол мутақаббили дафъи аъдо шавад ва давлат ёрӣ диҳаду бахт мувофиқат намояд, он гоҳ бар интиқоми аъдо иқдом намояд.

Шеър:

*Шунидам, ки душман бувад чун булӯр,*
*Чу гоҳи шикастан наёбӣ, машӯр.*
*Пас он гаҳ, ки хоҳӣ ту он бишканӣ,*
*Чунон кун, ки бар санги хоро занӣ.*

Ва бузургони дин гуфтаанд, ки чун айём мувофиқат нанамояд, бибояд гурехтан, ки айб набувад, ки дар Қуръони маҷид аст аз ҳикояти Мӯсо (а), ки Фирьавнро

[1] ағсон – шохаҳои дарахт

гуфт: *«Фафарарту минкум ламмо хифтукум»*[1] ва низ гуфтаанд: *«ал-Фирору миммо ло йутоқу мин сунани-л-мурсалин»*. Яъне, гурехтан дар вақте, ки тоқат набувад ва муқовимат натавонад кардан, аз суннати пайғамбарон аст.

Фанохусрав гӯяд: «Ҳар гоҳ, ки ту бе қувват бо душман мухосимат кунӣ, силоҳи худ ба дасти вай дода бошӣ ва худро нишонаи тири балову мухотира сохта.

Шеър:

*На дониш бувад, оҳани обдор*
*Гаҳи хашм додан ба ноҳушёр.*

Фикровус гӯяд, ки душман андар ниҳон қасди душманӣ беҳ аз он кунад, ки ба хасми ошкоро бувад, зеро сухан чун пинҳон гӯянд, ба насиҳат наздиктар бувад ва чун ошкоро гӯянд, ба хусумат наздик бувад.

Шеър:

*Ъафаллаҳ, душмане к-ӯ ошкоро,*
*Намояд душманӣ аз кибру аз кин.*
*Туфу бар дӯсте, к-ӯ дорад аз кайд,*
*Диле пуркинаву алфози ширин,*
*Ки он душман басе беҳтар аз ин дӯст,*
*Ба ҳаққи сураи «То Ҳо»-ву «Ё Син».*

Бузарҷмеҳр гӯяд, ки чашми душман некии ту набинаду гӯшаш некии ту нашунавад ва забонаш некии ту нагӯяду дилаш хайри ту наяндешад ва ҳама ҳунарҳои туро маъюб дораду андак айби туро бузург намояд ва аз макру ҳила холӣ набошад.

Шеър:

*Кунад душман оҳуи кӯчак бузург,*
*Ба харгӯши ту барниҳад номи гург.*
*Чу душман ба гуфтан тавонад ҳаме,*
*Дурӯге, ки бо рост монад ҳаме.*

---

[1] Яъне: Пас, чун аз уқубати шумо битарсидам, аз пеши шумо фирор кардам (сураи Шуаро, ояти 21).

*Чӣ чораст бо ӯ ба ҷуз хомушӣ,*
*Ситеҳангӣ бошад аз беҳушӣ (?).*

Афлотун гӯяд: «Чун ба душман зафар ёфтӣ ва кини худ аз вай тавонӣ хостан, ҳам андеша беҳтар бояд кардан ва шитобзадагӣ нонамудан».

Ҷаъфари Содиқ гӯяд: *«Иннӣ лаубодиру ило қазои ҳоҷати ъадуввӣ махофатан ан йастаъина бигайрӣ фасайастагнӣ ъаннӣ»*. Яъне, ман таъҷил кунам дар гузоридани ҳоҷати душман, тарси онро, ки ба ҷуз аз ман аз касе дигар ёрӣ хоҳад ва аз ман бениёз шавад.

Ибни Аббос, разияллоҳу анҳу, гӯяд: «Чун душман аз ту машварат ҷӯяд, ба савоб роҳ намой, то савоб ёбӣ ва душман худ зидди он кунад ва мақҳур шавад». Ҳакими Ҳинд гӯяд, ки ҳар коре, ки ба нармиву мадоро барояд, таъҷил набояд намудан, ки бисёр бувад, ки ба сабаби таъҷил аз корҳои хурд балоҳои бузург хезад.

Шеър:

*Ба нармӣ чу гардан ниҳад рӯзгор,*
*Дуруштиву сахтӣ наояд ба кор.*

Ардашер ба сипоҳи худ номае карду гуфт: «Танҳои худро ба маркаби сабурӣ савор кунед ва бидонед, ки андар корҳои хурд ҳамон ҳаракат аст, ки андар корҳои бузург».

Шеър:

*Шуҷоъ он, ки дилро шикебо кунад,*
*Ба ошуфтан андар мадоро кунад.*

## Ҳикояти олуҳ[1] ва шағол

Ҳикоят: Гӯянд, ки ба канори дарёи Мавқон[2] олуҳе ва шағоле макон доштанд ва олуҳ ҳар рӯз бишудиву то нимаи дарё ғӯта кардӣ ва моҳӣ гирифтиву ба канор овардӣ ва чун хостӣ, ки бихӯрдӣ, шағол дар миёни беша камин сохта

[1] олуҳ – уқоб

[2] Мавқон – номи дарёест дар Озарбойҷон ва ба ҳамин ном шаҳре низ дар он ҷо ҷойгир аст.

будӣ, аз гӯшае дарҷастиву моҳӣ бирабудӣ ва дар беша гурехтӣ ва олуҳи бечора гурусна бимондӣ ва муддате шағол ҳамчунин мекард ва олуҳ сабру мадоро мекард ва рифқ менамуд ва меандешид, ки чӣ ҳилаву ғадр кунад.

Рӯзе бо хештан гуфт: «Натавонам аз ин канори дарё ба ҷои дигар шудану мақом кардан ва зоду буд ба шағол гузоштан, ки дӯстон аз баҳри ман ғамгин шаванд ва душманон шодӣ кунанд ва ман дар миёни мурғон достоне шавам». Чунонки гуфтаанд:

Шеър:

*Батар рӯзгор он шуморам ҳаме,*
*Ки бар коми душман гузорам ҳаме.*

Ва мардуми бахтиёр он бувад, ки агар кам зияду агар бисёр, то зинда бувад, бар сари хонумони хеш бувад ва зиндагонӣ, ки ғайри ин бувад, барои марг аст ва ба ном мурдан беҳ, ки ба нанг зистан. Чунонки шоирон гуфтаанд:

Шеър:

*Ба номи накӯ гар бимирам равост,*
*Маро ном бояд, ки тан маргрост.*
*Чунин гуфт, Хусрав, ки: «Мурдан ба ном,*
*Беҳ аз зинда, душман бад-ӯ шодком».*

Акнун тадбири ман он аст, ки бо шағол ҳилате кунам, чунонки ӯ мекунад ва кайде созам, қавитар аз он, ки ӯ мекунад.

Шеър:

*Ялон захми пӯлоду дасти дароз,*
*Зи сар ҳам ба пӯлод доранд боз.*

Пас, мурғеро бихонду пеши шағол фиристод ва аз ӯ сулҳ хосту гуфт: «Миёни ману ту ҳамсоягист, бояд ҳаққи якдигар нигаҳ дорем, ки ҳаққи ҳамсоя бар ҳамсоя воҷиб аст, ки Паямбар, саллаллоҳу алайҳи, гуфтааст, ки «Ҷабраил, алайҳиссалом, маро дар ҳаққи ҳамсоя чандон васият кардааст, ки таманно кардам, ки магар ҳамсоя аз ҳамсоя мерос барад». Ва араб масал задааст: *«Мина-л-*

*муруввати кафф-ул-азо ъани-л-ҷирони».* Яъне, аз мурувват аст, ранҷ аз ҳамсоягон боздоштан. Ва акнун ман ризои ту биҷӯям ва дар рӯзе ду бор сайд кунам, яке маро бошаду яке туро ва ин боқии умр ба сулҳу дилхушӣ бо якдигар ба сар барем. Ва бад-ин қарор доданду сулҳ карданд ва шағол розӣ шуду бар олуҳ густох шуд ва олуҳ ҳар рӯз ду бор сайд кардӣ ва моҳӣ овардӣ ва яке худ хӯрдиву яке ба шағол додӣ ва то рӯзе, ки олуҳ ба сайд рафт ва шағол бар канори дарё мутарассид[1] нишаста буд, хоб бар ӯ ғалаба карду бихуфт. Пас, чун олуҳ расид, шағолро бар канори дарё хуфта ёфт ва аз беша берун омада гуфт: «Вақти куштани душман аст, то фурсат фавт нагардад».

Шеър:

*Чу душман ба банд уфтад, кун ту зӯр,*
*Ки ҳаргиз нагардад раҳо то ба гӯр.*

Пас, олуҳ аз ҳаво даромаду чангол бизаду шағолро бирабуд ва дар ҳаво бурд, то нимаи дарёву бияндохту гуфт: «Ман моҳӣ аз ин ҷо мегирам, ту низ бигир!»

Шеър:

*Касеро, ки дандон бихоҳӣ шикаст,*
*Ба амдо мабар сӯи дандон-ш даст.*
*Хурӣ деҳ, ки дандон-ш болон шавад,*
*Чу хӯрда бувад, хеш дандон канад.*

Ва мақсуд аз ин ҳикоят он аст, ки чун олуҳ бо душман мадоро кард, ба коми хеш расид.

Синдбод гӯяд, ки чун ту аз душман эмин наӣ ва дар дил дорӣ, ки кини ӯ бихоҳӣ, ӯро сухани сахт магӯй ва ба номи бад махон, то фурсат туро бошад.

Шеър:

*Чу рӯбоҳро кушт хоҳӣ, нигар!*
*Нахонӣ ба номаш магар шери нар.*

---

[1] мутарассид – мунтазир, дар камин нишаста

# БОБИ ҲАШТУМ
# ДАР НАСИҲАТУ МАВЪИЗАИ ФАРЗАНД ВА ДАР ТАРБИЯТИ ВАЙ

Ба ҳукми он ки фарзанд вадиатест[1] дар дасти падару модар ва он дили поки ӯ чун гавҳаре нафис аст ва нақшпазир аст чун мум ва аз ҳама нақшҳо холист ва чун замине пок аст, ки ҳар тухм, ки дар вай афканӣ, бирӯяд. Агар тухми хайр афканӣ, ба саодати дину дунё расад ва модару падару муаллим дар савоб бошанд ва Худои таоло мефармояд: *«Қу анфусакум ва аҳликум норан»*[2]. Ва Борӣ, азза шаънуҳу, шафқати фарзандон дар дили падарон ниҳода аст ва пайваста дар андеша ва тафаккури он бошад, то худ баъд аз эшон аҳволи фарзандон чӣ гуна гузарад ва оқибати эшон ба чӣ анҷомад, ки ъала-л-ҳақиқат, самараи ҳаёт ва захираи умри эшонанд. Ва ҳифзи ин масолеҳ ба риояти панҷ чиз тавон кардан: Аввал – он ки муқтазои шаръ ва ақл суҳбат кардан, ки мӯҷиби таволиду таносул аст, риоят кунад. Яъне, ки авқоте, ки дар вай суҳбат кардан макрӯҳ аст, талаби фарзанд накунад ва Пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи, амирулмуъминин Алиро, разияллоҳу анҳу, васият кардааст, ки рӯзи аввали моҳ ва рӯзи нимаи моҳ ва рӯзи охири моҳ бо зан суҳбат макунед, ки шаётин ба вақти суҳбат ҳозир оянд ва шояд, ки аз он нутфа фарзанде мутаваллид шавад, ки васвоси шайтонӣ бар вай муставлӣ бошад. Ва аммо аз ҷиҳати

---

[1] вадиат – амонат, чизи ба амонат гузошта

[2] Яъне: Хештан ва аҳли худро аз оташ(-е, ки оташафрӯзи он мардум ва сангҳо мебошанд), нигоҳ доред (сураи Таҳрим, ояти 6).

маъқул пеши аҳли саноати нуҷум риояти он маънӣ ба ду ваҷҳ мустаҳсан аст: Аввал – он ки қонуни аҳли нуҷум аз ҷиҳати талаби фарзанд он аст, ки моҳ нозир бошад ба назари саъд, чун тасдис[1] ва таслис[2] ва аз мунозироти наҳс барӣ бошад. Хосса, аз муқорана ва муқобала ва аз он ки таҳташшуоъ[3] бошад ва дар он шабҳо, ки зикри вақти мунозироти маҳмуд ба офтоб мумкин нест ва ба зарурат моҳ ба яке аз иттисолоти наҳс мавсуф хоҳад буд, хосса, ки мунҳадир[4] бувад дар фалаки тадвир. Ва дувум – он ки баъзе аз мутақаддимон, ки аз машоҳири ин табақаанд, бар онанд, ки дар ҳар кадом бурҷ, ки моҳ дар вай бувад, ба вақти он ки нутфа мутааллиқ шавад, ки ибтидои кавн аст, яъне он бурҷи толеъи валодат бошад ва аз ин ҷо лозим ояд, ки толеъ дар вақти ибтидои кавн манҳус бошад, бад-он чи қамар дар вай бошад. Аммо таҳташшуои мунҳадир аз фалаки тадвир бошад ва аммо аз муқобала мунсариф гашта бошад, ҳам мунҳадир. Ва шакке нест, ки риояти ин маънӣ матлуб аст. Дувум – он ки дояе ба салоҳ ва ҳалолхор ва некӯхӯй талаб кунад, зеро ки хӯи бад аз доя сироят кунад. Ва Пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ар-Разоъу йуғайийр-ут-тибоъа»*. Яъне, шир додан табиати насабиро мутағайир гардонад. Ва фоидаи вай он аст, то хасису дунҳиммат ва бадхӯ нашавад. Савум – он ки вайро ба адаб дорад, яъне ҳарчи аз маҳорим[5] ва манoҳии[6] шаръ бошад, ба қадри вусъу тоқат ӯро аз он манъ кунад. Ва агар дар ҳолати туфулият бувад, аз амсоли рабудану дурӯғ гуфтан ва дашном додану фахру такаббур кардан ва анвои

[1] тасдис – қарор гирифтани бурҷ ё ситорае дар фосилаи шастдараҷаи бурҷ ё ситорае дигар

[2] таслис – қарор гирифтани як бурҷ ё ситорае дар фосилаи садубист дараҷаи бурҷ ё ситорае дигар. Аҳли нуҷум ин ҳолро далолатгар бар муҳаббат медонанд.

[3] таҳташшуоъ – зери партав, зери нур

[4] мунҳадир – фурӯафтанда, сарозершаванда

[5] маҳорим – ҳаромкардаҳо

[6] манoҳӣ – наҳйкардаҳо, боздошташудаҳо

ин маонӣ дар пеши вай мазаммат кунад ва он чӣ дар урф мустаҳсан доранд, чун рост гуфтану бахшидан ва рифқу мадоро кардан ва пиронро ҳурмат доштану ба таҳсили илм майл кардан, пеши вай ситоиш кунанд, то дар табиати вай майл кардан ба хасоили некӯ ва иҷтиноб намудан аз маноҳӣ дар ниҳоди ӯ мустаҳкам шавад. Чаҳорум – он ки вайро аз қарини бад нигоҳ дорад. Ва бузургон гуфтаанд, ки панҷ чиз аз қарини бад сироят кунад: Шӯхиву бешармиву дурӯғ гуфтан ва луҷоҷ кардану дар корҳо далерӣ кардану нопокӣ намудан ва чун аз ҳамнишасти бад дур бошад, аз ин панҷ чиз, ки гуфта шуд, масун[1] монад. Панҷум – он ки ба ҳар ҷой, ки шаҳват иқтизо кунад, ба мутобиати нафсу ҳаво ризо надиҳад, то асолати фарзанд зоеъ нашавад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Унзур фӣ аййи нисобин тазаъу валадака фа инна-л-ъирқа дассосун»*. Яъне, некӯ бингар, то худ чӣ ҷой корӣ фарзандро, ки раг пайваста аст ва табъ омехта. Ва агарчи риёзати фарзанд бад-ин хасоил навъе машаққат аст, аммо то ин машаққат бар худ наниҳад, истеъдоди сарвариву бузургӣ ҳосил нашавад, ки Эзад, азза шаънуҳу, дар каломи маҷид мефармояд: *«Лам такуну болиғиҳи илло би шиққи-л-анфуси»*[2].

## Ҳикояти Абдулмалики Марвон ва писаронаш

Ҳикоят: Гӯянд, ки Абдулмалики Марвонро панҷ писар буд ва ӯ халифа буд ва эшонро панд доду васият кард ва гуфт: «Дар Таврот навиштаааст: *«Ло канза анфаъу мина-л-ъилми»*. Яъне, ҳеч ганҷе судмандтар аз дониш нест. Акнун илм биомӯзед, то ҷамоли рӯзгори шумо бошад, ки аҳволи ҷаҳон гарданда аст ва дар ҷумлаи аҳвол дониш некӯст, ки агарчи ба насаб бузург шавад, ба фазлу илм бузургтар шавад.

[1] масун – маҳфуз, ҳифзшуда

[2] Яъне: Ҳаргиз ба он намерасидед, магар бо машаққати ҷонҳо (сураи Наҳл, ояти 7).

Шеър:

*Агарчанд хуб аст бар каф гуҳар,*
*Чу ӯро ба ришта кунӣ, хубтар.*

Бузарҷмеҳри ҳаким гӯяд: «Ҳаққи падар бар фарзанд тоат доштан аст дар вақти ҳаёти ӯ ва насиҳати ӯ кор бастан баъд аз вафоти падар, ки фарзанди рӯзбеҳ он бувад, ки ба насиҳати падар кор кунад».

Афлотун гуфтааст, ки бадтарин фарзанд он аст, ки мутеи модару падар набувад ва бадтарини амвол он аст, ки касро аз он фоида ва умед набувад.

Суқроти ҳаким гӯяд, ки иқболи фарзанд дар нигоҳдошти дили падарон бошад ва он касро, ки фарзанди доно андар ҷаҳон бимонад, вай аз зоеон набошад.

Ва ҳеч кас дараҷаи хайроти касе дигарро олитар аз мартабаи худ нахоҳад, магар падар, ки илму хирад ва некии фарзандро дӯсттар дорад аз осудагиву некии худ ва пайваста ранҷ бар худ ниҳад аз барои осоишу некномӣ ва истироҳати фарзанд.

Шеър:

*Ду чашмат ба фарзанд равшан бувад,*
*Агарчанд фарзанд душман бувад.*
*Зи пеши писар марг хоҳад падар,*
*Ту душман шунидӣ зи ҷон дӯсттар?*

Ва натиҷаи бузург, ки мардро ба макони иморат ва иёлат расонад, омӯхтани илму адаб аст дар ҳолати кӯдакӣ.

Шеър:

*Бемуҳобо, ки устод ба вақт,*
*Кӯдаки хурдро занад ба давол*[1]*.*
*Он даволе бувад, ки охири умр,*
*Шод гардад бад-он давол-давол.*

Амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, гӯяд: *«Ман сабара ъало таъаби-т-таъаллуми маттаъа би роҳати-л-адаби».* Яъне, ҳар кас, ки сабр кунад дар ранҷи

[1] давол – тасма, қамчин, банд

омӯхтан, бархурдорӣ ёбад аз роҳати адаб.

Ҳукамои Ҳинд гуфтаанд: «Ғояти аблаҳӣ он аст, ки ба таносонӣ илм ҷӯянд, чи осонӣ ҷустан дар кори рӯзгор бадтарист ва душвортар коре ба даст овардани рӯзбеҳӣ аст ва рӯзбадтарӣ андар осонӣ».

Шеър:

*Ҳар кӣ аз ранҷ боз дорад тан,*
*Бадсаранҷом гардаду бадрӯз.*
*В-он ки аз ранҷи тан напарҳезад,*
*Бар ҳама коми дил шавад пирӯз.*

Афлотун гӯяд: «Осонӣ, осонӣ бибарад ва ранҷ бурдан, ранҷро бикоҳонад».

Шеър:

*Бикоҳад зи ранҷи ту ҳам ранҷи ту*
*В-аз осонӣ осониву ганҷи ту.*

Ва араб масал задааст: *«Ман талаба-р-раёсата ва лам йаҷтаҳид фи-д-диросати фа ҳува саврун фи-д-диёсати».* Яъне, ҳар он кас, ки раёсат талаб кунад ва ӯ дар илм омӯхтан тақсире кунад, гове бошад дар хирман баста. Ва бидон, ки бузургон, ки гӯйи иродат аз майдони маолӣ[1] бирабуданд ва сабақ бурданд, собиқа бо хидмати айёми сабо доштанд ва боди сабо бар эшон вазида бувад.

Шеър:

*Ба ҳангоми барноиву кӯдакӣ,*
*Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.*
*Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон*
*Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон, боз натвонадаш,*
*Ки аз кажживу хам бигардонадаш.*

Балиноси ҳаким гӯяд: «Миқдори[2] мардум ба дониш асту зинати мардум ба мол аст ва мардуми бедониш хор бошанду бехайру миқдор».

---

[1] маолӣ – мақомҳои баланд, сарбаландиҳо, бузургиҳо
[2] миқдор – қадр, манзалат

Шеър:

*Дирам мояву варҷи*[1] *доноӣ аст,*
*Дирам гирд кардан тавоноӣ аст.*
*Чӣ пушт аст мар мардро хоста,*
*Киро хоста, кораш ороста.*
*Биафзояд аз хоста ҳушу рой,*
*Тиҳидастро дил набошад ба ҷой.*
*Тавонгар барад офарин солу моҳ*
*Ва дарвеш нафрин барад бегуноҳ.*

Аристатолис гӯяд: «Агар хоҳӣ, ки шарафи ҳикмати Яздон туро бо рӯҳониён пайвастагӣ диҳад, аз омӯхтан нанг набояд доштан, ки дониш фасодкорро ба ислоҳ оварад. Пас, агар чандон илм натавонад ҳосил кардан, ки номи васият мунташир шавад, боре чандон бояд кӯшидан, ки номи вай дар ҷаридаи ҷоҳилон нанависанд. *«Фаин лам йусибҳо вобилун фатал(л)»*[2].

Бузургон гуфтаанд, ки мард чу ният некӯ дорад ва ба неъмат сипосдорӣ кунаду ба талаби зиёдат муҷтаҳид набувад, Худой, азза ва ҷалла, тавфиқ аз ӯ дареғ надорад, ки офариниши тани одамӣ чунон аст, ки ба ҳар табъе, ки бипарваранд, парварида шавад.

Шеър:

*Чунон кард Яздон тани одамӣ,*
*Ки бардорад ӯ сахтиву хуррамӣ.*
*Бар он парварад, к-аш ҳамепарварӣ,*
*Биёяд ба ҳар роҳ, к-аш оварӣ.*

Ҳиндувон гӯянд: «Бояд, ки мардум ҳамеша рӯй дар дониш дорад, ки дониш мардро аз пояи фурӯтарин ба манзалати бартарин расонад ва азизтарини мардум гардонад».

---

[1] варҷ – арзиш, қадр, арҷ

[2] Яъне: Ва агар ба он борон намерасид (ҳам), шабнам кифоят мекард (сураи Бақара, ояти 265).

## Ҳикояти Солими Афтас ва Маъмун

Ҳикоят: Гӯянд, ки Солими Афтас пеши Маъмуни халифа андар шуд ва Маъмун аз ҷиҳати икроми ӯ таҳаррук кард ва болиш ба дасти хеш дар зери ӯ ниҳод ва Солими Афтас суҷуде бикард ва Маъмун гуфт: «Эй шайх, ин саҷда чаро кардӣ?». Солим гуфт: «Маро чизе ёд омад». Маъмун гуфт: «Бигӯй!». Солим гуфт: «Ман бандаи қассобе будам ва бар дили ӯ гарон будам ва он қассобро назре дар дил омад, ки банда озод кунад, маро озод кард ва дастурӣ дод». Бо хештан гуфтам: Куҷо равам? Дар дилам уфтод, ки ба хидмати Имоми Аъзам Абӯҳанифа, раҳматуллоҳи алайҳи, равам. Пас, ба хидмати ӯ рафтам. Аз баракати хидмати ӯ ва фазилати илму фазл ба ҷое расидам, ки амирулмуъминин аз баҳри икроми ман таҳаррук кард ва болиш ба дасти худ дар зери ман ниҳод. Ин суҷуди шукр буд, ки кардам.

## Ҳикояти Аристатолис ва барбат омӯхтанаш

Ҳикоят: Гӯянд, Аристотолис баъд аз ҳафтод сол барбат задан омӯхт. Шогирдон ӯро гуфтанд: «Бо маҳосини сапед шарм надорӣ, ки таълими барбат мекунӣ?» Аристатолис гуфт: «Он вақт шарм дорам, ки дар миёни маҷмаъ нишаста бошам ва эшон барбат зананду ман надонам».

Шеър:

*Биомӯз, то зиндаӣ, рӯзу шаб,*
*Чунин гуфт доно, ки бикшод лаб.*
*Ниҳода зи бун худ чунин омадаст,*
*Ки аз меҳ ба дониш гузин омадаст.*

Ва ин калима дар кохи Офаредун навиштааст: Аввал – он ки ҳар касе, ки ба қавли суханчин эътимод намояд ва ба саояти соъии фаттон[1] худро ғурур диҳад, вайро аз он ҷиҳат коре пеш ояд, ки тадорук[2] напазирад. Дувум – ҳар

[1] саояти соии фаттон – суханчинии суханчини фитнагар
[2] тадорук – ҷуброн кардан, ислоҳи иштибоҳ

кӣ канори модари фатнат[1] парварда бувад, ҳеч вақт аз душман ғофил нашавад, ки душман монанди мор бувад, ҳаргиз дӯст нагардад. Савум – аз дӯстони мухлис ба андак мубосатат[2] муҷонибат[3] нанамояд ва озор дар дил нагирад, ки он сармояи нодонист. Чаҳорум – аз дӯст ба ҳар захме афгор набояд шуд. Панҷум – чун дӯст душман шавад, ӯро некӯ доранд, ки боз зуд дӯст шавад. Шашум – машварат бо мардуми доно кунад, то аз пушаймонии кор эмин шавад ва ба мақсад расад. Ҳафтум – аз душмани хонагӣ чандон ки мумкин гардад, ҳазар кунад ва аз захмгоҳи ӯ ғофил нашавад, ки агар қодир гардад, аз душманӣ он кунад, ки ҳеч кас натавонад кардан. Ҳаштум – ҳар кӣ хирад дорад, ба ҳар кас эътимод нанамояд. Нуҳум – беҳтарин суде дӯсти доно шумурад ва бадтарин зиёне дӯсти нодон. Даҳум – сухан ноандешида нагӯяд, то бар ҳеч нодониста дар намонад ва корҳоро фарҷом нигарад, на анҷом.

[1] фатнат – зиракӣ, ҳушёрӣ

[2] мубосатат – рафтори густохона

[3] муҷонибат – канорагирӣ

# БОБИ НУҲУМ ДАР ПОДШОҲӢ

Бар олимон пӯшида нест, ки подшоҳӣ асле азим аст ва вилоят доштан коре бузург ва хилофати Худои таоло аст андар замин, чун мухолифи фармони эзадӣ ва мунокизи[1] насси[2] набавӣ набошад. Ва дар подшоҳӣ нисфату миъдалат[3] варзад ва агар мамолики подшоҳӣ аз рифъат ва шафқат холӣ монад, хилофати иблис (лаъанаҳуллоҳу) бувад. Ва чун Борӣ, азза шаънуҳу, бандаро ба ташрифи амри аморат махсус гардонад ва ба маконати подшоҳӣ дар амокини авомир ва навоҳӣ мутамаккин кунад ва дараҷаи ӯ толии[4] рутбати нубуввват ниҳад ва дар риштаи таъзими: *«Атиъ-ур-расула ва ули-л-амри минкум»*[5] кашад ва фармони вайро бар нуфус ва амволи эшон нофиз гардонад, ҳароина, бар он банда воҷиб ва лозим бошад дар бандагии Худои таоло ва дар ишоати[6] адлу инсоф, бирру эҳсон саъй намудан ва дар эълои эъломи дин[7] ва эълони манори яқин[8] кӯшидан ва умури иёлатро[9] бар маноте[10], ки аҳкоми рисолат ба вай

[1] мунокиз – мухолиф, зид

[2] насс – сухани сареҳ, сухани раднопазир

[3] нисфату миъдалат – инсофу адолат

[4] толӣ – пайрав, ҷонишин

[5] Яъне: Пайғамбару фармонравоёнро аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед! (сураи Нисо, ояти 59).

[6] ишоат – парокандан, ривоҷ додан, шоеъ кардан

[7] эълои аъломи дин – баланд бардоштани нишонаҳо ва ифтихороти дин

[8] эълони манори яқин – ошкор ва намоён сохтани сарчашмаҳои нуру яқин

[9] иёлат – ҳукумату фармонравоӣ

[10] манот – меъёр, мабно

манут[1] бошад, собит доштан ва яқин донад, ки ҳар ҷавре, ки дар мамолики вай дар ҷивори яке аз бандагон биравад, рӯзи қиёмат муотабаи[2] он табаъ бо вай равад ва мутолабаи он зулм аз вай кунанд. Ва чун ба риояти вилоят машғул шавад ва дар масолеҳи дину миллат кӯшад ва ростиву дод кунад, савоби адли якрӯзаи ӯ дар муқобили тоати ҷумла раият гардонад ва дар маҳалли қабул афтад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ъадлу соатин хайрун мин ъибодати ситтина санатин»*. Яъне, адли яксоата аз подшоҳӣ фозилтар аз ибодати шастсолаи бардавом бошад. Ва аз он ҳафт кас, ки дар хабар аст, ки рӯзи қиёмат дар сояи (арши) Худои таоло бошанд, аввал султони одил аст ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст, ки подшоҳи одилро ҳар рӯз амали шаст сиддиқи муҷтаҳид дар ибодат рифъ кунанду ба осмон баранд ва дар эҳтимоми ин масолеҳ қиём бад-он тавон намуд, ки даҳ қоида нигоҳ дорад ва мухласи он қавоид шиору дисори рӯзгори худ созад.

Аввал – он ки ҳар қазия, ки воқеъ шавад, тақдир кунад ва чунон ангорад, ки худ раият аст ва подшоҳ дигаре ва ҳар чи бар худ раво надорад, ба дигаре ва бар раият ҷоиз нафармояд.

Дувум – он ки интизори арбоби ҳоҷот бар даргоҳи вай ҳақир нашиносад ва аз хатари он ҳазар кунад, ки дар таъхири қазои ҳоҷати бандагон рӯзи қиёмат аз вай талаб кунанд.

### Ҳикояти Аристатолис ва Сикандар

Ҳикоят: Рӯзе Аристатолис Сикандарро панд медод, гуфт: «Эй подшоҳ, иғосати[3] фарёдхоҳон кун, агар хоҳӣ, ки аз инояти Худои таоло бебаҳра нашавӣ».

Савум – он ки ҳамагӣ авқоти хеш мустағриқи[4]

---

[1] манут – вобаста, марбут

[2] муотаба – сарзаниш, накӯҳиш

[3] иғосат – ёрӣ расонидан, фарёдрасӣ

[4] мустағриқ – ғарқгашта, фурӯрафта

шаҳавоти инсонӣ ва қазои маориби[1] нафсонӣ нагардонад ва саъйи он кунад, ки бештари авқот ба тадбири мулк ва раият масруф бувад.

**Ҳикояти ҳаким ва малик**

Ҳикоят: Ҳакиме маликеро панд медод ва гуфт: Махусб ба хоби ғафлат, то зоеъони миъдалат барнахезанд ва шикоят ба ҳазрати Худои таоло набаранд ва шумии он туро ба оқибати вахим[2] маъхуз нагардонад. Ва агар хусбӣ, чандон хусб, ки умр фосид накунӣ, ки давлату умр чун офтобанд. Бомдод бар як девор, ба шабонгоҳ бар деворе дигар биштоб, то баҳраи худ ба оҳистагӣ ва осонӣ бардорӣ.

Чаҳорум – он ки то тавонад бино ва асоси ҳар коре ба мадорову рифқ ниҳад, на он, ки унф[3] кунад. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст ва дуо карда, ки: «Ҳар волӣ, ки ба раият рифқ[4] кунад, ту бо вай рифқ кун ва ҳар волӣ, ки унф кунад, ту бо вай унф кун».

**Ҳикояти Ҳишом ибни Абдулмалик ва Абӯҳозим**

Ҳикоят: Ҳишом ибни Абдулмалик аз хулафои бузург буд. Пурсид аз Абӯҳозим, ки аз машоҳири уламо ва зуҳҳоди он аср буд, ки: «Чист тадбири наҷоти ман дар ин кор?» Гуфт: «Ҳар моле, ки биситонӣ, аз ваҷҳе биситон, ки ба шаръ ҷоиз доранд, на ба унфу зулм ва ҷое сарф кун, ки масрафи вай бувад». Ҳишом гуфт: «Ин кӣ тавонад кардан?» Абӯҳозим гуфт: «Он ки тоқати дӯзах надорад».

Панҷум – ба қадри қудрат ва андозаи иститоат ҷаҳд кунад, то бештари раият аз вай хушнуд шаванд ба мувофиқати шаръ бо ҳам.

---

[1] маориб – хостаҳо, орзуҳо

[2] вахим – ногувор, носозгор

[3] унф – дурfurштӣ, дағалӣ, сахтгӯӣ, сахтгирӣ

[4] рифқ – дӯстӣ, рафоқат

## Ҳикояти олим ва подшоҳ

Ҳикоят: Вақте яке аз уламо подшоҳеро панд медоду гуфт: «Агар хоҳӣ, ки Худои таоло аз ту хушнуд гардад, халқи вайро бевачҳ маёзор ва то тавонӣ хушнудии халқ ба ризои Худои таоло талаб кун».

Шашум – он ки ризои ҳеч офаридае ба мухолифати фармони Худой, азза ва ҷалла, талаб накунад ва муқтазои шаҳавотро бар мавоҷиби шаръ муқаддам надорад. Ва агар касе аз фармони шариат ранҷад ва бад-он сабаб аз подшоҳ нохушнуд шавад, он нохушнудӣ вайро зиён надорад.

Ҳафтум – он аст, ки чун аз вай ҳукм талаб кунанд, адл кунад ва чун раҳмат талабанд, афв кунад ва он чи ваъда кунад, хилоф накунад, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Аҳду мина-д-дини»*. Яъне, ба ҷой овардани аҳд аз имон аст.

Ҳаштум – он ки ҳарис бошад ба дидори уламои муттақиву бовараъ[1] ва мулиъ[2] бошад бар мавъиза ва насиҳати эшон ва то тавонад, иҷтиноб намояд аз он тоифаи уламо, ки вайро ишва диҳанд ва бар вай сано гӯянд ва вайро хушнудӣ талабанд аз барои манфиате, ки аз подшоҳ бо эшон расад.

Нуҳум – он ки то тавонад, фахру такаббур кардан тарк кунад, ки нахвати[3] подшоҳӣ мӯҷиби касрати хашм аст бар хидаму раоё[4] ва хашм адувви ақл аст ва офати вай бисёр аст.

Даҳум – он ки бад-он қаноат накунад, ки худ зулм накунад, бояд, ки чунон мазбут дорад, ки дар вилояти ӯ уммолу кордорон низ зулм накунанд ва ғуломону чокарону нуввоб[5] ва хидами худро муҳаззаб[6] дорад ва асҳоби рою тадбир ва арбоби рифқу хирадро наздик дорад, ки бузургон

[1] бо вараъ – парҳезгор, тақводор
[2] мулиъ – талабгор, ҳарис, муштоқ
[3] нахват – худпарастӣ, худбинӣ, такаббур, ғурур
[4] хидаму раоё – хидматкорону раият
[5] нуввоб – ноибон, ходимон
[6] муҳаззаб – аз айбу нуқсонҳо поккардашуда

гуфтаанд: «Аъмоли дину давлат ва ашғоли мулку миллат ба василати бандагони покизарой ба интизом пайвандад ва авомиру навоҳӣ, ки айни қилодаи подшоҳӣ аст, ба зариати[1] мудаббирони фарзона ба итмом анҷомад. Ва ҳар гоҳ, ки ин қавоид маръӣ монад, осори амни он ҳазрат возеҳтар шавад ва анвори юмни он давлат лоеҳтар гардад ва умури давлат муҳаззабтар ва аҳволи мамлакат мураттабтар шавад ва оламиён аз атрофу акноф[2] рӯй ба равзаи ҳалол ва ҳадиқаи иқболи ӯ ниҳанд ва аз алтофи шиям[3] ва аснофи ниами ӯ боҳаззу насиб шаванд».

Ҳукамои Юнон гуфтаанд, ки ҳар гоҳ, ки арбоби дину дониш ва худовандони рою хирад бар ҳазрати подшоҳ тараддуд кунанд, ҳар рӯз ғалабаи зан(н) дар суботи он давлат бештар шавад ва касрати осору аморат ба давоми он мамлакат зоҳиртар гардад ва асбоби саодату сиёдат мутавофиртар[4] шавад ва аз муоризаву эътирози аъодии атрофи ҳазрат салим монад ва аз шумии хилофу низоъ перомуни хитта маҳрустар[5] монад.

**Ҳикояти Абӯнасри Ғозӣ**

Ҳикоят: Марде буд ба шаҳри Рай ва номи ӯ Абӯнасри Ғозӣ буд ва бад-он рӯзгор Ҳасан ибни Бавай ба Рай подшоҳ буд. Ӯ гуфт: «Мо ба ғазо будем ва дар аввали виҳлат[6] аҳли ислом бар мухолифон дар мубтадои иқбол даст ёфтанд ва нафири аҳли Рум ом шуд ба ҳар тарафе аз атрофи мамолик». Малик-ур-Рум ба истинҷоди[7] лашкар машғул шуд ва чун аъдоди лашкари ӯ мадад ёфт ва шавкат тазоуф гирифт, рӯй ба муаскари Ироқ ниҳод ва бар он лашкари номдор даст

[1] зариат – василa
[2] акноф – ҷонибҳо, атроф
[3] шиям – хулқу хӯй
[4] мутавофир – фаровон, бисёр, зиёд
[5] маҳрус – маҳфуз, нигаҳдорикардашуда,
[6] виҳлат – фурсат, дафъа
[7] истинҷод – ёрӣ хостан, мададхоҳӣ

ёфт. Баъзе аз хиттаи сипоҳон ба муовонати лашкари Рай омада буданд, дар дасти сипоҳони Рум ба ҳолате ҳарчанд бенавотар ба наво бимонданд ва тоифаи ироқиён, ки икдом намуда буданд, ба ваҷҳи ҳазимат бозпас нишастанд. Пас, малики Рум бинишаст ва ҷумла акобири вай ба хидмат истоданд. Фармуд, ки асиронро ба вай арза кунанд. Чун маро дид, ки Абӯнасри Ғозӣ будам, тарҷумонро пурсид, ки ин мард аз кадом шаҳр аст? Гуфтам: «Аз шаҳри Рай». Гуфт: «Агар туро пайғоме диҳам, ба малики худ бирасонӣ?» Гуфтам: «Ҳар чӣ подшоҳ фармояд, тоат намоям». Гуфт: «Ҳасан ибни Бавайро бигӯ аз Қустантиния берун наомадам, илло бад-он қасд, ки ҳама подшоҳии туро хароб кунам». Чун аз кайфияти он ва бандагони ҳазрати ту пурсидам ва аломоту шавоҳиди давлати ту мушоҳида кардам ва маро маълум шуд, ки офтоби давлати ту ҳанӯз раванда дар зирваи[1] камол аст ва мутамаккин дар автоди иқбол, ки он касро, ки офтоби саодати ӯ рӯй дар пардаи уфул[2] кашад ва ба ҳазизи завол мунҳадир[3] шавад, наздикони ҳазрати ӯ, чун писари Амиду Абӯҷаъфари Хозин ва Алии Қосиму Абулфазли Ҳинду ва Абӯалии Баййоӣ набошанд, ки ҷамъ омадани ин тоифа бар даргоҳи ҳар подшоҳ, ки бошанд, далели бардавоми иқболу суботи он подшоҳ кунад. Ва аз ин ҷиҳат, мутааррizi вилояти ту нашудам.

Акнун, бояд, ки подшоҳ ҳамеша бо арбоби хирад машварат кунад ва Худои таоло Расулро, саллаллоҳу алайҳи, бо камоли манзалат ба машварат фармуд ва Қуръони маҷид бад-ин нотиқ аст: *«Ва шовирҳум фи-л-амри»*[4]. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармуд: *«Ло музоҳарата авсақу мина-л-мушоварати»*. Яъне, ҳеч маунату истизҳоре устувортар аз машварат нест.

---

[1] зирва – болотарин нуқта, баландтарин ҳадди чизе

[2] уфул – ғуруб, фурӯ рафтан

[3] мунҳадир – сарозер

[4] Яъне: Ва дар ин кор бо онҳо машварат кун (сураи Оли Имрон, ояти 159).

## Ҳикояти нома навиштани малики Рум ба Нӯшервон

Ҳикоят: Малик-ур-Рум ба Нӯшервони одил номае навишт, ки ба чӣ чиз риояти он мулку раият кардӣ, ки ҳаргиз касе мухолифати ту накард? Гуфт: «Ба ҳафт чиз: Аввал – он ки забон нигоҳ доштам аз дашном додан. Дувум – ҳаргиз дар амру наҳйи хеш ҳазл нагуфтам. Савум – ба ваъду ваиди хеш хилоф накардам. Чаҳорум – ба ҳар касе шуғл ба сазои ӯ фармудам, на ба ҳавои хеш. Панҷум – уқубат аз баҳри адаб фармудам, на аз барои хашм. Шашум – дили раият биоромонидам ба доду ростӣ. Ҳафтум – худро дар дили эшон дӯст гардонидам ба гуфтори рост, на ба каживу таҳаввур[1].

Ва Абдуллоҳи Умар, разияллоҳу анҳу, гӯяд: «Ҳеч коре нест, ки ӯро ҳила кушода накунад беҳ аз рою тадбир ва ҳеч гавҳаре мулкро наорояд беҳ аз дод ва ҳеч савобе бад-ӯ роҳ наёбад беҳ аз машварат ва ҳеч лашкареро мунҳазим[2] накунанд, илло ба оҳистагӣ ва ҳеч посбоне нест неъматро беҳ аз он, ки ба истиҳқоқ сарф кунад ва ҳеч маликро зиён накунад, магар тамаъ дар амволи раият ва татовул[3] дар ҳарами эшон ва ҳеч кирдоре нест беҳтар аз нияти некӯ ва ҳеч қуввате беҳтар аз дод нест».

Ҳукамои Форс гуфтаанд: «Фархундатарин чизе бар подшоҳ дастури некӯсухан аст ва шумтарин чизе дастури нодон ва бадомӯз».

Шеър:

*Шунидам, ки бар шоҳ фаррух бувад,*
*Ки дастур покизапосух бувад.*
*Наёяд-ш дастури нодон ба кор,*
*Дабирони нодону ноустувор.*

Ва гуфтаанд, ки ҳукми вазир бояд, ки ба дастура[4]

---

[1] таҳаввур – ситам, бебокӣ, иқдом ба кори ношоиста

[2] мунҳазим – шикастхӯрда

[3] татовул – дастдарозӣ, ба зӯрӣ чизеро ба даст овардан

[4] дастура – арра

монад, сӯи худ ва сӯи раият ба ростӣ барад ва бояд, ки бисёр сахтӣ бар хештан ниҳад аз барои подшоҳ ва осоиши ӯ ва уммоли бадро ба худ роҳ надиҳад ва даст кӯтоҳ дорад. Ва агар бар хилофи ин бувад ва кордорони бад муставлӣ шаванд ва дар нисоби рифъат ба насби таҳаккум[1] мағрур шаванд ва дасти татовул дар ҷазби амволу ҷарри манофеъ[2] дароз гардонанд ва аз барои ҳифзу осоиши хеш абвоби фасод бар худ мафтӯҳ доранд ва аз таъаби рафъи охири кор ғофил гарданд ва ала-л-ҳақиқат ин тасарруф ҳамчун ғизои бад бувад, ки мардум ҳар рӯз аз он қадре бихӯрад ва дар ботини вай баъзе аз ахлоти бад зоҳир гардад ва ба тарохии[3] рӯзгор дар ниҳоди вай мустаҳкам шавад ва осори фасоди он дар аъзову аъсоб[4] падид ояду чун мараз зоҳир шавад ва табиат аз дафъ оҷиз бувад ва мизоҷ бағоят мунҳариф[5] шуда бошад ва қувват ба куллӣ соқит гашта. Пас, табиб агарчи ҳозиқу устод бувад, дар муолиҷа қосир монад ва шифову наҷот таваққуъ нашояд дошт ва ҳоли ӯ ҳамчунон бувад, ки муҳандисе ба як соат дар бинои сарой шарҳ диҳад, аммо ба солҳои бисёр қобили тамом ва иморат нашавад. Пас, он харобӣ, ки омили зулм дар як рӯз падид орад, ба рӯзгори дароз ба салоҳ натавон овардан ва подшоҳ, агарчи одил бувад, талофии амсоли он ба душворӣ тавонад кардан. Уқало гуфтаанд: «Бар подшоҳ воҷиб бошад, ки ҳамеша се чиз риоят кунад: Аввал – дар ободонии ганҷ ва вилоят кӯшад. Дувум – бар раият шафқат ва раъфат[6] намояд ва миёни эшон адл кунад. Савум – корҳои бузургро ба дасти мардуми хурду бехирад надиҳад». Аз Расул, саллаллоҳу алайҳи, пурсиданд, ки: «Қурби чаҳор ҳазор сол подшоҳӣ бар Оли Сосон ба чӣ монад? Фармуд: *«Лираъфатиҳим би-л-ъибоди ва ъиморатиҳим фи-л-билоди»*. Яъне, ба ду

[1] таҳаккум – рафтори ғайри самимонае, ки бо зӯроварӣ ҳамроҳ бошад
[2] ҷарри манофеъ – ба сӯи худ кашидани фоидаҳо
[3] тарохӣ – сипарӣ шудан, оҳиста-оҳиста гузаштан
[4] аъсоб – ҷамъи асаб
[5] мунҳариф – вайрон шудани вазъ, дигаргун шудани ҳолати рӯҳӣ
[6] раъфат – меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ

хислат: шафқат намудан бар раият ва иморат кардан дар вилоят. Ва гӯянд, ки аз баъзе аз Оли Сосон пурсиданд, ки подшоҳӣ бар Оли Сосон чаҳор ҳазор сол чун мустамир монда буд ва сабаби таҳвил аз он хонадони номдор ба чӣ чиз гашт? Гуфтанд: «Ашғоли бузургро, ки лоиқи арбоби рифқ ва хирад бувад, ба дасти касони хурд боздодем, то худовандони рой ва таҷрибат зоеъ шуданд ва пирону бузургони давлат намонданд ва касоне, ки ақли эшон асири ҳаво буд, дар тасарруфи мамолик муставлӣ шуданд, то охируламр подшоҳӣ аз даст бирафт».

### Ҳикояти Нӯшервон дар бораи амволи бандааш

Ҳикоят: Вақте ба Нӯшервон арза доштанд, ки амволи фалон банда бениҳоят шудааст ва асбоби неъмат аз ҳад гузашта, ӯро қадре кифоят кунад, боқӣ хизонаи омирароо шояд. Нӯшервони одил ҷавоб дод, ки: «Тавонгарии ӯ ганҷи мост ва тавонгарии раият хизонаи подшоҳ бувад». Чун бо эшон доду ростӣ кунанд, агар бояста шавад, ба аҳсанулваҷҳ аз раият ситадан. Ва агар Нӯшервони одилро василати адл набудӣ, номи ӯ ба ҷаҳон кӣ шунудӣ?» Ва аз ин ҷиҳат аст, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, тафохур кард ва фармуд, ки: «*Вулидту фӣ замани-л-малики-л-ъодили*». Яъне, ки маро дар рӯзгори подшоҳи одил зодаанд. Ва бидон, ки ҳар подшоҳ, ки дин ободон кард, ҷаҳон ободон кард ва ҳар кас, ки ҷаҳонро ба адл ободон кард, Худои таоло ӯро биомурзад ва аз вай номи некӯ ба ҷаҳон ёдгор монад.

Шеър:

*Фаридуни фаррух фаришта набуд,*
*Зи мушку зи анбар сиришта набуд.*
*Ба доду диҳиш ёфт он некуӣ,*
*Ту доду диҳиш кун, Фаридун туӣ.*

Ва лавозими умури подшоҳӣ он аст, ки пайваста аъмолро бар касоне насб кунад, ки оқил ва сокин бошанд ва онҳо, ки шитобзада ва ғофил бошанд, аз худ дур дорад.

## Ҳикояти Нӯшервон ва амири Хуросон

Ҳикоят: Ба Нӯшервони одил арза доштанд, ки амири Хуросонро дузд дар хона шуд ва қумошоти[1] бисёр бидуздид. Нӯшервон фармуд, ки вайро маъзул[2] кунанд ва гуфт: «Он кас, ки посбонии хонаи худ натавонад кардан, ҳиросати[3] мулки моро нашояд».

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Ҳар подшоҳ, ки оҳистакор бувад, ба офтоб монад, ки меваро бипазонад ва ҳар подшоҳ, ки шитобзада бошад, ба оташ монад, ки ҳезумро бисӯзонад».

Ардашер гӯяд: «Се чиз аз подшоҳ айб набувад: Яке – тадбир хостан аз доноён. Дувум – ёрӣ хостан аз дӯстон бар душман. Савум – ба вақти зарурат мол хостан аз раият».

Шеър:

*Бувад подшо мустаҳиқтар касе,*
*Ки дорад нигаҳ чизу дорад басе.*
*Агар ом дорад ҳаме хоста,*
*Бад-он, то бувад кораш ороста.*
*Пас, ин шоҳро беҳ, ки дорад нигоҳ,*
*Ки бар ома бар, чун шубон аст шоҳ.*
*Чу Хусрав надорад, чу хоҳанд аз ӯй,*
*Ҳақи мардумон чун гузорад, бигӯй?*

Фанохусравро пурсиданд, ки ту чӣ дӯсттар дорӣ аз ҳама чизҳо? Гуфт: «Он дӯсттар дорам, ки гуноҳкоре гуноҳе бикунад ва ман ӯро афв кунам». Малики ҳиндуро пурсиданд, ки ту чӣ дӯсттар дорӣ? Гуфт: «Ман ҳеч аз он дӯсттар надорам, ки шаб бихусбам ва ҳеч касро аз ман бим набувад ва аз адли ман бадонрову золимонро қарор набувад». Ва ин ҳар ду қазия аз Нӯшервон пурсиданд. Гуфт: «Он дӯсттар дорам, ки бегуноҳ бошам ва бе бим».

Бузарҷмеҳр рӯзе Нӯшервонро панд медод ва гуфт: «Подшоҳ бояд, ки ба ҳангоми дуруштӣ дуруштӣ кунад ва

---

[1] қумошот – чизу чора, ашёи хона
[2] маъзул – аз кор берун гирифтан
[3] ҳиросат – посбонӣ, нигаҳбонӣ

ба ҳангоми раҳмату шафқат омурзиш кунад ва ҳар якро ба мавзеи хеш риоят намояд, ки бод, агарчи чароғро бикушад, аммо оташро барафрӯзад ва гуфт: Эй шоҳ, ба тоат бош ва бикӯш, ки гетиро ту хӯрӣ, на ки ҷаҳон туро хӯрад ва бикӯш, то пас аз марг зинда бошӣ ҷовидона ва аз ту ба некӣ ёд кунанд. Аз афъолу кирдор чунон набошӣ, ки гетӣ чунин бошад ва ту на чунин».

Шеър:

*Басо замона, ки бар мо гузашту мо на чунон,*
*Басо, ки бигзарад ӯ ҳамчунину мо на чунон.*

**Ҳикояти Аристатолис ва панд доданаш ба Искандар**

Ҳикоят: Аристатолис Искандари Зулқарнайнро панд ҳамедод дар он вақт, ки вайро бидруд ҳамекард. Гуфт: «Агар хоҳӣ, ки ҳаргиз хор нагардӣ, бо Ҳақ таоло мухолифат макун ва агар хоҳӣ, ки моли ту бе ҳаз(з) наравад, аз мустаҳиққон боз мадор ва агар хоҳӣ, ки андар корҳои худ ба савоб бошӣ, муъҷиброю шитобзада мабош ва дин ҳисори давлат асту умр андак ва ният некӯ дор, ки оқибат душвор аст».

**Ҳикояти Муовия ва Аҳнафи Қайс**

Ҳикоят: Муовия рӯзе Аҳнафи Қайсро пурсиду гуфт: *«Кайфа-з-замону?»*[1] Аҳнафи Қайс ҷавоб гуфт: *«Анта-з-замону изо салаҳта салуҳа-з-замону ва изо фасадта фасада-з-замону».* Яъне, замона туӣ, агар ба салоҳ бошӣ, ба салоҳ бошад ва агар ба фасод бошӣ, ба фасод бошад. Пас, ба Муовия гуфт: «Дод кун, ки дод сипарест, ки аз офот нигоҳ дорад, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ал-Ъадлу ҷуннатун воқиятун ва ҷаннатун боқиятун».* Яъне дод кардан сипарест, ки аз бало нигоҳ дорад ва биҳиштест, ки ҷовидона бимонад.

[1] Яъне: Замона чӣ гуна аст?

## Ҳикояти он чи Соҳиби Аббод бар заҳри[1] нома навишт

Ҳикоят: Гӯянд ба рӯзгори Соҳиби Аббод яке бо вай нома навишт, ки фалон тоҷир фармон ёфт ва моле вофир аз вай бимонд ва ворисон тифланд, эшонро нафақот кифоят бувад, боқӣ хизонаро шояд. Соҳиб дар заҳри нома навишт: *«ал-Маййиту раҳимаҳуллоҳу ва-л-молу варрасаҳуллоҳу ва-л-ворису зараъаҳуллоҳу ва-с-соъӣ лаъанаҳуллоҳу».* Яъне, ки мурдаро Худой раҳмат кунод ва мол ба ворисон расонод ва ворисонро Худой парваронод ва ғаммозро Худой лаънат кунод.

## Ҳикояти Абӯҷаъфари халифа ва Муборак ибни Фузола

Ҳикоят: Абӯҷаъфари халифа фармуд, то якеро, ки ҷинояте карда буд, бикушанд. Муборак ибни Фузола, ки ягонаи рӯзгор буд, он ҷо ҳозир буд, гуфт: Ё амиралмуъминин, хабаре аз он Расул, саллаллоҳу алайҳи, аз ман бишнав. Халифа гуфт: Бигӯ. Гуфт: Ҳасани Басрӣ ривоят мекунад аз Расул, фармудааст, ки рӯзи қиёмат Худои таоло ҷумлаи халоиқро дар як саҳро ҷамъ кунад, мунодӣ овоз диҳад, ки ҳар киро бар Худои таоло дасти миннат аст, бархезад. Ҳеч кас барнахезад, магар он ки аз касе афв карда бошад. Борӣ таоло мефармояд: Ман низ вайро афв кардам.

Шеър:

*Хирадманд гӯяд, ки бар адлу дод,*
*Бувад подшоҳиву динро ниҳод.*
*Беҳин кор андар ҷаҳон он бувад,*
*Ки монандаи кори Яздон бувад.*

[1] заҳр – пас, пушт, ақиб

# БОБИ ДАҲУМ
# ДАР ХИДМАТИ ПОДШОҲОН

Пӯшида нест, ки хидмати подшоҳон кардан коре бузург аст ва ҳар кас, ки худро мулозими хидмати подшоҳ гардонад, ҳамчунон ки дар садади[1] хатар ва бузургӣ бувад, дар маърази хашми подшоҳ ва хатари муохазат[2] ҳамчунон бувад ва аз ин ҷост, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ман иқтараба мин аббоби-с-султони ифтатана»*. Яъне, ҳар кӣ ба даргоҳи подшоҳон наздик шуд, таваққуи фитна бо вай наздиктар бошад. Ва араб гуфтааст: *«Ман шариба каъса-л-мулуки иҳтарақат шафатоҳу»*. Ва мурод ин аст, ки ҳар кас аз каъси подшоҳ об хӯрад, ҳар ду лаби ӯ бисӯзад.

Шеър:

*Шунидам, ки оташ бувад подшоҳ,*
*Ба наздики оташ кӣ ҷӯяд паноҳ?!*

Филҷумла, агар тақдири Борӣ таоло собиқ шуда бошад, ки бандае аз они Вай ба хидмати подшоҳ наздиктар шавад, бояд, ки ба ҳеч ҳол дар подшоҳ мухолиф наяндешад, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Инналлоҳа лайагзибу ъало ман холафа-с-султона»*. Яъне, Худои таоло хашм гирад бар он банда, ки мухолифати подшоҳ кунад ва ба хидмати подшоҳ бад-он тавонад хидмат намудан ва қиём кардан, чунонки воҷиб аст, ки даҳ қоида нигоҳ дорад:

Аввал – он ки ба ҳеч ҳолате дар хидмати подшоҳ бар афъоли вай мункир нашавад ва агарчи маҳорими шаръ

---

[1] садад – наздикӣ, канор, рӯ ба рӯ

[2] муахазот – гирифторӣ ба танбеҳу шиканҷа

бошад, балки ба тааннӣ ва тадриҷ ӯро аз он манъ кунад.

Дувум – он ки ҳамеша дар истимолати[1] дили подшоҳ кӯшад ва ҳар чӣ тақдим дорад, ба ваҷҳи бандагиву хузӯъ кунад.

Савум – он ки ба ҳеч ҳол бо эшон ҳуҷҷат нагӯяд ва мухолифи фармони ӯ накунад.

Чаҳорум – он ки ба ҳеч ҳол ба навохти подшоҳ мағрур нашавад ва бар вай эмин нагардад.

Панҷум – он ки пайваста забон нигоҳ дорад ва дар ҳузури вай бар касе хашм нагирад, зеро ки дар ҳазрати ӯ ҷуз ӯро хашм нарасад.

Шашум – он ки чашму гӯш ба фармони подшоҳ дорад ва ишорати ӯро имтисол намояд.

Ҳафтум – он ки чун ба подшоҳ сухан гӯяд, нармтар аз он гӯяд, ки подшоҳ гӯяд ва бо вай ҳуҷҷат нагирад.

Ҳаштум – он ки аз подшоҳ ҳоҷати бисёр нахоҳад, то худро аз ҳурмат наяфканад ва бар дили подшоҳ гарон нагардад ва агар ҳоҷате раво нашавад, хашм нагирад ва бад-он сабаб аз хидмат дурӣ накунад, то ҳалоки худ наҷуста бошад.

Нуҳум – он ки дар хидмати подшоҳ хӯи хуш одат кунад ва кушодарӯй бошад ва аз туршрӯӣ ҳазар кунад.

Даҳум – он ки то тавонад бо хидматкорони подшоҳ душманӣ накунад ва агар чунонки адовате бошад, то дар ҳазрат бошад, изҳори хусумат накунад ва ҳар чӣ дар ҳаққи вай ба подшоҳ гӯяд, ба ваҷҳе арза дорад, ки ба тариқи насиҳат наздиктар бувад ва мутазаммини масолеҳ бошад, то маҳалли қабул ёбад ва дар ҷумлаи аҳвол сабру оҳистагӣ ва рифқу мадороро шиор ва дисори худ созад.

Шеър:

*Чун кунӣ хидмати мулук талаб,*
*Шав, зи оҳистагӣ бипӯш салаб.*
*Чун дарой, нигоҳ дор ду чашм,*
*Чун буруни, фароз дор ду лаб.*

---

[1] истимолат – ба сӯи худ овардан, моил кунонидан, дилҷӯӣ кардан

Ва адаб ба ҳама ҷойгоҳ некӯ бувад ва муфид бошад, аммо дар маҷлиси подшоҳ некӯтару муфидтар. Ва яқин донад, ки хидмати эшон душвор аст.

Шеър:

*Ту донӣ, ки бар даргаҳи шаҳриёр,*
*Бувад хештан доштан сахт кор.*
*Дил аз ҳайбати шоҳ хира шавад,*
*Ба ду чашми бинанда тира шавад.*

Афлотун гуфтааст: «Оқил ба подшоҳ сухани дурушт нагӯяд, агарчи дилреш бошад ва ҳарчанд, ки подшоҳ бинавозад ва навохт дили мардумро бикушояд, бо ӯ далерӣ натавон кардан, ки доно ба навохти эшон мағрур нашавад ва ба наздикӣ фирефта нагардад, ки дар наздикии подшоҳон хатари дурӣ бошад ва дар қабули эшон хазлону[1] ҳавон[2] пинҳон бошад».

Шеър:

*Агар подшоро ту бошӣ писар,*
*Ҳаметарс аз ӯ, гар бибояд-т сар.*

Синдбод гӯяд: «Парастиши подшоҳону тиҷорати дарё ва бо шери хашмолуд кӯшидану бо мори газанда бозӣ кардан саҳмноку бимнок аст». Фиқровус гӯяд: «Ризои подшоҳ ҷустану хидмати ӯ ба муроди дил кардан, бузургтарин некбахтӣ аст мар хидматгорро».

Суқрот гӯяд: «Чун подшоҳ хидматгореро аз гуноҳ афв кунад, хештаншинос бояд будан ва набояд, ки дигарбора бо сари он заллату гуноҳ равад».

Абӯшакур гӯяд:

Шеър:

*Ба роҳе, ки мард андар ояд ба сар,*
*Бар он роҳ низаш набояд гузар.*
*Гуноҳе, ки кардиву бар ту гузашт,*
*Набояд-т ҳаргиз бад-ӯ бозгашт.*

---

[1] хазлон – хорӣ, бадбахтӣ, бечорагӣ

[2] ҳавон – зиллат, хорӣ, пастӣ

*На ҳар бор бар ту гунаҳ бигзарад,*
*На оҳу ҳамасола сабзӣ хурад.*
*Пушаймонӣ аз карда як бор бас,*
*Ҳалоҳил*[1] *дубора нахурдаст кас.*

Ва араб масал задааст: *«Ло йулдаг-ул-муъмину мин ҷуҳрин марратайни».* Яъне, нагазад мор муъминро аз сӯрохӣ ду бор. Афлотун гӯяд: «Хидмати подшоҳ натавон кард, илло ба се чиз: Аввал – чашм нигоҳ доштан. Дувум – даст кӯтоҳ доштан. Савум – забон нигоҳ доштан».

Мӯбад гӯяд: «Банда бояд, ки ба ҳар ҳоле, ки бошад, дар хидмати подшоҳ худро аз дуруштӣ ва хашм нигоҳ дорад, ки ба нисбат банда чун чашмаву подшоҳ чун дарёст, эҳтирозу хештандорӣ беҳтару авлотар».

Шеър:

*Чу чашма бари жарфдарё барӣ,*
*Ба девонагӣ монад он доварӣ.*

Манучеҳр гӯяд: «Хашмро аввал девонагӣ ва охир пушаймонист». Батлимус гӯяд: «Сухан бисёр бошад, ки подшоҳон бишнаванд, агарчи дурӯғ бошад, дар дили эшон асар кунад, ки гилро, ки ба девор зананд, агар бар вай намонад, аммо асари гил бимонад».

Ҳакимон гуфтаанд: «Дар кори подшоҳон беҳтар аз ростӣ нест ва ростӣ сари ҳамаи хислатҳост».

Шеър:

*Ба кажживу норостӣ кам гарой,*
*Ҷаҳон аз пайи ростӣ шуд ба пой.*

## Ҳикояти эрониён, ки пеши Нӯшервон рафтанд

Ҳикоят: Гӯянд эрониён пеши Нӯшервони одил шуданд ва гуфтанд: «Хусрав бар мо он фармояд ниҳодан, ки мо нигоҳ тавонем доштан ва бар мо чизе ниҳад, ки сабук бошад ва пурманфиат». Нӯшервон бар эшон ростӣ ниҳод ва гуфт: «Ростӣ нигаҳ доред, ки ростӣ раҳнамои нек аст ва

[1] ҳалоҳил – заҳри кушанда, марговар, қотил

ҳеч коре пояндатар аз ростиву ибодат нест ва аз ростӣ ду чиз аст: яке гуфтор ва яке дигар кирдор».

Шеър:

*Ҳар он гаҳ, ки шуд ростӣ-т ошкор,*
*Фаровон бувад мар туро хостор.*
*Раҳӣ, к-аз Худованд шуд бахтиёр,*
*Барояд-ш бе ранҷ бисёр кор.*

Пас, дар ҳар коре, ки мардум ростӣ кунанд, сазовор аст, ки зишттар аз дурӯғ нест. Ва Меҳронбеҳ гуфтааст, ки гунгӣ беҳ аз дурӯғ гуфтан аст ва шахсро айбе азим.

Шеър:

*Накӯҳида бошад дурӯғгӯзмой,*
*Сӯи бандагону ба сӯи Худой.*
*Як оҳу, ки аз як дурӯғ оядо,*
*Ба сад рост гуфтан напероядо.*
*Дурӯғ обу озарм камтар кунад,*
*В-агар рост гӯяд, кӣ бовар кунад?!*

Ҳакими Ҳинд гуфтааст, ки се чиз аломати бадбахтӣ аст: «Яке – айби хеш надидан. Дувум – айби касон ҷустан. Савум – дурӯғ гуфтан».

Нӯшервони одил гуфтааст, ки ҳеч ба муроди дили хеш зиндагонӣ натавон кардан дар хидмати подшоҳ ва чун бемурод бояд будан, боре чунон бояд, ки ба дӯстон суд тавонад кардан ва ба душманон зиён, ва ин мумкин набувад, магар дар хидмати подшоҳ.

Шеър:

*Хидмати рӯзи некмардон кун,*
*То бари ҳар касат бувад таъзим.*
*Қиблаи халқ санг гашт бад-он-к,*
*Шуд сипарда ба пои Иброҳим.*

Ва бузургон гуфтаанд, ки подшоҳ чун дарёст, ӯро аз кас шарму бим набувад ва дӯстиву меҳрубонии подшоҳ ба дарахти мевадор монад, ки аз замин об чандон кашад, ки бад-ӯ ниёзманд бувад ва подшоҳ дӯстӣ чандон намояд,

ки ба чокар ниёзманд бувад, ки подшоҳро аз чокар ва муаллимро аз китобе кам наёяд.

Батлимус гуфтааст: «Ҳарчанд, ки аз подшоҳ дур бошӣ, аз бади ӯ эмин мабош, ки дасти подшоҳ ба ҳар ҷое бирасад ва подшоҳ ба офтоб монад, ки аз як ҷойгоҳ бар ҷойгоҳҳо битобад».

Ҳукамо гуфтаанд: «Хидмати подшоҳон ба бозаргонии дарё монад, ки гоҳе суду саломатӣ ва гоҳе ранҷу хатар бувад».

Шеър:

*Зи дарё ҳамеша гуҳар н-оваранд,*
*Яке рӯз бошад, ки сар н-оваранд.*

Бузарҷмеҳр гуфтааст, ки аз асбоби некбахтӣ яке он аст, ки хидмати подшоҳи одилу хушхӯй кунанд ва аз асбоби бадбахтӣ яке он аст, ки хидмати подшоҳи бадхӯю зудхашм ва шитобзада кунанд.

Шеър:

*Шитоб оварад зишт некӯ ба чашм,*
*На некӯ бувад подшо зудхашм.*
*Киро кор бо шоҳи бадхӯ бувад,*
*На озарму не бахти некӯ бувад.*

Бузарҷмеҳр гуфтааст: «Бо подшоҳи банданавоз зиндагонӣ бояд кардан, ки ӯро сояи Худовандист ва раиятро зилли бандагӣ». Ҳакимон гуфтаанд: «Хидматкорро ба ҳеч ҳол бар мухолифати подшоҳ коре нашояд кардан ва аз мақоми хеш бартарӣ нашояд намудан».

Шеър:

*Аз андоза бартар мабар дасти хеш,*
*Фузун аз гилемат макун пой пеш.*

Унсурӣ гӯяд:

*Ҳар он кас, ки бо подшоҳон ба кин*
*Ситеза кунад, монад андар замин.*
*Чи он кас, ки печад сар аз шаҳриёр,*
*Чи он кас, ки ӯ дида хорад ба хор.*

# БОБИ ЁЗДАҲУМ
# АНДАР САБР ВА ШИТОБ

Ба ҳукми он, ки пӯшида нест, ки сабр аз ҷумлаи хасоили ҳамидаву разия аст, ки дар мардум бошад ва шитоб аз ҷумлаи авсофи замима[1] аст. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармуд: *«ал-Ъаҷалату мина-ш-шайтони ва-т-тааннӣ мина-р-Раҳмони».* Яъне, шитобзадагиро шайтон дӯст дорад ва таанниро Худой, азза ва ҷалла, дӯст дорад. Уқало гуфтаанд, ки дар сабр панҷ фоида аст, ки он дар мутаориф, мустаҳсан ва матлуб аст. Ва дар шитоб панҷ навъ мазаммат аст: Аввал – дар сабр умеди фараҷ аст, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ас-Сабру мифтоҳ-ул-фараҷи».* Яъне, сабр калиди фараҷ[2] аст. Ва ин ҷо маълум мешавад, ки дар шитоб таваққуи фараҷ набошад. Дувум – дар сабр умеди савоб аст ва дар шитоб умеди хатост, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: «*Ман таанно асоба ав кода ва ман таъаҷҷала ахтаа ав кода*». Яъне, ҳар кӣ дар корҳо тааннӣ кунад, кораш барояд ё наздик бувад, ки барояд ва ҳар кӣ таъҷил кунад, хато кунад ё наздик бувад ба хато. Савум – он ки дар сабр умеди нусрат аст, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Инна-н-насра маъа-с-сабри».* Яъне, нусрат бад-он тавон ёфтан, ки сабр кунанд ва дар шитоб хатари бемуродӣ ва ҳазимат бошад. Чаҳорум – он ки дар сабр умеди ҳасана аст, ки дар Таврот навиштааст: *«Ло ҳасаната аъло мина-с-сабри».* Яъне, ҳеч

---

[1] замима – мазамматшуда, бад

[2] фараҷ – кушоиш, хушбахтӣ

некӯӣ бузургвортар аз сабр нест, ки дар таъҷил саййиа[1] бошад. Панҷум – сабр иқтидо кардан аст, ки Борӣ таоло ба Расул, саллаллоҳу алайҳи, хитоб кард ва фармуд: *«Фасбир камо сабара улу-л-ъазми мина-р-русули»*[2]. Бад-ин оят маълум шуд, ки сабр аз қабили маъмурот аст ва шитоб аз қабили манохист. Филҷумла, ғолибу зоҳир он аст, ки сабр дар бештари умур мустаҳаббу мустаҳсан аст ва таъҷил дар ҷумла аҳвол макрӯҳ ва номаҳмуд аст.

Шеър:

*Шикебоӣ андар ҳама корҳо,*
*Беҳ аз шӯшаи[3] зар ба хирворҳо.*
*Шикебоӣ андар дили танг неҳ,*
*Шикебоӣ аз ганҷи бисёр беҳ.*

Шақиқи Балхӣ гӯяд: «Чаҳор чиз аз ҳама кас некӯст: Ҷавонмардиву дод ва шикебоиву хирадро кор бастан».

Суқрот гӯяд: «Шитоб тухми пушаймонист ва сабр умеди фараҷ аст ва ҳар кӣ сабр кунад, он чӣ хоҳад, ёбад ва бад-он чӣ дӯст дорад, бирасад».

Румиён гуфтаанд, ки ҳаргиз кори нек бо шитоб мувофиқат накунад, ки саломат дар сабр асту маломат дар шитоб ва шитобандаро ситоиш нест.

Маъмуни халифа гуфтааст, ки бо се кас шикебоӣ бояд кардан: Бо подшоҳи ситамкору бо мардуми бемор ва бо ёри некӯкор.

Амирулмуъминин Алӣ, разияллоҳу анҳу, гуфтааст: «Ҳар кӣ аз чаҳор чиз дур бошад, бадиву макрӯҳ ба вай нарасад: Шитобу хашм ва уҷб овардану коҳилӣ[4] кардан».

Бузургон гуфтаанд: «Корҳо ҳаст, ки дар он шитобзадагӣ бояд кардан, ки агар тағофул равад, он

---

[1] саййиа – гуноҳ, хато

[2] Яъне: Пас, сабр кун, чунон ки пайғамбарони соҳибазм сабр карда буданд (сураи Аҳқоф, ояти 35).

[3] шӯша – пора, бофта

[4] коҳилӣ – танбалӣ, сустӣ

мақсуд ҳосил нашавад ва чун гули шукуфта, ки агар боғбон ду рӯз таъхир кунад, он гул фурӯ резад ва ё рангу таровати ӯ табоҳ шавад ва корҳо ҳаст, ки дар он шитоб набояд кардан, ки он ба рӯзгор некӯ шавад, ҳамчу хурмо, ки агар ба хомӣ аз дарахт бигсалӣ, он ҳаловату хушӣ наёбӣ, ки ба гоҳи расидагӣ».

Афлотун гӯяд: «Ҳар кӣ талхии сабр нахӯрад, ширинии рӯзгор начашад. Ва тағофул кардан ба ҳангоми қудрат, беҳ аз иқдом намудани беқудрат».

Искандар гуфтааст: «Ҳарчанд, ки давлат бузургтар, бахшоиш андар ӯ дархуртар ва ҳарчанд меҳнат саъбтар, сабурӣ андар ӯ сутудатар ва ҳарчанд тавоноӣ бештар, мадоро андар ӯ беҳтару накӯтар».

Бузарҷмеҳр гуфтааст: «Шитоб кардан дар корҳо, огоҳ кардани дигарон бошад». Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: «Таъҷил дар ҳеч коре мубоҳ нест, магар дар се кор: Яке – дар он, ки духтар зуд ба шавҳар диҳанд. Дувум – он ки мурдаро зуд дафн кунанд. Савум – он ки пеши меҳмон таом зуд баранд».

Ҳукамои порс гуфтаанд: «Чун кор аз як рӯй андешанд ва бар як андеша ба сар баранд, ҳосили ӯ пушаймонӣ бошад, ки марди доно чун коре хоҳад кардан, бояд, ки аз ҳар карона бингарад, ки ба сар бурдан дар чист ва ростиву каживу сабаби ҷойгоҳи он бидонад, ки ҳар кӣ андар гуфтору кирдор андеша накунад, бад-ӯ он расад аз пушаймонӣ, ки ба Хусрав расид ва он уқубату маломат, ки ба фарзанди Мӯбад расид».

**Ҳикояти Хусрав ва канизак**

Ҳикоят: Гӯянд, ки Хусравро канизаке буд ва ӯро дӯст доштӣ. Рӯзе вайро дар хилват пеш хонд ва даст бад-ӯ фароз кард. Канизак аз рӯи густохӣ даст бар рӯи Хусрав зад ва хун аз бинии Хусрав биёмад. Хусрав тира шуду кас фиристод пеши мӯбад ва гуфт, ки: «Касе кӣ даст бар

худойгони худ биёзад, уқубати ӯ чӣ бувад?» Мӯбад ба хона набуд, писари мӯбад гуфт: «Дасташ бояд буридан». Ва дар ин сухан андеша накард ва ба шитоб ҳукм кард. Хусрав фармуд, ки дасти канизак бибуриданд. Баъд аз он Хусрав пушаймон шуд. Аз фиристода пурсид, ки ин ҳукм Мӯбад кард ё на? Фиристода гуфт: «Мӯбад ба хона набуд ва писараш ҳукм кард». Хусрав Мӯбадро бихонд ва бозпурсид. Мӯбад гуфт: «Ҷуз аз чаҳор кас боқиро даст бояд буридан». Пурсид, ки чаҳор кас кадоманд? Мӯбад гуфт: «Ё канизаке, ки вақти хилват бошад ё девона ё маст ё тифл». Хусрав ба Мӯбад гуфт: «Пас писари ту чаро чунин ҳукм кард, ки дасти канизак ба зулму бедод бурида шуд?» Мӯбад гуфт: «Писарро даст бояд буридан». Хусрав фармуд: «То дасти писари Мӯбад бибуриданд ва писари Мӯбад дар он ранҷ бимурд».

Маъмун халифа гуфт: «Дар гуфтор, ки гӯяд, шитоб набояд кардан, то аз гуфта пушаймон нашавад».

### Ҳикояти гуфтаи нобино

Ҳикоят: Яке нобиноеро гуфт: «Кошкӣ ман бидонаме, ки туро аз ин нобиноӣ чӣ фоида аст?» Гуфт: «Фоидаи ман он аст, ки рӯи чун ту касеро набоядам дидан».

### Ҳикояти Мансур ба рӯзгори Ҳаҷҷоҷ

Ҳикоят: Мансур ба рӯзгори Ҳаҷҷоҷ якеро аз хавориҷи араб бигирифт ва пеши худ бар пой кард ва ба масхарагӣ гуфт, ки: «Аз ин лашкари мо бо шумо кӣ сахттар ҳарб кард?» Араб гуфт: «Ман ин муборизон аз рӯй нашиносам, бифармо, то қафоҳо сӯи ман кунанд, то бигӯям». Яъне, ман эшонро ба ҷуз дар гурехтан надидам. Мансур аз ин ҷавоб хиҷил гашт. Пас, мардум бояд, ки дар ҳар кор, ки бошад, сабр кунад ва ҳар чӣ гӯяд, ба тааннӣ гӯяд, то хиҷолат ба вай бознагардад.

## Ҳикояти Ҳасани Басрӣ

Ҳикоят: Ҳасани Басрӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, марде бузург буд ва сесад касро аз саҳоба дида буд. Рӯзе ба Басра маҷлис медошт. Дар аснои сухан гуфт: «Эй дареғо, ки аз суҳбати саҳобаи Расул, саллаллоҳу алайҳи, ба суҳбати шумо афтодам. Ҷавоне бархост ва гуфт: «Эй шайхи ислом! Дареғои ту бештар, ки аз суҳбати саҳоба ба суҳбати мо афтодӣ ё дареғои саҳоба, ки аз суҳбати Расул, саллаллоҳу алайҳи, ба суҳбати ту афтоданд?» Ҳасани Басрӣ аз ин маънӣ хиҷил шуд.

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Дар бадӣ мадоро кардан ва сухани талх аз нокасон фурӯ хӯрдан аз зиракиву ҷалдии[1] мард бошад. Ва дар Таврот навишта аст, ки: «Марди ҳарис ҳамеша маҳрум аст ва марди шитобанда ҳамеша бар пушаймонист».

Ҳукамо гуфтаанд, ки андешидан чун тухм аст ва донистан чун рустан ва гуфтор чун шукуфаву кирдор чун бар ӯст ва ҳамчунонки фоидаи тухм пайдо омадан бар ӯст. Фоида андешидан, кор кардан аст. Шеър:

*Сиголиш бибояд ба ҳар кор ҷуст,*
*Сухан бе сиголиш наёяд дуруст.*
*Ба коре, ки тадбир бояд дар ӯй,*
*Нашояд газоф андар ӯ кард рӯй.*
*Хирадманд бояд, ки тадбири хеш,*
*Кунад бо дили хеш сад бор беш.*

[1] ҷалдӣ – чустиву чолокӣ, хушёрӣ

# БОБИ ДУВОЗДАҲУМ ДАР НЕКӢ ВА БАДӢ

Пӯшида нест, ки некӣ ба иттифоқи оламиён сутуда ва дар ҷумлаи адёну шароеъ писандида аст ва ҳама уқало муттафиқанд, ки ба ҳангоми қудрат бар некӣ иқдом бояд намудан, то ба воситаи офоти таъхир фавт нашаваду захираи ухравӣ ҷуз ба кирдору гуфтори нек ҳосил нагардад. Ва дар каломи маҷид аст: *«Ва аҳсин камо аҳсаналлоҳу илайка»*[1]. Ва ҳам дар хабар аст аз Расул, саллаллоҳу алайҳи: *«Аҳсин қабла ан йафутука-л-иҳсону».* Яъне, некӣ кун, пеш аз он, ки бар ту фавт шаваду натавонӣ кардан.

Аристатолис гӯяд: «Кирдори некӯ ба наздики шукркунанда, тухмест, ки ҳаргиз гум нашавад».

Зинун, ки аз машоҳири ҳукамои Юнон аст, гуфт: «Ҳар кас, ки некӯии хеш аз касе боздошт, ӯро душмани хеш гардонид. Ва ҳар кӣ касеро ба бадӣ ёрӣ дод, бар вай ситам кард ва ҳар кӣ забони насиҳат аз касе боздошт, суҳбат аз ӯ бурида бошад ва ҳар кӣ некии касе аз касе боздошт, манноъи-л-хайр[2] ва *базаҳкор* буда бошад ва бузургон гуфтаанд: «Парҳез кардан, бунёди некӣ асту тамаъ кардан, бунёди бадӣ».

Фанохусравро пурсиданд, ки аз некиҳо чӣ дӯсттар дорӣ? Гуфт: «Он, ки гунаҳкоре гуноҳе кунад ва ман ӯро

---

[1] Яъне: Ва некӯӣ кун, чунон ки Худо бар ту некӯӣ кардааст (сураи Қасас, ояти 77).

[2] манноъ-ил-хайри – манъкунандаи хайр, боздорандаи хубӣ. Таъбири мазкур аз ояти 12-уми сураи Қалам аст.

афв кунам». *«Ман йаъифа йаъфуллоҳу ъанҳу»*[1].

Шеър:

*Чунон кун, ки чун ёфтӣ дастгоҳ,*
*Ба омурзиш андар бипӯшӣ гуноҳ.*

**Ҳикояти бахшиши Ҳусайн ибни Алӣ**

Ҳикоят: Ҳусайн ибни Алӣ, разияллоҳу анҳу, рӯзе рӯза дошта буду бар хон нишаст. Ғуломи матбахе косаи хӯрдании гарм овард ва пои ӯ ба замин даромаду коса бар Ҳусайн рехт. Ҳусайн, разияллоҳу анҳу, ба хашм дар вай нигарид. Ғулом гуфт: *«Ва-л-козимина-л-гайза»*.[2] Ҳусайн гуфт: «Хашм фурӯ хӯрдам». Ғулом гуфт: *«Ва-л-ъофина ъани-н-носи»*.[3] Ҳусайн гуфт: «Афв кардам». Ғулом гуфт: *«Валлоҳу йуҳибб-ул-муҳсинина»*.[4] Ҳусайн гуфт: «Туро озод кардам».

Ҳакими Ҳинд гӯяд: «Некӣ кардан, бегонаро ошно гардонад ва душманро дӯст кунад ва бадӣ кардан хилофи ин бошад».

Шеър:

*Ба некӣ шавад чашм равшан туро,*
*Зи ҳар бад бувад нек ҷавшан туро.*

Афлотун гӯяд: «Некӣ кардану тавозуъ намудан неъматест, ки ҳеч кас бар вай ҳасад накунад».

Имом Шофеӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, гуфт: «Чарбзабонӣ ва некӣ кардан шамшери тезро кунд кунаду шамшери кундро тез кунад ва дар силоҳҳо ҳеч чиз буррандатар аз некӣ нест».

Шеър:

---

[1] Яъне: Касе, ки аз нафаре бигзарад, Худованд аз ӯ дармегузарад.

[2] Яъне: Хашми худро фурӯбарандагонанд (сураи Оли Имрон, ояти 134).

[3] Яъне: Аз мардум даргузарандагон (сураи Оли Имрон, ояти 134).

[4] Яъне: Худо некӯкоронро дӯст медорад (сураи Оли Имрон, ояти 134).

*Зи некӣ ҳама некӣ ояд ба ҷой,*
*Ба некӣ диҳад низ некӣ Худой.*

Синдбод гӯяд: «Шараф андар тавозуъ асту карам андар тақво ва бузургӣ андар некӣ кардан».

Фанохусрав гӯяд: «Саодати бузург се чиз аст: Аввал – эминӣ аз офатҳо. Дувум – даст ёфтан ба некӣ кардан. Савум – аз бадиҳо дур будан».

Ҳукамо гуфтаанд: «Пайвастагиву суҳбат миёни мардуми нек чун ҷоми заррин бувад, ки дер шиканаду зуд нек гардад ва пайвастагиву суҳбати бадон чун ҷоми сафолин бувад, ки зуд бишканаду ҳаргиз нек нашавад».

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Бо бадон зиндагонӣ кардан, дурӣ кардан аст аз саломат ва бо некон суҳбат кардан, пайванди зиндагонист».

Шеър:

*Бад бувад рои ҳамнишини бадон,*
*Ки бадонро бувад ниҳоди дадон.*
*Ба хирадманд бар гумоне нек,*
*Набувад ҳамнишини бехирадон.*

* * *

*Некӣ гузину ҷуду сахо кун ба ҷои халқ,*
*Акнун, ки амру наҳӣ равон аст мар туро,*
*Зеро, ки вақт бошад, ки-т орзу кунад,*
*То некӣ кунӣ, нарасад даст мар туро.*

Уламо гуфтаанд: «Нек будан мояи некбахтӣ аст. Ва кӯш, то некбахт шавӣ ва неконро дӯст доштан сирати парҳезгорон аст ва кӯш, то парҳезгор бошӣ ва аз бадӣ дур бош, ки бадӣ ҳамчун оташ пинҳон бошаду ногоҳ рӯзе сар бизанад».

*Бадӣ ҳамчу оташ бувад дар ниҳон,*
*Ки пайдо кунад хештан ногаҳон.*

* * *

*Ба шаб ар бад кунӣ зери замин,*
*Бозбинӣ ба рӯз бар кӯҳон (?).*

Ва он кас, ки ту бо вай некӣ кунӣ, агар ошно бувад, дӯст гардаду агар дӯст бувад, ба масобати банда шавад ва агар бегона бувад, бошад, ки туро рӯзе ба кор ояд ва мукофоти он некӯӣ ба ту расонад ва агар касе бувад, ки туро ба кор наёяд, ту боре аз савоби некӯкорон бознамонӣ.

Шеър:

*Яке панди хуб омад аз ҳиндувон,*
*Бар он хустувонанд[1], нохустувон.*
*Бикун некӣ, он гаҳ бияфкан ба роҳ,*
*Намояндаи роҳ аз ин беҳ махон.*
*Ба арзониёну на арзониён,*
*Дирам чун бибахшӣ, надорад зиён.*

Амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, гуфтааст:

*Изо ҳаббака раёҳука фағтанимҳо,*
*Фаинна ликулли ъосифатин сукуну.*
*Ва ло тағфал ъани-л-иҳсони фиҳо,*
*Фало тадри-с-сукуна мато йакуну.*

Яъне, чун бод биҷаҳад ба ғанимат дор, ки агарчи бод сахт вазад, сокин шавад ва дар некӣ кардан тағофул макун, ки надонӣ сукуни бод кай бошад.

Маънӣ он мехоҳад, ки чун дастрас ёфтӣ ба некӣ кардан, тағофул макун, ки вақт ояд, ки ту хоҳӣ, ки некӣ кунӣ, дастрас набошад.

## Ҳикояти Мӯсо ва Сомирӣ

Ҳикоят: Он гоҳ, ки Мӯсо, алайҳиссалом, аз Тури Сино бозомад ва Сомирӣ гӯсолае заррин карда буд ва қавми Мӯсо бад-он бероҳ шуд. Мӯсо, алайҳиссалом, оташ фармуд кардану гӯсоларо бигудохту бисӯхт ва Сомириро талаб карданд ба ҷид(д)[2] ва наёфтанд. Баъд аз чиҳил рӯз ёфт шуду назди Мӯсо оварданд ва чун ӯро бидид, гуфт:

[1] хустувонанд – муътариф ва иқроровардагонанд

[2] ҷид(д) – ҷиддият

«Эй Сомирӣ, куҷо будӣ?» Гуфт: «Ё Расулаллоҳ! Аз паси як то нон пинҳон будам». Мӯсо, алайҳиссалом, гуфт: «Ба чӣ маънӣ?» Сомирӣ гуфт: «Ҳар рӯз як то нон ба дарвеш медодам, то Худои таоло маро аз ту нигоҳ медошт, имрӯз надодам, лоҷарам, дарафтодам».

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Забони мардумро аз баду зам(м)[1] ба мадҳ натавон овардан ва кароҳияти хеш аз дили мардум ба сухани хуш натавон бурдан, магар ба некӯӣ битавон ниҳодан».

**Ҳикояти Имом Аъмаш ва Қозӣ Абӯюсуф**

Ҳикоят: Имом Аъмаш дар масҷид нишаста буд. Қозӣ Абӯюсуф бигузашт. Аъмаш гуфт: «Худои таоло исломро аз ин золим раҳоӣ диҳод!». Пас, Қозӣ Абӯюсуфро аз ин хабар доданд ва он шаб Аъмашро понсад дирам ва дасте ҷома фиристод. Дигар рӯз Қозӣ Абӯюсуф бар дари масҷид мегузашт, Имом Аъмаш гуфт: «Худои таоло амсоли ин муқтадои дин дар ислом бисёр гардонод! Ин ростгуфтори ҳаққирдор». Ва шогирдони Аъмаш ба якдигар нигариданд. Аъмаш гуфт: «Маломат макунед, ки дӣ чунон гуфтаму имрӯз чунин, ки вай дӯш аз баҳри ман понсад дираму дасте ҷома фиристод ва мардум бандаи эҳсон аст, ки гуфтаанд: *«ал-Ҳурру ъабд-ул-бирри»*. Яъне, озод бандаи некист.

Нӯшервони одил гуфтааст: «Чаҳор чиз пайваста ба кор бояд доштан: Некӣ кардан, дӯст андӯхтан, бар халқ бахшудан, бурдборӣ кардан».

Амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, гуфтааст: *«ал-Иҳсону йақтаъ-ул-лисона»*. Яъне, некӣ кардан забони мард бибуррад. Ва ҳукамо гуфтаанд, ки ҳар кӣ бадкории худ бидонад, ӯ некӯкирдор аст ва худро некӯкирдор шиносад, ӯ бадкор аст. Ва Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ман йазраъу хайран йаҳсуду рағбатан ва ман йазраъу шарран йаҳсуду надоматан»*. Яъне,

[1] зам(м) – маломат, сарзаниш

ҳар кӣ некӣ корад, рағбат даравад ва ҳар кӣ бадӣ корад, пушаймонӣ даравад. Ва доноён гуфтаанд: «Он кас, ки некии хеш ба бадии дигаре ҷӯяд, ӯ ба некӣ арзонӣ набувад ва он кас, ки ба некӣ ҷуз ба хештан написандад, доим дар бало бувад». Ва ҳаким Батлимус гӯяд: «Чун ба ҷои касе некӣ кунӣ, бояд, ки миннат наниҳиву ифтихор накунӣ ва то тавонӣ бад масиголу пайваста некӣ кунӣ, ки шарафи некӯкирдорӣ он бас аст, ки ҳаргиз пушаймон нашавад ва на аз кас маломат ёбад ва муқтазои доду инсоф он аст, ки чун касе ба хидмати ту некӣ кунад, ки сипосдорӣ намоӣ ва ба анвоъ мукофот кунӣ.

Шеър:

*Ту донӣ, ки мардум, ки некӣ кунад,*
*Кунад, то мукофоти он барчинад.*
*Мукофотҳо чанд гуна бувад,*
*Яке он, ки корад, ҳамон бидравад.*

# БОБИ СЕЗДАҲУМ
# ДАР ХӮИ НЕКУ БАД

Аз Расул, саллаллоҳу алайҳи, пурсиданд: *«Аййулмуъминина афзалуҳум?»* Яъне, аз мӯъминон кӣ фозилтар? Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармуд: *«Аҳсануҳум хулуқан»*. Яъне, он кас, ки ӯ хушхӯтар аст. Ва ҳам ӯ фармуд: *«Аввалу мо йузаъу фи-л-мизони ал-хулуқ-ул-ҳасану»*. Яъне, нахустин чизе, ки дар тарозу ниҳанд рӯзи қиёмат, хӯи хуш бошад.

Шеър:

*Хирадманд гӯяд, ки бунёди хӯй,*
*Зи шарм асту дониш нигаҳбони ӯй.*
*Накӯдостон он, ки хусрав бизад,*
*Гаронбор бар ҷонвар хӯи бад.*
*Биҳишт он касеро, ки ӯ некхӯст,*
*Ки донистани хайри мардум бад-ӯст.*
*Ҳама чизҳоро писандад хирад,*
*Магар нохирадмандиву хӯи бад.*

Бузарҷмеҳр гӯяд, ки ҳеч нажоде чун хӯи хуш нësту ҳеч донише чун пешандешӣ нест ва ҳеч парҳезгорӣ чун беозорӣ нест.

### Ҳикояти Абӯҳанифа ва марди ҷуҳуд

Ҳикоят: Аз ҷумлаи хӯи хуши Имоми Аъзам Абӯҳанифа, раҳматуллоҳи алайҳи, яке он буд, ки ӯро бар марде ҷуҳуд дайне буд, вакили Имоми Аъзам мутолаба кард. Ҷуҳуд се рӯз муҳлат хосту ба сафар шуд ва ба муддати як сол бозомад. Вакил аз Имоми Аъзам пурсид, ки шояд,

ки бар ҷуҳуд тақозо кунам? Фармуд, ки на, аз роҳ омадааст. Як ҳафта сабр кун. Вакил баъд аз як ҳафта мутолаба кард. Ҷуҳуд дигарбора муҳлат хосту ба сафар рафт. Муддати як сол ғоиб шуд. Панҷ сол, ҳамчунин, муҳлат мехосту дафъ-ул-вақт[1] мекард. Пас, соли панҷум чун бозомад. Абӯҳанифа, раҳматуллоҳи алайҳи, ӯро албатта наранҷонид ва аз ғояти хушхӯӣ сабру мадоро мекард. Ҷуҳуд ба хидмати вай омад ва мусалмон шуду гуфт: «Дар дине бибояд даромадан, ки чун ту касе дар вай бошад».

Ва араб масал задааст: *«Ман ҳасуна хулқуҳу ва латуфа нутқуҳу асъадаҳу йавмуҳу ва саввадаҳу қавмуҳу»*. Яъне, он касро, ки хӯи ӯ некӯст ва гуфтори ӯ латиф, рӯзгор ӯро мусоидат кунад ва қавми ӯ ӯро меҳтар кунад.

Қоран гӯяд: «Бикӯш, то хӯи некӯ ва дониш зиёдат кунӣ, ки он кас, ки хушхӯй набувад, аз ӯ эмин натавон будан».

Ҳакими Ҳинд гӯяд, ки мардуми бадхӯй ҳамеша дар дилтангӣ бошад аз гуфтору кирдори хеш ва бо мардуми бадхӯй суҳбат доштан, тани хешро зиён кардану ранҷ расонидан бошад.

Шеър:

*Зи гуфтору кирдору аз хӯи зишт,*
*Касе надравад хуб, чун зишт кишт.*

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Хӯи некӯст, ки ободонии ҷаҳон андар вай аст ва ёфтани ҷаҳон аз вай аст». Ҳиндувон гӯянд: «Он, ки панҷ хӯй бо хештан дорад, ӯро ба ҳама ҳунарҳо сутуда донанд: Яке – хӯи хуш. Дувум – хурсандӣ. Савум – шикебоӣ. Чаҳорум – чарбсуханӣ. Панҷум – камозорӣ».

Афлотун гӯяд: «Бадтарини мардум он бувад, ки ӯ хӯи бадро кор кунад ва анбози[2] хеш дорад».

Шеър:

---

[1] дафъ-ул-вақт – вақтгузаронӣ, кореро ба вақти дигар андохтан
[2] анбоз – ҳамроҳ

*Беҳин мардумон мардуми некхӯст,*
*Батар он, ки хӯи бад анбози ӯст.*

## Ҳикояти Маъруфи Кархӣ

Ҳикоят: Аз хӯи неки Маъруфи Кархӣ он буд, ки вақте ба канори обе расид, хост, ки вузӯ кунад, мусҳафе бо ҳам дошт, бинҳоду ба вузӯъ машғул шуд. Зане биёмаду мусҳаф бидуздид. Маъруф бар асари ӯ бирафт ва он зан азим битарсид. Маъруф гуфт: «Матарс, ки туро аз ман боке нест, чизе мепурсам аз ту». Гуфт: «Чӣ мепурсӣ?» Маъруф гуфт: «Қуръон донӣ хондан, то мусҳаф ба ту бахшам?» Зан гуфт: «На». Пас гуфт: «Мусҳаф куҷо барӣ?» Гуфт: «Бибараму ба пораҳои карбос бифурӯшам ва пироҳане дӯзам». Маъруф ӯро гуфт: «Мусҳаф ба ман деҳ, пироҳан аз ман бистон». Мусҳаф бистаду пироҳани хеш бад-ӯ дод.

Румиён гуфтаанд, ки ҳар чизеро бунёдест ва бунёди хӯи некӯ шарм асту посбони ӯ дониш аст ва бунёди хӯи бад адами илтифоти насиҳат асту ҳазён[1] гуфтан.

Бузарҷмеҳр гуфтааст: «Чанд хӯй аст, ки аз одати доноён аст: Яке он, ки сухан ҷуз он нагӯяд, ки суди ӯ ва аз они мардум андар он бувад ва аз он сухан бигурезад, ки аз ӯ зиён хоҳад буд ва дигар чун коре кунад, фарҷоми он бингараду фоидаи он бидонад, ки чист ва дигар ҷангу пайкорро бар оштӣ нагузинад.

Шеър:

*Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,*
*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.*

Ҳам Бузарҷмеҳр гӯяд: «Аз ҷумлаи бадхӯӣ яке он аст, ки ба хӯи бад кор ба зиён орад ва пиндорад, ки некӯ ҳамекунад ва дигар аз он чи бар вай бигзарад, ибрат нагирад ва дигар ҳамвора айби мардум ҷӯяд».

Шеър:

---

[1] ҳазён – беҳуда

*Батар душмане мардро хӯи бад,*
*К-аз ӯ ҷон ба ранҷ ояду колбад.*

Ва гуфтаанд: «Ду хӯй аз нодонист: Яке он, ки сими хеш ба вом ба касе диҳад, ки аз ӯ ба хоҳиш бознатавонад ситадан. Ва дигар он, ки рози хеш ба касе гӯяду боз шафоат кунад, ки ин роз бо касе магӯй».

Ҳукамо гуфтаанд: «Зан он бадтар, ки хӯи мард гирад ва мард он бадтар, ки хӯи занон дорад».

Шеър:

*Батар марде он, к-ӯ ба хӯи занон*
*Барояд, пас он гаҳ бимонад чунон.*
*Хирадманд гӯяд, ки зан он батар,*
*Ки ӯ мардхӯ бошаду мардфар.*
*Бас аст ин шараф хӯи покизаро,*
*Ки монад зани хуб дӯшизаро.*

## БОБИ ЧАҲОРДАҲУМ
## ДАР НУҲУФТА ДОШТАНИ РОЗҲО

Шак нест, ки нуҳуфтани роз асле азим аст ва дар ҷумла аҳволу умур сутуда аст. Ва аз ин ҷост, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Ман катама сирраҳу малика амраҳу»*. Яъне, ҳар кас, ки сирри худ пинҳон дорад, корҳои худро малки[1] худ гардонад. Ва мурод аз ин ҳадис он бошад, ки ҳар кӣ сирри худ нигоҳ дорад, ба муроду орзуҳои хеш бирасад. Аз он ҷиҳат, ки аодӣ бар асрору муродоти ӯ вуқуф ёбанд ва дафъи он натавонад кардан.

Афлотун гӯяд: «Дилҳо ҷои нигоҳ доштану пинҳон кардани розҳост, лабҳо қуфлҳо ва забонҳо калидҳои он қуфлҳост. Нигоҳ доред ҳар касе калиди рози хеш».

Бузарҷмеҳр гӯяд: «Роз ба се кас нашояд гуфтан, ки он аз дониш набувад: Яке – бо марди аҳмақу содадил. Дувум – марди бисёргӯй. Савум – бо марди бисёрдӯст».

Шеър:

*Касе, к-ӯ бараҳна кунад рози дӯст,*
*Раво бошад ар бардаронӣ-ш пӯст.*

Ва араб масал задаст: *«Қалб-ул-аҳмақи фӣ фамиҳи ва лисон-ул-оқили фӣ қалбиҳи»*. Яъне, дили аҳмақ дар даҳон(-и ӯ) аст ва забони оқил дар дил(-и ӯ) аст. Ва Ардашер гӯяд: «Ҳар кӣ рози хеш нигоҳ дорад, пой бар гардани душман чун ниҳад». Ва араб гуфтааст: *«Ман кашафа сирраҳу ҳатака ситраҳу»*. Яъне, ҳар кас, ки рози хеш ошкор кунад, пардаи ӯ дарида шавад.

---

[1] милк – доройӣ; он чи дар тасарруфи инсон бошад

Шеър:

*Гушояндаи розҳои ниҳон,*
*Саранҷом расво шавад дар ҷаҳон.*

Нӯшервони одил гуфтааст: «Маликон, ки пирӯзӣ ёфтанд, ба пешбиниву тадбир ёфтанд ва тадбир андар нигоҳ доштани роз донистанд».

Ҳурмус гӯяд: «Агар хоҳӣ, ки аз рози хеш душманро хабар надиҳӣ, аз ояндаву шаванда нигоҳ дор, ки дар он аз ду навъ фоида аст: Аввал – он ки агар ба савоб бувад, ба коми дил бирасад ва агар хато бувад аз маломат дур бошад. Ва араб масал задаст: *«Қулуб-ул-аҳрори қубур-ул-асрори»*. Яъне, дилҳои озодагон гӯрҳои сирҳост.

### Ҳикояти Хоқон ва малики Ҳинд

Ҳикоят: Гӯянд, ки рӯзе Хоқон ва малики Ҳинд дар маҷлиси унс нишаста буданд. Хоқон гуфт: «Дур бод он андеша, ки дили моро табоҳ кунад». Малики Ҳинд гуфт: «Дур бод он андеша, ки агар замир ошкоро шавад, шарм бояд доштан».

Синдбоди ҳаким гӯяд, ки аз ду кас роз нигоҳ набояд доштан: Яке – бар ҳакими доно. Дувум – бар дӯсти меҳрубон.

Фикровус гӯяд: «Касе, ки рози ту бардораду бар дили хеш ниҳад, ӯро сабук набояд доштан, чӣ сабуксор[1] он бувад, ки рози хеш бо касе гӯяд, зеро чун хештан нигоҳ натавонад доштан, дигаре чун нигоҳ дорад, ғояти аблаҳӣ бошад».

Шеър:

*Зи ман рози хеш ар надорӣ нигоҳ,*
*Нигаҳ доштан розат аз ман махоҳ.*

Румиён гуфтаанд: «Рози хеш бо ҳар кас гуфтан, сабуксориву нодонии мард бошад».

Ҳакимеро пурсиданд, ки чӣ беҳ кардаву чӣ беҳ нокарда? Гуфт: «Ростӣ карда беҳу ҷанг нокарда беҳ ва

[1] сабуксор – сабукмағз, беандеша, камақл

бадӣ боздошта беҳу роз нигоҳдошта беҳ».

Шеър:

*Чу дар дил нагунҷад-т рози касон,*
*Куҷо гунҷад андар дили дигарон.*
*Сухан, к-ӯ зи сиву ду дандон биҷаст,*
*Басе дар ду гӯшу дил андар нишаст.*
*Набояд дигарбора зӣ мардумон,*
*Сухан, к-аз даҳан ҷасту тир аз камон.*

Бузургон гуфтаанд: «Ҳар сирре, ки аз миёни ду кас берун омад, ба зарурат пароканда шавад». Маънӣ он аст, ки рози хеш бо кас нашояд гуфтан, хосса, бо занон ва ба ҳама ҳол аз занон беҳтар бояд нигоҳ доштан.

## Ҳикояти Ҳаҷҷоҷи Юсуф ва ҳоҷибаш[1]

Ҳикоят: Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро ҳоҷибе буд аз қадимулаҳду дерина ва ба шаб бо вай мунодимат ҳамекардӣ. Ба шабе дар аснои сухан Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Бо занон роз нашояд гуфт». Ҳоҷиб гуфт: «На ба ҳама занон, ки маро зане ҳаст, ки роз бо вай махфӣ монад». Ҳаҷҷоҷ хозинро[2] бихонд ва фармуд, то ҳазор динор биёвард ва мӯҳр барниҳоду ба ҳоҷиб доду гуфт: «Ин зар ба ту бахшидам, валекин ба мӯҳри ман бошад ва ба хона бигӯ, ки ин зар аз хизона дуздидаам ва аз баҳри ту овардаам, то ба маслиҳати худ сарф кунӣ». Ҳоҷиб зар бистаду ба хона бурд ва ба зан доду гуфт: «Ин зар аз хизонаи малик дуздидаам ва аз баҳри ту овардам». Ва баъд аз муддате Ҳаҷҷоҷ ҳоҷибро канизаке бахшид. Ҳоҷиб ба хона фиристоду баъд аз он шаб ба хона рафт. Зан гуфт: «Ин канизак чист?» Гуфт: «Малик бахшидааст». Зан гуфт: «Агар дилхушии ман металабӣ, ин канизакро бифурӯш». Ҳоҷиб гуфт: «Канизаке, ки малик бахшида бошад, чун шояд фурӯхтан?» Зан хомӯш шуд, то рӯзи дигар, ки шаб даромаду баъзе бигузашт, он гаҳ бархосту ба дари саройи

[1] ҳоҷиб – дарбон, пардадор
[2] хозин – хазинадор

Ҳаҷҷоҷ рафт ва аз пардадор роҳ хосту гуфт: «Бигӯ, ки зани фалон ҳоҷиб омадааст». Чун дастурӣ ёфт, даршуду салом дод. Ва баъд аз тамҳид хидмат арза дошт, ки чандин сол аст, ки шавҳари ман маро ба неъмати ту парварда аст. Акнун вайро бадбахтӣ намегузорад, ки ҳурмату амонати хидмати ту нигаҳ дорад ва ман аз Худои таоло метарсам ва аз мулозама меандешам ва кисаи зар берун оварду гуфт: «Ин зар шавҳари ман аз хизонаи ту дуздидааст ва аз барои ман оварда ва ман раво надоштам, ки харҷ кунам, ҳамчунон ба мӯҳри ту бозовардам». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Худои таоло туро хайр диҳод ва ҷазо ба некӣ кунод. Эй зани нек, эй муътамади мастура!»[1] Пас, чун берун рафт, Ҳаҷҷоҷ ба талаби ҳоҷиб фиристод ва чун ҳоҷиб биёмад, кисаи зар пеши ӯ ниҳоду гуфт: «Ин зар зани роздори ту овард, агар аз ҳақиқати кор огоҳ набудаме, зан ончунон карда буд, ки кӯдакони маҳалла ба сари вай бозӣ кардандӣ».

Шеър:

*Мабод эч кас, к-ӯ бигӯяд ниҳон,*
*Або[2] зан, ки расво шавад дар ҷаҳон.*

Ва Афлотун гӯяд: «Ҳар чизеро, ки нигаҳбон бештар бувад, ӯ муҳкамтар бувад, магар роз, ки ҳар чи нигаҳбони роз бештар бувад, роз ошкортар шавад».

Шеър:

*Шунидам, ки чизе бувад устувор,*
*Ки ӯро нигаҳбон бувад бешумор.*
*Магар роз, к-он гоҳ пинҳон бувад,*
*Ки ӯро яке тан нигаҳбон бувад.*

Ардашер гӯяд: «Забон буридан, беҳтар аз роз бозгуфтан».

Шеър:

*Агар роз хоҳӣ, ки пинҳон бувад,*
*Чунон кун, ки тадбир бо ҷон бувад.*

---

[1] мастура – худпӯшида, боҳаё

[2] або – бо

*Чу алмос, к-оҳан бибуррад ҳаме,*
*Сухан низ дилро бидаррад ҳаме.*
*Забонро бидоред ҳар ҷой суст,*
*Ки то розатон кас надонад дуруст.*

Фанохусрав гӯяд: «Ҳар кӣ рози хештан нигоҳ надорад, ба тадбири хеш хуррам набошад ва бар душман чирагӣ наёбад ва сир(р) бо аҳл набояд гуфтан, ки бо ноаҳли худ нагӯянд».

Шеър:

*Касе, к-оварад рози дилро падид,*
*Зи гетӣ ба кома[1] нахоҳад расид.*
*Нуҳуфтан сазад розро ҷовидон,*
*Ба ҷонбоз бояд-ш бастан ба ҷон.*
*Або дӯсту душман набояд гушод,(?)*
*Ба фарзанд мӯбад чунин кард ёд.*
*Шаманро[2] набинӣ чӣ гӯяд, шаман:*
*Магӯ роз бо як тан аз анҷуман.*

---

[1] кома – мақсад, мурод
[2] шаман – бутпараст

# БОБИ ПОНЗДАҲУМ
# ДАР ДУНЁВУ ҲИРСИ ДУНЁ ВА ОЗ[1]

Ба зарурат маълум шудааст, ки умри азиз агарчи дароз кашад, охир ба ниҳоят анҷомад ва зиндагонӣ агарчи пойдор бувад, оқибат ба фано адо кунад ва ҳосили касрати амволу захорифи[2] дунё ҷуз надомату пушаймонӣ набувад ва ҳиммате, ки ба куллӣ масруфи ин ҷаҳон гашта бошад, натиҷаи он ҷуз ҳамму[3] ҳузн набошад. Ва аз ин ҷост, ки Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«ар-Рағбату фи-д-дунё таксур-ул-ҳамма ва-л-ҳузна»*. Яъне, рағбат кардан дар дунё, ғаму андӯҳро бисёр гардонад, чӣ аз ҳутоми мумавваҳи[4] дунё он тавон бо худ бурдан, ки дар ин ҷаҳон оварда бошад.

Шеър:

*Бараҳна будӣ, к-омадӣ дар ҷаҳон,*
*Набуд бо ту чиз ошкору ниҳон.*
*Чунон, к-омадӣ, ҳамчунон бигзарӣ,*
*Хуру пӯшиш афзун туро бар сарӣ.*
*Хирадманд гӯяд, ки ҳаст ин ҷаҳон,*
*Яке пул бари роҳу мо ҳамраҳон.*

### Ҳикояти малик Манучеҳр ва Афросиёб

Ҳикоят: Малик Манучеҳр он гоҳ, ки дар Табаристон буд ва Афросиёб ӯро ҳисор[5] медод, баъд аз он сулҳ карданд.

[1] оз – тангчашмӣ, ҳирс, тамаъ, орзую хоҳиши зиёд
[2] захориф – зебоиҳо, ороишот, чизи зоҳиран ороста
[3] ҳам(м) – андӯҳ, ғам, ғусса
[4] ҳутоми мумаввaҳ – чизу чораи беарзиш, чизи беқадр
[5] ҳисор – иҳота кардан, муҳосира кардан, печонида гирифтан

Пас, аз баҳри лашкари хеш хутба кард ва аснои хутба гуфт, ки обову аҷдоди мо гузаштанду ҷаҳонро ба мо гузоштанд ва моро чора нест ва аз паи эшон бибояд рафтан, ки эшон моро ҳамчунонанд, ки бех мар дарахтрову мо эшонро чунонем, ки шох мар дарахтро, ки чун бехро қалъ[1] кунанд, пайдост, ки шохро аз паси ӯ чӣ қадар пойдорӣ бувад. Моро низ, ҳароина, аз паи эшон бибояд рафтан, ки ин сафаргоҳесту мардум бор баста ва ба сафар ҳамераванду ҳарчи бо эшон аст, ҳама ориятист ва орият ҳама ба эдар[2] бибояд гузоштан.

Ҳукамои Юнон гуфтаанд: «Ҷаҳон ба гуле шукуфта монад, ки андар миёни ӯ море хуфта бувад ва ба шакар монад, ки миёни ӯ сабир[3] бувад ва ба дарёи пургавҳар монад, ки баҳре[4] аз ӯ тавонгар шаванду баъзе дарвеш монанд».

Шеър:

*Касе, к-андар андӯҳи гетӣ фитод,*
*Мапиндор гар шод бинӣ-ш, шод.*

Афлотун гуфтааст: «Оз андар хӯришҳо омехта аст, нигар, то бисёр нахӯрӣ, то оз андар тани ту напароканад, ки чун парканда шавад, бо ҷон бароярд».

Шеър:

*Ҷаҳон оби шӯр аст чун бингарӣ,*
*Фузун ташнаӣ гарчи бешаш хурӣ.*

Батлимус гуфтааст, ки чирагии[5] оз бадтар аз чирагии душман аст, ки чун душман чира шавад, аз вай битавон гурехтан ва ҳам зинҳор хостану ҳам ба мол дафъ кардан, аммо оз чун чира шавад, аз ӯ натавон гурехтан ва ҳарчанд зинҳор хоҳанд, далертар шаваду ҳарчанд мол бибахшанд,

---

[1] қалъ – решакан кардан, аз бех баркандан

[2] эдар – ин ҷо

[3] сабир – гиёҳе талх бо баргҳои дароз (алоя)

[4] баҳре – баъзе, қисме

[5] чирагӣ – ғалаба, мусаллат

бештар хоҳад ва барнагардад, то ҳалок накунад.

Шеър:

*Зи душман ба динору бо зинҳор*
*Бирастан тавон, озро нест чор.*

Бинямус гӯяд, ки ин ҷаҳон подшоҳест, ки бар кас набахшояду бо кас дӯстӣ накунад ва агар ситоиши ӯ кунӣ, сипос надорад ва агар накӯҳиш кунӣ, бок надорад ва бидиҳад, беҳаққеву бозситояд, бегуноҳе.

Шеър:

*Напояд ҷаҳон бар ту в-ар поядӣ,*
*Аз ӯ ҳар бадӣ, к-оядӣ, шоядӣ.*
*Чунин омаду ту нахоҳӣ чунин,*
*Басанда наӣ бо Ҷаҳонофарин.*
*Нагардад ба коми ту ҳаргиз равиш,*
*Равиш дигару ту ба дигар маниш.*

Фиқровус гӯяд: «Агарчи солиён бисёр бимонему дунё ободон, охири кор марг танро вайрон кунад ва агар ҳазор сол ӯро ҷӯйем, дарнаёбем ва аз ӯ баҳраманд нашавему оқибат ба ҷой бигзошта шавад, ки он чи мо оби зулол пиндорем, шӯристон аст».

Шеър:

*Ба даст андарун ташнаро хоки шур,*
*Намояд чу об ин дурафшандаҳур.*
*Агар баршитобад бад-ӯ обҷӯй,*
*Наёбад бад-ӯ об, чун оби ҷӯй.*
*На мушк аст ҳар чи сиёҳӣ намуд,*
*Сиёҳӣ намояд ҳамон низ дуд.*
*На ҳар-ч ояд андар дили мо гумон,*
*Бар он гуна гардиш кунад осмон.*

Афлотун гӯяд: «Чаҳор чиз мардро ба чаҳор чиз расонад: Сабр – бад-он чи дӯст дорад. Кӯшиш – бад-он чи ҷӯяд. Зӯҳд – бад-он чи парҳезад. Хурсандӣ – бад-он чи тавонгар шавад».

Шеър:

*Ҳар кӣ дил кард бо ҷаҳон хурсанд,*
*Дилаш аз ранҷи ӯ наҷӯшидааст.*
*Гарчи дасташ тиҳист, Қорун аст,*
*В-арчи бошад бараҳна, пӯшидааст.*

Чиниён гӯянд: «Он чи дар ҷаҳон наёвардаӣ, гӯш мадор, ки берун барӣ ва ҳар чи аз ин ҷаҳон низ ба даст овардаӣ, на они ту хоҳад буд, ба ҷой бояд гузошт».

Шеър:

*Ҳар он чиз, к-андар ҷаҳон н-оварӣ,*
*Чаро гӯш дорӣ, ки берун барӣ.*
*Ҳама чизи ту ҳаст чизи касон,*
*Чу берун равӣ, бо зи эшон расон.*

Ҳаким гӯяд: «Чун ниёзманд ба хурсандӣ тавонгар шавад, ӯ тавонгартар аз тавонгар бувад ва тавонгаре, ки озманд бувад, дарвештар аз дарвеш бувад». Ва гуфтаанд: *«ад-Дунё ло тасфу лишорибин ва ло тафо бисоҳибин»*. Яъне, ин ҷаҳон гуворандаву пок нашавад ҳеч хӯрандаро, вафо накунад ҳеч ҷӯяндаро.

Афлотун гӯяд: «Дунё дарёст ва гузаштан аз ӯ мухотара[1] ва будан андар вай бо бим аст ва ҷаҳонро вафо набуваду ваъдаи ӯро умед набувад, тавонгарро дарвеш кунаду дарвешро тавонгар гардонад».

### Ҳикояти Сукрот ва узлат гирифтанаш[2]

Ҳикоят: Суқроти ҳаким аз мардум узлат гирифта буд ва ҷои хеш дар ғоре сохта. Ва андар он рӯзгор малики он ноҳият бемор шуд ва ин маликро вазире буд, ки шогирди Суқрот буд. Касеро ба рисолат ба талаби Суқрот фиристод, то биёяду маликро муолиҷа кунад. Суқрот иҷобат накард ва расул бозомад. Малик вазирро фиристод. Вазир чун биёмад, Суқротро дар он ғор дид,

[1] мухотара – хатарнок, бимнок

[2] узлат гирифтан – гӯшанишинӣ кардан, хилватгузинӣ кардан

пӯшиши хеш аз ҳашиш[1] карда ва порае гиёҳ пеш ниҳода, то бад-он рӯзаи худ бигшояд. Вазир пайғоми малик ба Суқрот расонид ва Суқрот ҳар суханеро ба ҳуҷҷат ҷавоб медод. Вазир гуфт: «Ба ҳуҷҷат машғул машав! Иҷобат кун, ки маликро муолиҷа кунӣ». Суқрот гуфт: «Ман хидмати маликони шумо надонам кардан». Вазир гуфт: «Агар ту хидмати малики мо тавонистӣ кардан, туро гиёҳ набоястӣ хӯрдан». Суқрот гуфт: «Агар ту гиёҳ тавонистӣ хӯрдан, туро хидмати чун ту махлуқе набоястӣ кардан».

Шеър:

*Раҳӣ, к-аз Худованд шуд бениёз,*
*Худовандии вай надорӣ ту боз.*
*Ба ҷои меҳ[2] аст аз миёни меҳон,*
*Касе, к-ӯ бипӯшад ниёз аз ҷаҳон.*

Ва аз ин ҷост, ки гуфтааст Расул, саллаллоҳу алайҳи, *«ал-Қаноъату молун ло йанфаду»*. Яъне, хурсандӣ молест, ки сипарӣ нашавад.

Шеър:

*Чӣ динору чӣ санг зери замӣ,*
*Ҳар он гаҳ, к-аз ӯ н-оядат хуррамӣ.*

Мурод он аст, ки мол он гаҳ некӯст, ки аз вай осоиши дунёву захираи охират тавон ҳосил кардан ва агар бар хилофи ин бувад, вуҷуду адами ӯ яксон аст.

Бузургон гуфтаанд: «Бадбахтии мардум ба оз андар аст, ҳамчунон ки гоз[3] зарро пора кунад, оз дили озмандро пора кунад, ки умри мардум андар озмандӣ бикоҳаду оз накоҳад. Бидон, ки бузургон, ки зоти хеш аз лаззоти дунё дур доштанд ва зинати ӯро ҷумла ба гӯшае ниҳоданд, ҳама бар ҷамъи амволи дунё қодир буданд, баъзе аҳли фазлу баъзе асҳоби амлок ва баъзе мулуку абнои мулук буданд,

---

[1] ҳашиш – гиёҳи хушк, алаф, хас

[2] меҳ – бузург, бузургвор

[3] гоз – абзоре қайчимонанд, ки ба он варақаҳои оҳанӣ, бахусус тилло ва нуқраро мебурранд.

на аз аҷз буд ва на аз аблаҳӣ, балки ба дидаи тавфиқ фанои дунёро бақои охират шинохтанд ва дил аз фонӣ бибуриданду дар боқӣ пайвастанд, ки ба рӯзгору гардиши фалак таъвил нанамуданд ва донистанд, ки бар гардиши рӯзгор эътимод нест».

Шеър:

*Шод будаст аз ин ҷаҳон ҳаргиз*
*Ҳеч кас, то ту низ бошӣ шод.*
*Дод дидаст аз ӯ ба ҳеч сабаб*
*Ҳеч фарзона, то ту бинӣ дод.*

Батлимус гӯяд: «Озманд ҳамеша дарвеш бувад, агар ҳама дунё ба масал ӯро бувад ва хирадманд тавоно бувад ва агар аз амволи дунё ӯро ҳеч набувад. Ва озро ба худ роҳ набояд додан, то бениёз шавад».

Шеър:

*Чу заҳре, ки орад ба тан дар гудоз,*
*Хирадро бад-он гуна бигдозад оз.*

Расул, саллаллоҳу алайҳи, фармудааст: *«Йуҳриму ибну одама ва йушибу фиҳи иснони: ал-Ҳирсу ъала-л-моли ва-л-ҳирсу ъала-л-ъумри»*. Яъне, одамӣ пир шаваду ду чиз аз ӯ ҷавон бимонад: Ҳирс бар мол ва ҳирс бар зиндагонӣ.

Ҳакимеро пурсиданд, ки гетӣ ба чӣ монад? Гуфт: «Ба хобе, ки хуфта бинад, чун бедор шавад, ҳеч наёбад». Ва масал задаанд, ки ин ҷаҳон чун сояи абр асту чун хоби хуфтагон. Чунонки амирулмуъминин Алӣ, разияллоҳу анҳу, фармудааст:

Шеър:

*Иннама-д-дунё казиллин зоилин,*
*Ав казайфин бота лайлан фартаҳал.*
*Ав канавмин қад раоҳу ноиман,*
*Фаизо мо заҳаба-н-навму батал.*

Яъне, дунё чун сояи гузаранда аст ё чун меҳмоне, ки як шаб бихусбаду биравад ё чун хуфтае, ки хоб бинад, чун бедор шавад, ҳеч наёбад.

Доноён гуфтаанд, ки мардум кӯшиш ҳамекунанд ба чанг овардани дунё ва зан(н) чунон баранд, ки ӯро тавон дарёфтан ва маълуми эшон нашудааст, ки ҳамон аст, ки гуфтаанд, ки ташна ба хоб андар об равшан ҳамебинад, чун бедор шавад, ташнатар бувад.

Шеър:

*Андар онӣ, ки ту ба ранҷу ано,*
*Тан бикоҳиву мол бифзоӣ.*
*То тавонгар, ҳамезийӣ ҷовид,*
*Ин набошад туро, чӣ фармоӣ?*

## Ҳикояти васияти Нӯшервон

Ҳикоят: Чун Нӯшервони одил ба шурафи марг[1] расид, дар охири васият гуфт, ки: «Чун ҷон аз тани ман берун ояд, маро пеши Худои таоло баред ва бар пешонии тобути ман нависед, ки: «Ҳар некӣ, ки аз пеш фиристодаӣ, умед медор, ки ба ту расад, ки ҳеч чизе беподош ба ҷой нагузоранд ва ҳар бадӣ, ки аз пеш фиристодаӣ, бо бим бош, ки наздик шудааст, ки мукофот ёбӣ ва бадо ҳоли ту агар рост нарафтӣ ва хунук[2] туро агар рост рафтӣ». Ва ин ангуштарӣ аз ангушти ман берун кунед, ки бар вай навиштааст, ки: «Эзад аст, ки намурдаасту намирад» ва боз бар сари тобути ман бинависед, ки: «Ин ҷаҳон ҳеч чиз нест ва дарнигаред бад-ин тани ман, ки чандин амволи дунё ҷамъ кард ва чӣ гуна даст боздошту ҷаҳонро ободон кард ва охири кор марг тани вайро хароб кард».

Шеър:

*Он чи гирд оваридаӣ ба ано[3]*
*В-оташаш бар дили ту афшондаст.*
*Бозмонад, зи ту, ки пеш аз ту,*
*Аз ҳазорон ҳазор кас мондаст.*

---

[1] шурафи марг – наздик ва остонаи марг

[2] хунук – хушӣ, хушбахтӣ

[3] ано – ранҷ, машаққат

## Ҳикояти реҳлати Зулқарнайни Искандар

Ҳикоят: Зулқарнайни Искандари файласуф ба вақти реҳлат аз дори фано ба дори бақо вафоти худро аз сари ҳикмат ба фаросат дарёфт. Ҷамоати ҳукамову ҷамоҳиру машоҳири он асрро, ки дар хидматаш мулозим буданд, чун Афлотуну Батлимусу Арастуву Фисоғурс ва дигар файласуфонро бихонд ва фармуд, ки вафоти ман наздик расидааст. Бар шумо бод, ки чун ҷоми он шарбат, ки ҳамагон аз он чашиданд, ба мӯҷиби ишорати раббонӣ, ки: *«Куллу нафсин зоиқат-ул-мавти»*[1] – маро низ бичашонанд, марқади моро чун ба наздики модарам, ки духтари Қайсари Рум аст, хоҳанд бурдан, мебояд, ки ҷумла сипоҳу лашкар ва хадаму ҳашами ман силоҳпӯш ва савор шаванд ва ҳар донишманду имоме, ки дар мамолики ман аст, ҳар як мусҳафе дар даст гиранд ва ҳар хазинаву дафинае, ки мароcт, ҷумларо бор кунанд ва пеш аз расидани марқади ман ин ҳамаро ба модарам арз кунеду бигӯед, ки маргро ҳеч чора наёфтем, агар чора ба лашкару сипоҳ мумкин будӣ, инак лашкарҳои рӯи замин, ки дар ҳукми Искандар буданд ва агар ба дуову тасбеҳу таҳлил рад шудӣ, инак уламову фуқаҳову машоихи олам, бо адъияву тасбеҳҳову таҳлилҳо, ки зикру дуо мекунанд ва агар ба молу хазоин бифурӯхтандӣ, инак моли рӯи замин, ки Искандарро буду ба сад ҳазор чандин истизҳору[2] истеъдод дошту дафъи маргро чора наёфт ва ба дори бақо раҳил кард.

Ва фармуда буд, ки як дасти ман аз тобут берун гузоред ва пораи карбос дар кафи ман ниҳед ва бигӯед, ки Искандарро аз қарн то қарн оламро мусаххари худ гардонид, чун марг даромад, вайро мусаххари хок кард ва аз подшоҳии рӯи замин ҳамин карбоспора бо худ мебарам.

---

[1] Яъне: Ҳар як нафс чашандаи марг аст (сураи Анбиё, ояти 35).

[2] истизҳор – пуштибон, такягоҳ

Ва туро, ки модари ӯйӣ васият кард, ки тазарруъву ҷазаъ[1] бисёр макун, рав бо касе тазарруъ кун, ки ӯро ҳеч азизе дар хок набуда бошад. Чун оламиёнро аз ин мусибат ногузир аст, ҳароина сабр бояд кардан, то мӯҷиби исён набошад.

Ва чун он сӯхтаи бечора ин васияту насиҳат шунид, зориву навҳаро камтар кард ва шикебоӣ намуд. Пас, Искандарро дар дахма[2] ниҳоданд ва пардаву ҳиҷоби таворӣ[3] даровехтанд.

Ва баъзе аз ҳукамои ҷумҳуру фузалову уқалои машҳур бар сабили рои арбоби фусул ва такмил-ул-боби уқул, муттафақ-ул-қавли ва-л-маъно гуфтанд, ки ҳоли ҳаёти Искандарро дидем, ки ҷаҳонро бигрифту рубъи маскунро[4] мусаххари худ гардонид ва дар баррийя[5], ки ҳеч кас мадхал накарда буд, даромад. Ҳоли мамоташро низ мушоҳида ва мутолиа кунем, то аз аъзои мустархиву[6] мунҳарифгаштаи вай чӣ содир гардад ва муддате мутарассиду мутараққиб дар дахмаи вай мебуданд, ҳеч асар надиданд. Пас, дар маноқиби вафоти вай ва ҳоли аҳволи ӯ чизе аз сари ҳикмат бигуфтанд. Бидон, ки Искандар дурру гавҳар ва ёқуту зумуррад фаровон дошт, ҳамроҳон бисёр буданд, аммо Хизру Илёс, салавотурраҳмони алайҳимо, ки оби ҳаёт доштанд, Мӯсо, алайҳиссалом, ба суҳбат дарнагунҷид. *«Иннака лан тастатиъа маъия сабран»*[7]. *«ал-Имону урёнун ва либосуҳ-ут-тақво»*[8]. Тобути заррин бар сари гӯр биниҳоданд. Чанд кас аз ҳукамои бузург, ки ҷамоҳири аср буданд, он ҷойгоҳ ҳозир шуданд. Яке гуфт: «Ё Искандар!

[1] ҷазаъ – илтимосу илтиҷо бо хориву зорӣ

[2] дахма – қабр, мақбара

[3] таворӣ – пӯшонанда

[4] рубъи маскун – чоряки сайёра

[5] баррийя – хушкӣ, замин

[6] мустархӣ – суст, аз кор афтода

[7] Яъне: Дар ҳақиқат ту ҳамроҳии маро наметавонӣ сабр кард (сураи Каҳф, ояти 67).

[8] Яъне: Имон бараҳна аст ва либоси он тақво мебошад.

То акнун ту зар пинҳон мекардӣ ва акнун зар туро пинҳон мекунад». Дигаре гуфт: «Дар ҷаҳон аз модар ҷоҳил зодему дар вай ғофилвор зиндагонӣ кардем ва аз вай бо кароҳият муфориқат[1] намудем». Зинуни Асғар гуфт: «Эй Сикандар! Набудӣ, пас бибудӣ ва чун сояи абре, ки нест шавад, чун соя сипаронидӣ, дар мулки ту аз ту асаре намонд ва на касе дигар аз ту хабар диҳад». Афлотун гуфт: «Эй соъии мутаассиб![2] Ҷамъ кардӣ он чи сабаби хазлони[3] туст ва пушт бар вай кардиву ба ҷой бигзоштӣ ва машаққати вай ту кашидиву азоби вай бар ту лозим шуд ва аз он роҳату манфиат дигареро хоҳад буд». Дигаре гуфт: «Нигоҳ кунед, ки хоби хуфта чун ба сар омад ва бастагиҳои абр чун гушода гашт». Дигаре гуфт, ки ин подшоҳ чанд касро бимиронид, то магар худ намирад ва ҳеч касу ҳеч чиз дафъи марги вай накард. Дигаре гуфт: «Эй Искандар! Чанд вилояту aқолим барнаваштӣ,[4] то туро ду газ замин барнавашт». Дигаре гуфт: «Ин подшоҳ ба ғайри уддаву[5] аъвон[6] ҳеч сафаре накардааст, ҷуз ин бор». Дигаре гуфт: «Ё Сикандар! Акнун ту тавонистӣ кардан ва ман натавонистам гуфтан ва акнун ман метавонам гуфтан ва ту натавонӣ кардан». Дигаре гуфт: «Ё Сикандар! То акнун хасмон туро хушнуд мекарданд, акнун туро бояд эшонро хушнуд гардонидан». Дигаре гуфт: «Ҳеч чиз намебинам, ки бо ту ҳамроҳ шуда, магар кирдори ту». Дигаре гуфт: «Дӣ талъати ту бар мо, ҳаёти ту буд, имрӯз дар назар кардан, муфзӣ[7] ба беморист». Дигаре гуфт: «Aқолим акнун дар изтироб афтаду аҳли вай мутаҳаррик шавад, ки ту сокин шудӣ». Байте дар васфи

---

[1] муфориқат – ҳамроҳӣ кардан, рафиқӣ кардан
[2] соъии мутаассиб – сахткӯшанда (дар ҷамъ намудани дунё)
[3] хазлон – бебаҳрагӣ, бечорагӣ, хорӣ
[4] барнаваштан – тасхир кардан, зери тасарруфи худ даровардан
[5] аъвон – мададгорон, ёрон
[6] удда – тӯша, зоди роҳ
[7] муфзӣ – бапоёнрасонанда, тамомшаванда

ҳол:

*Сикандар ҳамегашт гирди ҷаҳон,*
*Ба рӯзу ба шаб сахт баста миён.*
*Зи ҳирсу ҳавас ҳеч нагнуд аз он,*
*Магар то бимонад ба шоҳӣ замон.*
*Ба зулмот дар шуд, ки ёбад ниҳон,*
*Аз оби ҳаёташ хурад, то замон.*
*Басе ранҷ бурду на бар хӯрд аз он,*
*Бараш Хизру Илёс хӯрда аён.*
*Пас он гаҳ ба таҳсили молу ҷаҳон*
*Бикӯшиду бигрифт беҳад(д) аз он.*
*Ба охир гузар кард зи эдар чунон,*
*Ки дарвеш мирад басе ҳамчунон.*
*Намондаст бо кас ҳаме, нек дон.*
*Ба зеҳнат қарин ҳастии бегумон,*
*Ки то зинда монӣ ҳаме ҷовидон.*
*Ту хоҳӣ, ки монӣ басе солиён,*
*Валекин бинагзорадат Ҷонситон.*
*Ҳамин аст амсоли пешиниён,*
*Бинӯш, эй писар! Ту ба равшанравон.*
*В-агар панд напзирад аз бихрадон,*
*Ба охир фурӯ монӣ то ҷовидон.*
*Чунон рафт дорои ганҷ аз ҷаҳон,*
*Ки дарвештар кас равад ҳамчунон.*
*Зи модар бизодӣ ҳаме урён,*
*Чунон, к-омадӣ, рафт хоҳӣ аён.*
*В-агар хайр кардӣ, биёбӣ чунон,*
*Бимонад ба эдар зи ту, нек дон.*
*В-агар лутф(у) унфе намудӣ ниҳон,*
*Ба уқбо диҳандат ҳамон то занон (?).*

**Ҳикояти Кайхусрав**

Ҳикояти Кайхусрав: Овардаанд, ки дар охири подшоҳии вай зуҳури Сулаймон пайғамбар, салавотуллоҳи

алайҳи, шуд. Манҳиён[1] хабар ба умарову нуввоб ва ҳуҷҷоби Кайхусрав расониданд, ки ҷулуси Сулаймон пайғамбар шуд дар подшоҳӣ. Чунонки ваҳшу тайр мунқоди[2] амр оварданд ва деву парӣ мутеъанд ва ҷинну инс мутобиат менамоянд. Пас, нуввобу ҳуҷҷоб назди Кайхусрав шуданду гуфтанд, ки соҳибқироне падид омадааст, ки дар ҳеч аҳде падид наёмад. Чунонки боди тез дар ҳукми вай аст, ки тахти подшоҳӣ вайро якмоҳа роҳ ба як рӯз мебараду якмоҳа роҳ ба як шаб мерасонад. Ва бар ин насси Қуръон нотиқ аст, ки: *«Ғудуввуҳо шаҳрун ва равоҳуҳо шаҳрун»*[3]. Аз он ҷо, ки рои соиб ва фикри соқиби[4] шоҳи Эрон, марзбони Юнон, фармондеҳи Тӯрон аст, иқтизо кунаду бихоҳад ва ба шарафи нафси худ иқдом намояд ва ба таҳнияту тамҳиди узрхоҳону муборакгардони нубувват ва подшоҳӣ, то ҷониби вай илтиём пазируфта бошад, мабодо ҳосидони булдон ва ноқилони дунсифатон ба хилофи ҳол чизе намоянд, ки подшоҳиро ҳасудон бисёр бошанд, дар миёна гарди адовату занги кудурат рӯй намояд. Пас, ба тариқи он авлотар, ки иқдом намоӣ, пеш аз он, ки ба талаб фиристад ва бар тариқи истеҳзо туро бар хеш хонад, ки он мӯҷиби хиффати нафсу ҳақорати давлат бошад. Пас, Кайхусрав рӯй ба вузарову ҳуҷҷобу хавос(с) карду гуфт, ки пеш аз шумо ба фиросат донистам, ки подшоҳе соҳибқирону бонубувват, ки дар қарнҳои бисёр чун ӯ валиаҳде наёмадааст, беҳ аз он нест, ки подшоҳиро тарк кунам ва ба виқори нафс бозмонам, ки бо вай адоват пеш наравад. Балки агар касе тамаррруд кунад аз амри вай, осеб расонад. Пас, эй бузургону аркони давлати ман! Ҳар як бар кору аҳволи худ мустағриқ бошед, то ман низ ба салоҳи кору аҳволи худ машғул шавам, ки мо баъд аз ин аз подшоҳиву аморат

[1] маҳниён – ҷосусон, хабаркашон

[2] мунқод – фармонбардор

[3] Яъне: Сайри аввали рӯзи он якмоҳа роҳ буд ва сайри охири рӯзи он низ якмоҳа роҳ буд (сураи Сабаъ, ояти 12).

[4] соқиб – равшан, дурахшон

сер шудем ва ҳеч доияе намонд, ки подшоҳӣ ба вуҷуди Сулаймон пайғамбар тамкин наёбад. Авлотар он, ки ман, ки Кайхусравам, рӯй даркашам ва даст аз ҷаҳону подшоҳӣ бидорам ва ба ношиносу мақоми холӣ сар фуруд орам ва ҳеч касеро аз ҷиҳати мо аламеву офате нарасад ва салиму фориғ гетӣ аз ман сипарида шавад. Ва бар шумо васият бод аз ман, ки Кайхусравам, ки ҳеч офарида аз ақорибу абоид[1] ва хосу ом аз рӯи таассуб ё шафқату вафодорӣ дар паи мо иқдом нанамоянд ва илло ба соиқаи[2] Худои таоло ва офату бало гирифтор шаванд ва агар касе аз мо напазирад ва дар паи мо ояд, аз рӯи вафодориву муҳаббат ва ҷонсупорӣ, ба ҳақиқат ҳалок шавад. Пас, Кайхусрав рӯй аз подшоҳӣ бартофт ва сар бар ҷониби сарир ниҳоду рафтан гирифт ва баъзе хавос(с) аз рӯи шафқату вафодорӣ дар паи Кайхусрав равона шуданд ва он мавсим тобистони қалб буд, ба сунъи борӣ бориши барф ва дима[3] гирифт ва касоне, ки дар паи Кайхусрав рафта буданд, ҳалок шуданд ҳама, чунонки ҳеч офарида паи Кайхусрав наёфт ва надонистанд, ки куҷо шуд, то Кайхусрав ба сарир пайваст ва мағорае буд, дар он ҷо даршуд ва дари мағора нопадид гашт ва дарҳам омад. Ва чун муддати подшоҳии Сулаймон пайғомбар, салавотуллоҳи алайҳи, ба инқироз пайваст ва замона бар вай сипарида шуд, аз рӯи ҳикмату бахшоиши азамат дари мағора гушода шуд, дар ҳар соле як бор. Чун идеву ҷашне халқи оламро пайдо шуд ва бар асосу аркони подшоҳӣ оин бистандӣ ва баъд аз намози шом ҷумла халқ аз мағора берун омадандӣ ва дари мағора боз мусаммат[4] шудӣ. Ва баъд аз замонҳои бисёр соле мавсими ҷашн расида буд ва аз ҳар атрофе халқе ҷамъ шуда буд ва аз он қавм се нафар машоихи сарупобараҳнагон ҳам дар мағора рафта буданд ва дар он тахти мурассаъи кайхусравӣ мутаҳаййиру ҳайрон

[1] абоид – бегонагон, дурон
[2] соиқи – оташи осмонӣ
[3] дама – тӯфоне, ки бо барфрезӣ бархезад.
[4] мусаммат – баста, баҳамкашида

монда, то шаб даромад ва халқ аз мағора бадар омаданд, он се нафар машоих ба тамаи он, ки аз он тахт чизе бистонанд, дар кунҷе фурӯ нишастанд. Чун шаб даромад, берун ҷастанд ва қасди тахти кайхусравӣ карданд. Пояи тахтро бишикастанду қасди берун омадан карданд ва ба сунъи Борӣ таоло дари мағора мусаммат шуда буд ва машоихонро маҷоли берун омадан набуд ва чандонки ҷидду ҷаҳд намуданд, фоида надошт, то ҳар се нафар ҳалок шуданд ва он пояи тахт ноқису шикаста бимонд, то зуҳури Тотор, даммараллоҳу ъалайҳим ва ъала-л-кофирин,[1] шуд, қудуми эшон ба шаҳри Дарбанд расид. Тохтан бар сарир бурданд ва мағораро хароб карданду тахти кайхусравиро дарҳам шикастанд ва ба тороҷ бурданд.

Пас, бидон, эй бародар, ки ҷаҳон бар касе вафо накард ва оқилонро бад-ин байте чанд иктифо бояд намуд.

Шеър:

*Ту аз кори Кайхусрав андоза гир,*
*Куҳан гашта кори ҷаҳон, тоза гир.*
*Ҷаҳондори сахту пасаш сустгир,*
*Ба сахтиву сустӣ ту яксон пазир.*
*Машав ғарраи шоҳу андарз гир,*
*Басе дид даврон чу ту ногузир.*
*Пас аз маргашон монд ҳам дору гир,*
*Ҳамин аст саранҷоми барнову пир.*
*Ба нерӯ, ки буданд гетипазир,*
*Зи некӣ бирав, ёру анбоз гир.*
*Зи ҳар бад ту биҳрос, эй ёфагир,*
*Ки уқбо шавад мар туро дастгир.*
*Ба шоҳӣ ҷаҳонро ту обод гир,*
*Ба миоди ҷовид ҷаҳде пазир.*
*Пас аз мо ҷаҳон ҳасту обод гир,*
*Бару бумро зишт ё нағз гир.*
*Зи изҳори мурдан ту андоза гир,*
*Маёзор касрову некӣ пазир.*

---

[1] Яъне: Худованд онон ва кофиронро нобуд созад.

# МУНДАРИЧА

Ҳикмат сармояи мост . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3
Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
**Боби аввал.** Дар хирад ва хасоили хирадманд . . . . . . . . . . 11
**Боби дувум.** Дар ситоиши донишу аҳли дониш ва хасоили мардуми доно . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 19
**Боби савум.** Дар нодониву аломати нодонӣ ва муҷтаниб будан аз нодон . . . . . . . . . . . . . . . . . . 28
**Боби чаҳорум.** Дар сухан гуфтан . . . . . . . . . . . . . . 32
**Боби панҷум.** Дар ҳикмату амсол ва насиҳат . . . . . . . . . . 39
**Боби шашум.** Дар дӯстӣ ва ҳуқуқи дӯстӣ . . . . . . . . . . . . 46
**Боби ҳафтум.** Дар душманиву асбоби душманӣ ва кайфияти душманӣ кардан . . . . . . . . . . . . . . . . . . 51
**Боби ҳаштум.** Дар насиҳату мавъизаи фарзанд ва дар тарбияти вай . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 59
**Боби нуҳум.** Дар подшоҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 67
**Боби даҳум.** Дар хидмати подшоҳон . . . . . . . . . . . . . . 79
**Боби ёздаҳум.** Андар сабр ва шитоб . . . . . . . . . . . . . 85
**Боби дувоздаҳум.** Дар некӣ ва бадӣ . . . . . . . . . . . . . 90
**Боби сездаҳум.** Дар хӯи неку бад . . . . . . . . . . . . . . 96
**Боби чаҳордаҳум.** Дар нуҳуфта доштани розҳо . . . . . . . 100
**Боби понздаҳум.** Дар дунёву ҳирси дунё ва оз . . . . . . . . 105

ISBN 978-99975-41-73-4

**Абӯҳафс Маҳмуди Исфаҳонӣ**

# ТУҲФАТ-УЛ-МУЛУК

Мусаҳҳеҳон:
**Бахром Раҳматов ва Нӯъмонҷон Неъматов**

Муҳаррири техникӣ:
**Абдумаҷид Абдусамадов**

Ба матбаа 8.07.2015 супорида шуд. Ба чоп 11.08.2015 имзо шуд.
Андозаи қоғаз 60x84 1/16. Чопи офсет. Қоғази «Снегурочка».
Ҷузъи чопӣ 7,0. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Супориши №3767. Теъдод 100 нусха.

Матбааи «Ношир»,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735714, ш.Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев, 2
тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj